Омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Эмомалӣ РАҲМОН


# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА** - ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА** - муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА** - директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ** - раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА** - президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА** - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА** - раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА** - сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ** - сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА** - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА** - узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА** - муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД** - муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО


**Маорифи Тоҷикистон**


**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj



**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60х84 1/8. Адади нашр 6645 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№7**

**№7 (243), 2025**

# М У Н Д А Р И Ч А


**ДАР ҲОШИЯИ МУЗОКИРОТУ МУКОЛАМАИ СОЗАНДА**

Ш. РАҶАБЗОД. Ояндаи неку самарабахши рушду шукуфоии Тоҷикистону Қирғизистон....3

**РАҲНАМО**

А. ОРИФОВ, А. ОДИНАЕВ. Иқдомҳои Пешвои миллат дар масъалаи мубориза бо экстремизм ва терроризм....5

**ИСЛОҲОТ**

Н. АБДУРАШИТОВ. Методологияи таълифи китобҳои дарсии насли нави зинаи таҳсилоти ибтидоӣ....9

**ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ**

М. МАДАТЗОДА. Махсусияти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим....16

**ТАЛАБОТ ВА ИҶРО**

С. НАБИЗОДА. Дарёфт ва рушди истеъдодҳо – талаби замон....20

**ТАЪТИЛ**

С. НАБИЗОДА. Истироҳат барои бачаҳо зарур аст....23

**УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ**

М. МИСПОҲОВА, З. ҶАББОРОВА. Омӯзгор ва баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён....27

**РИСОЛАТИ МАКТАБ ВА ОМӮЗГОР**

Қ. МУЛЛОЕВА. Нақши муассисаҳои таълимӣ дар таҳкими суботи ҷомеа....29

**ПСИХОЛОГИЯ**

С. ҲАКИМОВ. Худтанзимкунии наврасон дар раванди корҳои илмию тадқиқотӣ....32

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

М. МАҲКАМОВ, Ф. ОХУНОВА. Ҳалли муодилаҳои дутағйирёбандадор дар соҳаи ададҳои бутун....35

**ТЕХНОЛОГИЯ ВА ЗАМОН**

Н. НУРАЛИЗОДА. Инноватсия: таълими Stem дар Тоҷикистон....39

**РИЁЗӢ**

З. КОТЛОБАЕВ. Кашфи мафҳумҳои математикӣ....42

**ВОЖАҲОИ ҶАҲОНГИР**

М. ОЛИМҶОНОВ. Оинаи тавонмандиҳои забони тоҷикӣ....45

**ПАЖУҲИШ**

С. ШАЙНАКӢ. Таҳаввулоти таърихии сози чанг ва маънии истилоҳи «Чанг» дар адабиёти классикии тоҷику форс....52

**ОЛИМОНИ МО**

А. АБДУСАМАДОВ. Зиндагӣ ва фаъолияти ибратомӯз....56

**САНАД**

Тартиби қабул, бақайдгирӣ, нигоҳдорӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот....58

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИДОВ. Муаммои «Нодир»....64

# ОЯНДАИ НЕКУ САМАРАБАХШИ РУШДУ ШУКУФОИИ ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН



**Шодӣ РАҶАБЗОД – адиб**

**Тайи чанд соли охир дар масъалаи муносибату равобити байни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, ба хусус, Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Қирғизистон дигаргуниҳои ба назар намоён ва судманд ба амал омад, ки онро метавон гардиши куллӣ дар самти ҳамкориҳои иқтисодию саноатӣ ва иҷтимоии ин кишварҳо унвон кард.**



Ин тағйироту дигаргуниҳои азими сиёсӣ ба шарофати гомҳои устуворонаи сарварони кишварҳои мазкур, хираду фазилати сиёсӣ, дурандешиҳои огоҳмандона ва дар зимн, мусоидат ба рушду пешрафти давлатҳои минтақа дар тамоми соҳаҳо амалӣ мегардад.

Дӯстию равобити кишварҳои Тоҷикистону Қирғизистон собиқаи деринаи таърихӣ дошта, бо вуҷуди мураккабию тазод ва ихтилофот дар масоили марзӣ дар замони муосир бо ибтикори сарони ду давлат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров ҳалли мусбати худро ёфтанд ва ин аз ояндаи неку самарабахши рушду пешрафт ва шукуфоии ин ду кишвар шаҳодат медиҳад. Анъанаҳои неки ҳамсоягӣ, робитаҳои иқтисодию фарҳангӣ ва таҳкими сулҳу субот дар минтақа ба талошҳои пайгиронаи сарони ин кишварҳо иртиботи амиқ дорад, ки хушбахтона, вохӯрию мулоқоти раҳбарони ду давлат, ки чанде қабл, дақиқтараш 8-уми июли соли 2025 дар Душанбе ба вуқӯъ пайваст, дар ин самт гоми ҷиддист. Вохӯрии сарони ду давлат дар замони муосир, ки ҷаҳон дар марҳалаи ниҳоят ҳассосу мураккаб ва метавон гуфт, хатарзо қарор дорад ва ҳар лаҳза раванди сулҳу субот, ҳусни тафоҳум ва амнияти халқияту миллатҳои кишварҳои алоҳида зери суол бурда мешавад, аҳаммияти бузургеро касб мекунад. Ваҳдату муттаҳидӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, қадамҳои устуворона барои Тоҷикистону Қирғизистон дар ҳалли масоили гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таҳкими дипломатияи сиёсӣ, бартараф намудани мушкилоти глобалии минтақа ва амсоли ин дар мадди аввал қарор мегирад. Беҳтарин дастовард ва муваффақияти ҷонибҳо дар роҳи расидан ба ҳусни тафоҳум ва сулҳу созиш рафъ намудани мушкилоту нофаҳмиҳо дар масъалаи марзӣ ба шумор мерафт, ки дар ин мулоқот ба таври мусбат анҷомид. Дар изҳори матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯйи натиҷаҳои музокирот

бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон, муҳтарам Садир Жапаров (8 июли соли 2025) ба таври махсус зикр гардид:

«Зимни музокироти имрӯза, ки дар руҳияи ҳамдигарфаҳмӣ ва муколамаи созанда сурат гирифтанд, мо тамоми маҷмуи муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистонро муфассал баррасӣ намудем. Дар ин замина, мо тамоюли таҳкими муколамаи сиёсиро дар сатҳи олӣ ва баланд махсусан таъкид кардем. Мо талошҳои тарафайнро барои ҳарчи зудтар анҷом додани демаркатсияи сарҳад ва пурзӯр намудани тадбирҳои эътимод дар минтақаҳои наздисарҳадӣ зикр намудем».

Воқеан, бе сулҳу субот ва амнияту зиндагии хушбахтона дар минтақа, расидан ба ҳадафҳои нек, ки барои рушди иқтисодию иҷтимоии ҳарду кишвар мусоидат хоҳад кард, муваффақ гардидан имконнопазир аст. Сулҳу амонӣ, ки дар таърихи адабиёту фарҳанги Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қирғизистон ғояи консептуалиро доро мебошад, махз ба ҳамзистии осоиштаи миллатҳои тоҷику қирғиз нигаронида шудааст. Бузургону саромадони адабиёти муосири кишварҳои мазкур, устодон Садриддин Айнӣ ва Мухтор Авезов, Мирзо Турсунзода ва Чингиз Айтматов дар осори хеш ба сифати ҳомӣ ва вассофи сулҳу амонӣ анъанаю суннатҳои куҳани дӯстию бародарии ин ду миллатро тарғиб кардаанд. Ан ин рӯ, ба роҳ мондан ва тақвияту густариши равобити фарҳангиву адабӣ дар байни ҳарду кишвар заминаи муътамади ба ҳам наздикшавии миллатҳои тоҷику қирғиз гардида, барои тарғиби ғояҳои дӯстию ҳамсоядории онҳо таъсири нек хоҳад гузошт. Чунин раванди файзбахш аллакай дар таҷлили ҷашну идҳои мухталиф барои ҳарду миллат хусусияти муштарак дошта, дар сатҳи баланду ботантана баргузор намудани рӯзҳои таърихӣ реша дар таҷрибаи дерини онҳо дорад. Вусъат бахшидани муносиботу ҳамкориҳои фарҳангию адабӣ барои минбаъд дар такомулу таҳаввули дӯстии байни ҳарду миллат нақши барҷаста хоҳад гузошт. Афзун бар ин, вохӯрии сарони ҳарду кишвар ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Бесабаб набуд, ки дар меҳвари музокирот асосан ҳалли масоили иқтисодӣ қарор дошт, ки воқеан, заминаи пешрафту тараққии кишварҳо ба шумор меравад. Созишномаҳое, ки дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, гидроэнергетика, нақлиёт, саноат, кишоварзӣ ва сайёҳӣ ба имзо расиданд, аз аҳаммияти бузурги дурнамои пешрафти ду кишвар шаҳодат медиҳанд. Бояд зикр намуд, ки нақши Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу субот ва барқарории фазои дӯстию ваҳдат дар минтақа хеле бузург буда, маҳз бо ибтикори ватандӯстона ва сулҳомези ин абармарди арсаи сиёсат дар баробари ҳамкориҳои иқтисодию саноатӣ, энергетикӣ, кишоварзӣ ва амсоли ин, масоили барқарор намудани гузаргоҳҳои сарҳадӣ, аз ҷумла, гузаргоҳи «Тоҷварон – Қарамиқ» дар самти беҳбуд бахшидан ба дӯстию ҳамсоягии сокинони ноҳияҳои марзӣ аз талошҳои бесобиқаи Сарвари давлати тоҷикон маҳсуб меёбад. Мусаллам аст, ки роҳи васеъ кушодан ба густариши равобити тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ баҳри рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодиёт ва саноат омили муҳим ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар вохӯрии раҳбарони ду кишвар ин масъала низ ҷойгоҳи калидӣ дошта, ҷиҳату таҳвияти ҳамкориҳо дар сектори хусусӣ дар бахшҳои тиҷорат ва сармоягузорӣ аз аҳаммияти вижа бархурдор мебошад. Бо ин мақсад, тасмими якҷоя дар хусуси таъсиси Шурои тиҷоратии палатаҳои савдо ва саноати ду кишвар дар самти рушди соҳибкорӣ талаби замон мебошад. Дар вохӯрию мулоқоти мазкур Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун фарди меҳанпарвару сулҳхоҳ таваҷҷуҳи раҳбари кишвари ҳамсояро ба хатарҳои рӯзафзуни ҷаҳони муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизм, зуҳуроти тундгароӣ, ҷинояткории киборӣ ва ғайра равона карда, дар ин самт кӯшиши мубаризаи дастҷамъонаро аз вазифаҳои асосӣ ҳисобиданд.

Тавре дар хатми нишасти матбуотӣ Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд:

«Итминон дорам, ки тавофуқҳои аз рӯйи натиҷаи сафар бадастомада барои тавсияи тамоми доираи муносибатҳои дуҷониба дурнамои нав мекушоянд.

Онҳо талошҳои муштараки ҷонибҳоро барои таъмини субот ва шукуфоии пойдор ба нафъи мардуми ду кишвар ва минтақа инъикос мекунанд».

Воқеан, ҳадафи ниҳоии ҳарду миллат низ дар муҳиту фазои сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ ва анъанаю суннати неки ҳамсоягӣ зиндагӣ ба сар бурдану фаъолияти судмандро ба роҳ мондан аст.

# ИҚДОМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР МАСЪАЛАИ МУБОРИЗА БО ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

**Абдулло ОРИФОВ – мудири шуъбаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи АТТ, номзади илмҳои химия,**
**Абдусаттор ОДИНАЕВ – мудири кафедраи таҳсилоти касбии ДҶТИБКСМ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент**

**Терроризм ватан, забон, нажод ва дин надорад. Ин бадбахтии оламшумуле гардидааст, ки ба муқобили он якҷоя мубориза бурда, ба ҳамдигар кумак расонда, тадбирҳои худро мувофиқ сохтан зарур аст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Вақте ки ба таърихи мавҷудияти давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон назар мекунем, аз назари ҳимояи амният ва нигаҳдории сулҳу субот дар қаламрави кишвар халқи тоҷик мушкилоти зиёдеро паси сар кардааст. Рафъи мушкилот ва паси сар кардани садду душвориҳо ба осонӣ ба даст наомадааст. Дар саргаҳи ин ҷоннисориҳо фарзанди шоистаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистанд, ки шахсияти эшон намунаи олии иродаи қавӣ, далериву нотарсӣ ва заковатмандиву дурбинии сиёсӣ мебошад. Дар замони соҳибистиқлолӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо барои сулҳу субот, балки барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар низ саҳми беназир гузоштанд. Бо ташаббусҳои эшон Тоҷикистон ба як майдони созандагӣ табдил ёфта, дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро мустаҳкам намуд. Бунёди роҳҳо, иншооти энергетикӣ, мактабу беморхонаҳо ва дигар иншооти муҳим гувоҳи равшани ин гуфтаҳост. Пешвои миллат дар сиёсати хориҷӣ низ пайваста манфиатҳои миллиро ҳимоя намуда, барои таҳкими ҳамкориҳо бо кишварҳои дӯст ва шарикон талош меварзанд. Тоҷикистон таҳти роҳбарии Сарвари Давалат дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона ширкат варзида, барои таъмини сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон саҳм мегузорад. Руҷуъ ба таърихи даврони ҷанги шаҳрвандӣ моро ҳушдор медиҳад, ки ба имрӯзу фардои худ бо чашми ибрат назар андозем, фаромӯш насозем, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ




бештар аз 100 ҳазор нафар (1,5% аҳолӣ) ҷони худро аз даст доданд, 100 ҳазор кас бе ному нишон гум шуданд, беш аз 25 ҳазор зани тоҷик бе шавҳару 60 ҳазор тифл ятим монда, садҳо манзили истиқоматӣ вайрону валангор гашт.

Таърих гувоҳ аст, ки маҳз баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) ва бо қарори Шурои Олии Тоҷикистон интихоб шудани фарзонафарзанди миллати тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин нобасомониҳо нуқтаи таммат гузошт ва марҳалаи нави зиндагии мардум оғоз гардид. Аз ҳамон лаҳзаи интихоб Пешвои миллат ба масъалаи амнияти кишвар эътибори махсус зоҳир намуда, тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳу амният, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шуруи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуданд. Ин нуқтаи назари Раиси Шурои Олӣ дар муроҷиатнома ба мардуми шарифи Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992 дар саҳифаҳои заррини таърихи кишвар сабт ёфтааст: «...тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона

карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам…».

Ҳадафи Сарвари давлат оид ба андешидани чораҳои таъхирнопазир ба хотири аз хоки Афғонистон ба ватан баргардонидани гурезагон, баробари барқарор кардани сулҳу салоҳ дар кишвар ва бахшидани зиндагии осуда ба мардум, ҳамзамон, таъмини амнияти фардои мардуми Тоҷикистон маҳсуб мешуд, зеро аз назари Пешвои миллат дар хоки Афғонистони ҳамсоя мондани фирориёни тоҷик барои ҷумҳурии мо хатари ҷиддӣ дошт, зеро дар он тарафи сарҳад қувваҳое буданд, ки метавонистанд, фирориёнро дар оянда ба муқобили давлати Тоҷикистон истифода намоянд. Ин буд, ки ба Ватан баргаштани фирориён пеши роҳи чандин хатари минбаъдаи амнияти кишварро гирифт. Ният ва амали Президенти мамлакат дар он рӯзҳо ифодагари дурандешии он кас дар мавриди амнияти кишвар аз қувваҳои аҳриманӣи беруна низ буд, ки бо гузашти замон онҳо бо номи «терроризми байналмилалӣ» шинохта шуданд. Гузашта аз ин, воқеаҳои солҳои 90-ум як дарси бузурги таърихӣ буда, донистани ҳақиқати воқеии он даврон имкон медиҳад, ки имрӯз худро аз зиёну зарари қувваҳои аҳриманӣ эҳтиёт намоем.

Пешвои миллат дар суханронӣ бахшида ба ҷашни Истиқлоли Тоҷикистон зикр мекунанд, ки «кишвари мо дар натиҷаи фитнаву дасисаи қувваҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор шуда, хатари аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва парокандагии миллат ба воқеияти талху даҳшатнок табдил ёфта буд. Вале мардуми шарифи Тоҷикистон бо саъю талоши ватандӯстонаву фидокорона ба хотири ҳимояи истиқлолияти давлати ҷавони худ ин имтиҳони сахту сангини таърихро паси сар намуданд». Ин гуфта аз як ҷониб, ба мо аз таърихи талхи начандон дури мамлакат хабар диҳад, аз ҷониби дигар, ҳушдорест, барои ҳамватанон, ки набояд иштибоҳеро, ки як бор моро сарсону бехонумон кард, такрор намоем.

Масоили таҳдиду хатарҳои муосир ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ ҳамешагӣ мавриди назари Сарвари давлат қарор дорад ва дар кулли суханрониҳои худ дар минбарҳои баланди байналмилалӣ аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай ба мавзуи мазкур руҷуъ кардаанд.

Яке аз пешниҳодоти муҳим ва дархости Президенти кишвар дар мавриди амнияти Ватани азизамон барқарор намудани тинчиву оромӣ дар Афғонистони ҳамсоя мебошад, ки сари ин мавзуъ чандин бор андешаронӣ ва аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ суханронӣ намудаанд. Сарвари давлат ҳангоми баррасии мавзуи мазкур, ба вазъияти ҳарбиву сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии кишвари ҳамсоя Афғонистон таваҷҷуҳ намуда, барқарории сулҳу осоиштагиро дар ин марз аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба хотири амнияти минтақа медонанд.

Чунонеки дар Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ омадааст: «Хатарҳои замони муосир, вазъият дар Ховари Миёна, ба хусус, вазъи Афғонистони ҳамсоя моро водор месозад, ки ба масъалаи таъмини амният диққати аввалиндараҷа диҳем. Бахусус, дар қаламрави Афғонистон пайдо шудани террористони ба ном «Давлати исломӣ», ки баъзе шаҳрвандони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ ба он шомиланд, вазъро боз ҳам нооором намуда, боиси ташвиши давлатҳои ҳамсоя гардидааст. Вазъи имрӯзаи сарҳад бо Афғонистон низ моро водор менамояд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем». Мусаллам аст, ки дар меҳвари носуботии вазъи сиёсии Афғонистон, зиддиятҳои абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ меистанд, ки ба иборати маъмули манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ онро матраҳ менамоем. Боиси зикр аст, ки абарқудратҳоро аз як ҷониб, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир ба ҳам муттаҳид созад, аз ҷониби дигар, манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ онҳоро аз ҳам дур меафканад. Ва ин сиёсат аст ва ҳар як неру мақоми худ, ҳадафи худ ва таъсири худро дар Афғонистон ва минтақа дорад: «Вақтҳои охир дар ҷаҳон раванди бартариҷӯӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, пайдоиши нишонаҳои марҳалаи нави «ҷанги сард» боиси нигаронӣ гардидааст». Гуфтан ҷоиз аст, ки мафҳумоти «бартариҷӯӣ», «мусаллаҳшавии бошитоб», «ҷанги сард» ин ҳама хоси абарқудратҳо буда, сард шудани муносибатҳои онҳо таъсири нохуш ба кишварҳое чун Афғонистон мерасонад. Таърихи начандон дури вазъи Ироқу Сурия ва Украина собит кард, ки ин абарқудратҳо барои манфиати хеш аз ҷангу хунрезӣ рӯй

наметобанд. Гузашта аз ин, Сарвари давлат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо изҳори он, ки дар «Давлати исломӣ» баъзе шаҳрвандони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шомил мебошанд, аз хавфи интиқоли махфиёнаи онҳо ба сарзамини мо нигарон ҳастанд. Боиси зикр аст, ки қочоқи маводи мухаддир ба воситаи сарҳади давлатӣ аз масъалаҳои доғи рӯз маҳсуб мешавад ва он ба амнияти миллии кишвари мо ва дар умум, Осиёи Марказӣ таҳдид менамояд.

Суханронии Пешвои миллат дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ифодагари андешаҳои амиқ ва пешниҳодҳои мушахасси Сарвари давлат доир ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз - муқовимат бо терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Боиси зикр аст, ки баргузории ин гуна ҳамоиши бонуфуз дар Тоҷикистон аз мақому манзалати шоистаи давлати мо дар байни кишварҳои олам шаҳодат дода, ифодагари таваҷҷуҳи беандозаи Пешвои миллати мо ба тинҷиву осудагии на танҳо Тоҷикистон, балки минтақа ва ҷаҳон мебошад, зеро аз назари Сарвари давлат таъмин намудани сулҳу субот ва амнияти пойдории кишварҳо аз вазифаҳои калидӣ маҳсуб мешавад, ки бе он наметавон рушди соҳаҳои мухталифи минтақа ва ҷаҳонро тасаввур намуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маърӯзаи худ аз набзи сайёра сухан оғоз карда зикр намуданд, ки «зуҳуроти терроризму ифротгароӣ ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст». Ба қавли он кас, «Дар зарфи солҳои охир зиёда аз 100 мамлакати дунё ҳадафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расидаанд ва миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд».

Созмону гурӯҳҳои тафриқаангез низ бештар бо истифода аз ин омил байни ҷавонон ихтилофи мазҳабӣ паҳн намуда, ба ин васила, низову нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меоранд. Ин тоифа, ки асосан ташкилотчӣ ва саркардаҳои гурӯҳҳои ифротгаро мебошанд, аз бетаҷрибагии ҷавонон истифода бурда, онҳоро шомили ҳар гуна гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ мегардонанд.

Терроризм, махсусан, даҳсолаҳои охир оқибатҳои зиёди харобиовар ва талафоти зиёди ҷонӣ аз худ боқӣ гузошта, монеаи ташаккули ҷомеаи ороми башарият гардидааст. Бахусус, Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, нисбат ба ин ҳодисаи манфури ҷомеа бетараф нест. Пешвои миллат ёдрас мекунанд, ки Тоҷикистон дар мубориза алайҳи тероризму ифротгароӣ, тундгароӣ ва дигар таҳдиду хатарҳо шарики кишварҳои олам ва созмонҳои байналхалқӣ мебошад. Аз ҷумла, зикр месозанд, ки «дар шароити мураккабу пуртазоди имрӯза мо бояд ҳамкорӣ кунем, на рақобату бартариҷӯӣ». Боиси зикр аст, ки Тоҷикистон дар заминаи «Стратегияи миллӣ оид ба мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2016-2020» нақшаи амали он бо 12 ҷанбаи мавзуӣ дарҷ гардидааст, амал менамояд. Яъне, ин маънии онро дорад, ки Тоҷикистон барномаи мушаххаси худро дар ин самт дорост, ҳамкориҳои ҳадафмандонаро бо шарикони худ дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавӣ, ба мисли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай роҳандозӣ намудааст. Пешвои миллат ба ин барнома ишора намуда, бори дигар аз мавқеи устувори кишвар дар самти мубориза алайҳи терроризм ва хушунат дарак доданд.

Ба андешаи Пешвои миллат, беҳ шудани муносибатҳои байни кишварҳои минтақа имкони ба сифати нав роҳандозӣ гаштани ҳамкориву ҳамоҳангсозии байнидавлатиро эҷод кард, ки Тоҷикистон аз чунин раванди рушди робитаҳои миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ истиқбол менамояд ва омодагии хешро ҷиҳати таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳояш дар ин самт бо тамоми кишварҳои ҳамҷавор иброз медорад. Дар маърӯза, чунонки дар боло зикр ёфт, Пешвои миллат ба воқеаҳои солҳои 90-уми асри XX руҷуъ намуда, аз амали ниҳодҳои терроризми байналмилалӣ сухан мекунанд. Аз ҷумла, ишора мекунанд ба ҳодисаҳои мудҳише, ки имрӯз мардуми одии Ироқу Сурия, Яману Афғонистон гирифтор шудаанд ва мардуми тоҷик он солҳо рӯ ба рӯ гашта буданд. Ҳадафи душманони миллати тоҷик низ он замон таъсис додани давлати исломӣ буд, ки натиҷаи он кушта шудани садҳо ҳазор шаҳрванди тоҷик ва бехонумон мондани беш аз як миллион мардуми осоишта гардид. Бартараф шудани он фалокату ҷангу ҷидолро Сарвари давлат

дар ба роҳ мондани муколамаи васеъ медонанд, ки он аз фарҳанги қадимаи мардуми тоҷик сарчашма мегирифт.

Ҳамчунон тазаккур медиҳанд, ки «фидокориву мардонагии халқи тоҷик дар ҳимояи марзу бум ва арзишҳои фарҳангу тамаддуни қадимаи хеш, иродаи қавии мардуми мо ба сулҳу субот ва созандагиву бунёдкорӣ боис гардид, ки пеши роҳи амалҳои террористону ифротгароёни дохиливу хориҷӣ дар кишвари тозаистиқлоли мо гирифта шавад.» Дар ин маврид Пешвои миллат таҷрибаи сулҳофари тоҷиконро дар мубориза алайҳи терроризму ифротгароӣ пешниҳод менамоянд. Воқеан, танҳо муколамаи самимӣ, бериё, мардона ва мунсифонаи кишварҳои олам метавонад зарбаи воқеӣ бар муқобили ифротгароён ва террористон зада бошад.

Пешвои миллат дар суханронӣ аз мушкилоти мавҷуда, оид ба мавқеъгирии мухталиф, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба амалҳои террористию экстремистӣ ба назар мерасад, изҳори нигаронӣ намуда, эҳтироз аз «меъёри дугона»-ро пешниҳод мекунанд. Ин гуна мавқеъгириро боиси тавлиди хатару таҳдидҳои ҷадид меҳисобанд, «зеро терроризму ифротгароӣ на сарҳадро эътироф мекунаду на давлатро». Бахши дигари суханронии Сарвари давлат оид ба муносибати гурӯҳҳои террористиву ифротӣ бо созмонҳои диниву миллатгарои тундрав мебошад, ки ба андешаи он кас дар натиҷаи сӯиистифода аз номи поки дини ислом ба паҳншавии афкори исломситезӣ ва бадбинии мусулмонон мусоидат менамоянд. Дар ин маврид низ Пешвои миллат аз мавқеи устувори худ нисбат ба покии дини мубини ислом сухан карда, дар мавриди гирифтани пеши роҳи исломситезӣ ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳаммулгароиву ҳамдигарфаҳмӣ, эҷоди фазои эътимоду боварӣ даъват месозанд.

Ин ҷо нуктаи муҳим ва воқеан, таърихии худро, ки мавқеи устувор ва дурусти Пешвои миллатро ифода менамояд, такрор менамоянд: «терроризму ифротгаро ватану миллат ва дину мазҳаб надорад, террорист террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ «худӣ» ё «бегона» ва ё «таҳаммулгаро»-ву «тундгаро» буда наметавонад». Ин андеша ва пешниҳоди Пешвои миллат аз омӯзиши амиқи он кас дар мавриди вазъи кунунии ҷаҳон, хатарҳои даҳшатангези қувваҳои аҳриманӣ, мавқеву мақоми кишварҳои олам дар мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм, усулҳои мубориза ва ғайра дарак медиҳад.

Дар суханронии Пешвои миллат нуктаи дигари меҳварӣ баёни омилҳои густариш ёфтани терроризм ва ифротгароӣ мебошад, ки бар он технологияи муосири иттилоотӣ мусоидат менамояд, зеро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ҷалб кардани мардум ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ осон буда, интернет ҳамчун воситаи асосӣ ба кор меравад.

Аз ин рӯ, Пешвои миллат пешниҳод мекунанд, ки «тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла, мубодилаи иттилоот дар бораи тарзу усулҳои муассири пайгирӣ намудани чунин сомонаҳо, аз шабакаи интернет хориҷ намудани онҳо ва расонидани кумаки байниҳамдигарӣ дар ин самт шарти муҳимми комёбӣ дар мубориза бо кибертерроризм мебошад». Сарвари давлат дар маърӯзаи худ сарчашмаи асосии маблағгузории терроризм ва ифротгароиро дар гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир медонанд, ки он аз зумраи мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад ва дар ин самт низ муборизаи беамон ва тадбирҳои муштаракро бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои замонавӣ пешниҳод мекунанд».

Ҳамин тариқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давоми фаъолияти худ ҳамчун Сарвари давлат дар мавриди мубориза алайҳи терроризм ва ифротгароии хушунатомез мавқеи устувор ва ягонаро молик буда, дар мавриди амнияту осоиштагии на танҳо Тоҷикистон ва минтақа, балки тамоми олам кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Таҳлилу баррасии суханрониҳои Пешвои миллат дар минбарҳои баланде, чун Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, вохӯриҳои сарони кишварҳо дар сатҳи баланд ин нуктаро собит месозад. Пешниҳоду дархостҳои Пешвои миллат куллан заминаҳои илмиву таърихӣ дошта, дар асоси омӯзишҳои амиқ ва сабаққои таърихӣ рӯи кор омадаанд ва раҳнамое барои ояндаи обод ва зиндагии осудаи мардуми сайёра мебошанд.

# МЕТОДОЛОГИЯИ ТАЪЛИФИ КИТОБҲОИ ДАРСИИ НАСЛИ НАВИ ЗИНАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ



**Наимҷон АБДУРАШИТОВ – номзади илмҳои психологӣ, мудири шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти АТТ**

**Зарур аст, ки дар раванди амалисозии лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии насли нав, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ва дастуру супоришҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон давра ба давра дар муассисаҳои таълимии такягоҳӣ масъалаҳои марбут ба вазъи таъминоту сифати маводи таълим, ҳамзамон, зарурати таҳияи китобҳои дарсии насли навро мавриди омӯзишу таҳлил қарор медиҳанд. Солҳои охир дар баробари дигаргун шудани талабот нисбат ба адабиёти таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ, дар назди муҳаққиқон, мутахассисони соҳаи таҳсилот чунин масъалаҳои мубрам ба миён гузошта шудаанд:

- таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи азхудкунии барномаҳои таълим, сифати таҳсилот дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва муайян кардани мушкилот, идоракунии раванди таҳсилот ва методикаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ;
- омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогию психологӣ ва таҷдиди назар намудани стандартҳои давлатӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти фарогир имкониятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бознигарӣ ва бо назардошти зарурати коркарди маводи таълим (барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ ва баъзе маводи ёрирасони таълимӣ), ки бевосита бо масъалаҳои татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим алоқаманд мебошад;
- гузариш ба низоми арзёбии меъёрӣ ва низоми баҳогузории бисёрхола дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар;
- гузариш ба таҳсилоти 12-сола ва ба роҳ мондани таълим аз рӯйи равияҳо ва ғайраҳо.



Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар самти таҳияи китобҳои дарсӣ нишон медиҳад, ки дар бисёр кишварҳо ба сифати китобҳои дарсӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад. Дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф, муайян намудани меъёрҳои арзёбии сифати китобҳои дарсии насли нав аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Чунин меъёрҳо бояд мутобиқати китобҳоро ба талаботи стандартҳои давлатӣ, барномаҳои таълимӣ,

инчунин, ба талаботи педагогӣ, психологӣ ва методологии таълим муайян намоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳо бояд имконияти истифодаи самараноки китобҳоро дар раванди таълим баҳогузорӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, таҳияи китобҳои дарсии насли нави зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, муайян кардани принсипҳо, омилҳои сифати таҳия ва имкониятҳои истифодаи самараноки онҳо аз фаъолияти муҳаққиқон ва шахсони масъули соҳа алоқаманд аст. Дар раванди таҳияи китобҳои дарсӣ бояд:

• муҳтавои китобҳо дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ таҳия гардида, ба талаботи барномаҳои таълим ҷавобгӯ бошад;

• ба меъёрҳои муосири педагогӣ, психологӣ ва методологии таълим мутобиқ бошанд;

• дар таҳияи китобҳои дарсӣ таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таълимӣ ва таҳқиқоти илмӣ ба назар гирифта шавад;

• китобҳои дарсии насли нав барои ҳамаи хонандагон, новобаста аз ҷои зист, имкониятҳои иқтисодӣ ва дигар омилҳо, фаҳмо ва дастрас бошанд.

• ҷиҳати истифодаи технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ дар раванди таълим имкониятҳои навро фароҳам оварда тавонанд.

Дар иртибот ба масъалаи баррасишаванда, ёдовар мешавем, ки тибқи Нақша-чорабиниҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (соли 2024) аз ҷониби мутахассисони академия дар муассисаҳои таълимии такягоҳии ноҳияи Шоҳмансур – литсейи №4, МТМУ №55 ва дигар муассисаҳои озмоишӣ масъалаҳои марбут ба методикаи таълими фанҳои филологӣ (забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик, алифбо ва матни ниёгон, забони русӣ, забони хориҷӣ) ва ҷомеашиносӣ дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуд.

Дар ҷараёни таҳқиқот ба **сатҳи касбияти омӯзгор, дараҷаи таъминот бо китобҳои дарсӣ ва маводи иловагии таълим, методҳои таълим, аз ҷумла, дастрасӣ ба технологияҳои нави таълим** бештар таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Ҳамчунин, барои муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо ба омӯзгорон имкон дода шуд, ки андешаҳои худро озодона иброз намоянд.

**Андешаҳои омӯзгорон** оид ба мушкилоти мавҷуда чунин буд, ки китобҳои дарсӣ (аз ҷумла, забон ва адабиёти тоҷик) аксаран шавқовар нестанд, бинобар ин шавқу ҳаваси хонандагон ба онҳо коста шуда, бештар ба фанҳои дигар майл кардаанд.

**Пешниҳоди** гурӯҳи корӣ роҷеъ ба таълим ва омӯзиши забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (хориҷӣ): «...масъалаи мувозинат (баробарӣ)-и сатҳи қобилияту имкониятҳои воқеии биологӣ, физиологӣ, психологӣ, ақлонӣ ва ҷисмонии хонандагон ба ҳаҷми донишу маълумоте, ки барномаҳои таълими фанҳо дар ҳар як сатҳ (синф) ва зина (ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ) пешниҳод мекунад, ба таҳлили амиқ, ҳамаҷониба ва илман асоснок ниёз дорад. Ин таҳқиқот наметавонад бо таъсиси як гурӯҳи кории одии Вазорати маориф ва илм сурат гирад, ҳамон тавре ки мо маъмулан чунин рафтор мекунем (он ҳам бо ҷалби шахсони тасодуфӣ). Ба ин таҳқиқот бояд мутахассисони варзидаи соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, мутахассиси тибби кӯдакон, психологи синнусолии кӯдакон, педагогҳои соҳибтаҷриба ва бохабар аз методикаи муассири таълим, мактабшиноси варзида, ки ин масъаларо дар муқоиса бо кишварҳои дигар таҳлил карда тавонад, ҷалб гарданд. Аз натиҷаи ин таҳқиқот дар баробари таҳлили сарбориҳо ва ҳаҷми донишу маълумоти хонандагон, гурӯҳ бояд барои таълифи китобҳои дарсии оқилона (оптималӣ) фикру андешаҳои дақиқу илмӣ пешниҳод намояд».

Хеле муҳим аст, табиати хонанда-кӯдаконро дар назар дошта бошем, ки агар маводи дарсиро азхуд карда натавонанд, ноумед мешаванд, эътимодро ба тавоноии худаш гум мекунанд. Худашон пай набурда, ҳамон фан (ҳо)-ро бад медидагӣ мешаванд ва эҳтиром гузоштан ба омӯзгорро ҳам аз даст медиҳанд. Ин гуноҳи кӯдакон нест, психологияи ӯ, табиати ӯ чунин аст.

Таҳқиқот муайян кард, ки муҳимтарин омилҳои таъсиррасон ба сифати таҳсилот чунин буда метавонанд:

• сатҳи омодагӣ ва касбияти омӯзгорон;

• сифати китобҳои дарсӣ ва таъминоти омӯзгорону хонандагон бо онҳо;

• адабиёти иловагии таълим, аз ҷумла, дастурҳои методӣ, маводди аёнӣ, аудио ва видеомавод, захираҳои интернетӣ, роҳнамои омӯзгор, дастурҳои методикаи таълими фан;

• сатҳи дониш, маҳорату малака ва салоҳиятҳои таълимгирандагон;

• шароити муносиби таҳсил (муҷаҳҳаз будани синфхонаҳо бо техника ва технологияҳои муосир, лабораторияҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зарурӣ ва ғ.).

Мавриди зикр аст, ки соҳаи маориф ба монанди занҷир аз ҳалқаҳои гуногуни ба ҳам пайваст иборат аст. Зимни тағйир додани як ҳалқа бояд ба назар гирифт, ки ҳалқаҳои дигар чӣ хел ба он мутобиқ шаванд. Таълифи китобҳои дарсии насли нав ба баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шудааст. Ҳангоми таҳияи модели китоби дарсии мактабӣ бояд принсипҳои асосии дидактика, ки қонунҳои раванди таълимро инъикос мекунанд, сохт, мундариҷа, функсияҳо ва дигар унсурҳои китобро ҳамчун система ба тариқи меъёрӣ танзим мекунанд, риоя карда шаванд. Дар интихоби мундариҷа ва таҳрезии сохтори фанни таълимӣ принсипҳое, ки тавсифоти илмӣ, дастрасӣ ва иҷрошаванда, бошуурона ва фаъол, робитаи назария бо амалия, пайдарпайӣ, пайгирона ва муттасилӣ, возеҳият (аёнӣ) ва ғ. доранд, ба асос гирифта шаванд. Дастгоҳи методии китоби дарсӣ ба рушди фаъолмандии хонанда бояд роҳ кушояд. Матнҳо, саволҳо, супоришҳо тарзе ва тавре бояд интихоб ва пешниҳод шаванд, ки қобилияти фикрронии хонандагонро фаъол гардонда, ба омӯзиши ҳар як мавзуи навбатии фанни омӯзишӣ роҳ кушоянд, хонандаро ба кори мустақилона ва худомӯзию худтакмилдиҳӣ тариқи ҳосил шудани донишу иттилооти нав ҳидоят намоянд. Саволҳо ва супоришоти сатҳу дараҷаи гуногун ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки дар арзёбии дониш ва маҳорату малакаи хонандагон муносибати ҷудогона (тафриқавӣ) дошта бошад. Дар ҳар як боб ва қисмати китоби дарсӣ ишораҳо ба вожаҳову истилоҳоти нофаҳмо ва душворфаҳм бояд ҷой дошта бошанд.

**Ҷиҳатҳои асосӣ ва муҳимми китоби дарсӣ** - низоми муттасили донишандӯзӣ, **принсипи асосӣ** – «хонанда бояд донад», **вазифаи асосӣ** – ба бачагон фикр карданро ёд додан, дарк намудани қонуну қонуниятҳо, робитаи ашёву ҳодисот, эҳсоси масъулият, меҳнатдӯстӣ, меҳанпарварӣ, ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, хоксорӣ, эҳтирому арҷ ба Ватан, ба забони модарӣ ва амсоли он мебошанд.

Ниҳоят, китоби дарсӣ тамоили арзишмандӣ дар самти амалӣ гардидани донишҳои назариявии ҳосилшуда бояд бошад. Он ба маҷмуи талабот бобати мувофиқати комил доштан ба Стандарти нави давлатии таҳсилот арзёбӣ шуда, хонандагонро бояд ба маҳорату малакаҳои одитарини муқоиса, таҳлил, ҷамъбаст (синтез), пешгӯӣ раҳнамун созад. Шиори асосии китоби дарсӣ бояд чунин бошад: «Илмат ба амал чу ёр гардад, Қадри ту яке ҳазор гардад!»

Чунин китоб аз ду қисм: назариявӣ ва методӣ иборат аст. Бахши аввал чун фасли асосӣ блок-системаи дидактикиро дар бар гирифта, кори мустақилонаи хонандагонро дар самти маводи омӯзишӣ вусъат мебахшад. Қисмати дуюм бо методикаи таълиму омӯзиши фанни дарсӣ сарукор пайдо намуда, фаъолияти натиҷабахши омӯзгорро осон мегардонад.

Аз нигоҳи мо, таҳияи китоби дарсии муосир бояд аз се марҳала иборат бошад:

1. Марҳалаи тарҳрезӣ – шакли анъанавӣ дар робита бо модел ва тарҳи нави китоби дарсӣ. Дар қисматҳои китоби дарсӣ назарияи илмӣ ҳамзамон, дар мутобиқат бо бахшҳо ва блокҳои таълимӣ бояд сурат ёбад.

2. Марҳалаи таълиф – таҳияи қисмати матни китоби дарсӣ, параграфҳо ва технологияи дидактикии ҷадид дар самти ҷобаҷогузории блокҳои таълим.

3. Марҳалаи технологӣ – таъмини кумак ва ёрии компютерӣ дар асоси принсипҳо ва усулҳои махсуси таълим.

**Консепсияи таҳияи китобҳои дарсӣ** ногузир ба эътибор гирифтани чанд паҳлуи муҳимми китоби дарсиро ба миён мегузорад. Аз ҷумла:

1. Китоби дарсӣ набояд бо ҳимояи манфиатҳои хонандаи «миёна ва ё сустхон» маҳдуд гардад. Ин чунин маъно дорад, ки моҳият, мазмун ва мундариҷаи китоби дарсӣ бояд аз нуқтаи назари илмӣ мустаҳкам бошад.

2. Интихоб ва ҷобаҷогузории маводи таълим дар китоби дарсӣ тасаввуроти илми муосир ва фанни омӯзиширо инъикос намуда, тавассути роҳу усули фаҳмо ва дастрас пешниҳод гардад.

3.Китоби дарсӣ қудрати таъмин карда тавонистани сатҳи амиқ ва дахлдори омӯзиши маводи фанниро бояд ба зимма гирад.

4. Китоби дарсӣ бо барномаи таълимӣ робитаи зич ва ногусаста дошта, қисматҳои гуногуни барномаро пурра ва фаҳмову хоно бояд ба иҷро расонад.

5. Тарзи баён, шарҳ ва нақли муҳтавои маводи таълим дар китоби дарсӣ, ташкил ва интихоби матнҳо, коркарди маҷмуи машқҳову супоришҳо вазифаи аз ҳама асосӣ – расидан ба ҳадафҳои тадрис ва омӯзишро бояд таъмин намояд.

**Доир ба принсипҳои таҳияи китобҳои дарсии насли нави зинаи таҳсилоти ибтидоӣ.**

*1. Принсипҳои методологии умумӣ (умумибашарӣ)*

Барои интихоби маводи таълим дар китобҳои дарсӣ риояи як қатор принсипҳо, ки аз дидактика бармеоянд, ҳатмист. Дар таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ аз тамоми фанҳои таълимӣ бояд меъёрҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

1. Раванди таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии насли нав аз тамоми фанҳои таълими бояд дар заминаи талаботи *Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон* сурат гирад.

2. Китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз тамоми фанҳо бояд *дар асоси дастовардҳои навтарини педагогика, методика, илму технологияи* муосири ватанию хориҷӣ, худшиносии миллӣ таълиф ва таҳия карда шаванд.

3. *Маводи китоби дарсӣ бояд ба ташаккули маҳорату малакаҳои амалии хонандагон мусоидат намояд.* Тамоми маводи таълимӣ бояд бо назардошти гузариши пурра ба муносибати босалоҳият ба таълим омода карда шуда, барои ташаккули босалоҳиятии ҳаётан муҳим ва зарурӣ дар хонандагон мусоидат намоянд. Ин меъёрро ба таври мухтасар чунин ифода намудан мумкин аст: «донистан барои тавонистан».

4. Ҳангоми интихоби маводи китоби дарсӣ *муносибатҳои диалектикӣ–материалистӣ* ва робитаи байни ҳодисаҳои гуногуни табиат ба эътибор гирифта шуда, хусусиятҳои шаклҳои гуногуни ҳаракати материя, намудҳои он, энергия ва табдилёбии он қайд карда шаванд;

5. Дар зинаи таҳсилоти умумӣ бояд таълими ҳамаи фанҳо барои ***таҳкими ҷаҳонбинии*** илмӣ, фарҳанги техникӣ, иқтисодӣ, экологӣ, демографӣ ва иттилоотии хонандагон нигаронида шаванд.

6. Маводи таълимӣ аз фанҳои омӯхташаванда бояд ба *тарбияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандории хонандагон, ташаккули шахсияти онҳо,* рушди зеҳнии кӯдакону наврасон бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ нигаронида шавад.

7. *Маводи китоби дарсӣ бояд ба фаъол гардонидани тафаккури хонандагон мусоидат намояд.* Тавассути гузоштани саволу ҳалли масъалаҳои ғайричашмдошт бедор намудани ҳиссиёти маърифатии хонандагон дар назар дошта шавад. Мавриди таҳияи маводи китоби дарсӣ бояд аз ҳодисаҳои воқеии табиат, ки дар гирду атрофи хонандагон рӯй медиҳанд, ба таври фаровон истифода карда шавад;

8. *Принсипи муттасилии китобҳои дарсӣ.* Ин хусусияти муназзамӣ ва раванди омӯзонидан ва азхудкунии мундариҷаи таълимро инъикос ва шаклҳои омӯзонидани мундариҷаи таълим ва механизми амалисозии онҳоро ифода мекунад. Мантиқан пай дар пай баён ёфтани маводи китоби дарсӣ шарти асосӣ ва зарурии фаҳмою дастрас будани он аст. Сохтори ҳар як фасли китоби дарсӣ ва ё ҳар як боб бояд чунон мураттаб шавад, ки мантиқ риоя гардад.

9. *Маҷмуи донишҳое, ки дар маводи китоби дарсӣ пешниҳод мегарданд, бояд асоси озмоишӣ дошта бошанд.* Ҳар як ҷузъи дониши дар маводи китоби дарсӣ баёнёфта бояд дар асоси озмоиши воқеӣ бо дарназардошти техника ва технологияи муосир асоснок карда шуда бошад. Бинобар ин, дар маводи китоби дарсӣ ҷой додани расми асбобу дастгоҳи озмоишӣ ба мақсад мувофиқ аст.

10. *Дар маводи китоби дарсӣ бояд таърифи қонуну мафҳумҳои фанҳо ҳамҷавор аниқу фаҳмо ва яктела баён ёфта бошанд.* Зарурати принсипи мазкур дар он аст, ки донистани асосҳои илмҳои ҳамҷавор донистани мазмуну мундариҷаи маҷмуи мафҳумҳои ин илмҳо мебошад.

11. *Принсипи фаҳмо будани баёни маводи китоби дарсӣ.* Дар маводи китоби дарсӣ бобҳо бояд чунон ҷудо карда шаванд, ки дар матни онҳо маводи омӯхташаванда саҳеҳу фаҳмо муайян шуда бошад, масъалаҳои душвор ба қисмҳо бояд ҷудо карда шаванд. Ба қисмҳо ҷудо намудани объектҳои мураккаб шарти зарурии амалигардонии принсипи аз сода ба мураккаб мебошад.

12. *Принсипи мустаҳкамкунӣ (устуворгардонӣ)-и иттилоот.* Ба ҳар як порчаи иттилоот (маводи шиносоӣ бошад ҳам) интихоб намудани машқ, масъала, намоиш, озмоиш, кори лабораторӣ ва ғ. зарур аст. Ҳар як боб бояд бо хулосаҳо ба итмом расад. Дар маводи китоби дарсӣ ҳамаи шаклҳои корҳои мустаҳкамкунии назариявию озмоишӣ бояд зина ба зина оварда шаванд. Дар ин ҷо низ принсипи «аз сода ба мураккаб» бояд риоя гардад. Мавриди таҳияи маводи китоби дарсӣ робитаи дохилифаннӣ ва байнифаннӣ бояд ба эътибор гирифта шавад.

13. *Принсипи омезиши ҷузъҳои ҳатмӣ, интихобӣ ва факултативии мундариҷаи таълим дар китоби дарсӣ.* Татбиқи таълими инфиродӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ тафриқаи мундариҷаи фанҳои таълимиро ба ҷузъҳои асосӣ, интихобӣ ва факултативӣ (иловагӣ) дар бар мегирад. Чунин дифференсатсия имконияти тарҳрезӣ ва татбиқи таълими тафриқавиро фароҳам меорад.

14. *Принсипи омезиши методҳои индуктивӣ ва дедуктивии ҷойгиркунии мундариҷаи таълим.* Усули индуктивӣ роҳи аз ҷузъ ба кулл, дедуктивӣ, баръакс, роҳи аз кулл ба ҷузъ мебошад. Ҳангоми таҳияи китоби дарсии насли нав набояд фаромӯш кард, ки универсалӣ шудани методҳои индуктивӣ ё дедуктивӣ хатарнок мебошад.

15. *Принсипи омезиши унсурҳои гуногуни таркиби мундариҷаи таълим дар китоби дарсӣ.* Асоси дидактикӣ барои таҳияи китоби дарсӣ омезиши унсурҳои таркиби мундариҷаи таълим мебошад. Ҳар як мавзуи китоби дарсӣ бояд унсурҳои зеринро инъикос намояд: дониш, воситаҳои ташаккули маҳорат ва малакаҳо, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва таъсир ба соҳаи эмотсионалӣ-сенсории хонандагон.

16. *Принсипи таърихнигорӣ.* Дар мактаб истифода бурдани маълумотро аз таърихи рушди илм, инчунин, маводро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти олимони намоёни соҳа пешбинӣ мекунанд. Истифодаи ин принсип ба татбиқи як қатор вазифаҳои таълим мусоидат мекунад.

17. *Принсипи робитаи омӯзиш бо ҳаёт.* Ин принсип нақши амалии донишҳои илмиро дар ҳаёти инсон нишон медиҳад. Тавассути татбиқи ин принсип хонандагон арзиш ва фоиданокии таълими фанро дарк мекунанд.

18. *Мувофиқат ба хусусиятҳои синну соли хонандагон.*

19. *Мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ.*

20. *Принсипи бисёрфарҳангӣ.* Фаҳмиш ва дарки он чунин аст, ки хонанда ҳамчун узви як ҷомеа дорои фарҳанги миллии худро дорад, аммо дар айни замон маданият ва фарҳанги халқҳои дигар гуногун аст. Чунин фаҳмишро аз хурдӣ дар хонандагон танҳо тавассути интихоб ва омӯзиши маводи таълимӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Маҳз шахс дар раванди таълиме, ки мазмун ба принсипи бисёрфарҳангӣ нигаронида шуда бошад, ҳамчун субъект бо маданият ва фарҳанги халқҳои гуногун воҳӯрда, гуногунии образҳо, фарҳангҳо, расму оинҳоро дар давру замонҳои мухталиф мешиносад ва барои эҳтирому арҷгузории инсони комил замина мегузорад. Омӯзиши фарҳанг ва расму оинҳои халқу миллатҳои дигар дар баробари маданият ва фарҳанги халқи худ, барои хонандагон дар ташаккули малакаҳои иртиботӣ байни халқу миллатҳои гуногун мусоидат мекунад.

21. *Принсипи яклухтӣ.* Дар таҳияи мазмуни таълими ин фан принсипи яклухтӣ хусусиятҳои зеринро дар назар дорад: а) фаҳмиши он ки хонанда ҳамчун инсон ҷузъи фарҳанги ягон миллат аст; б) ҷанбаҳои педагогӣ ва санъат дар шакли том пешниҳод мешаванд; в) мазмун, раванд ва фаъолиятҳои иртиботӣ бо намунаҳои санъат дар шакли том баррасӣ мешавад; г) шахс аз лиҳози ақлонӣ, ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва дигар ҷанбаҳо дар маҷмуъ инкишоф ёфта метавонад ва ғайра.

22. *Принсипи ҳамгироӣ.* Дар таҳияи мазмуни ин фан принсипи ҳамгироиро дар ду самт баррасӣ кардан мумкин аст: ҳамгироии фанҳо (масалан, санъат ва меҳнат) ва ҳамгироии дохилии фан (масалан, суруд ва мусиқӣ, яъне ҳамгироии фаъолиятҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқӣ). Инчунин, навъҳои гуногуни санъатро дар шакли ҳамгироӣ омӯхтан мумкин аст (масалан, санъати тасвирӣ ва суруду мусиқӣ дар ҳамгироии навъҳои санъат).

23. *Принсипи вариантнокӣ ва амалӣ.* Ҳангоми таҳияи китоби дарсӣ ворид намудани принсипи гунанокӣ ва амалӣ барои хонандагон имкони истифодаи стратегияҳои омӯзиши мустақилонаро фароҳам оварда, барои омӯзгорон самтҳои васеи фаъолияти педагогиро барои татбиқи мақсадҳои таълимӣ ба вуҷуд меорад. Дар баробари татбиқи ин принсип, ки бо муносибати босалоҳият созгор аст, омӯзгор дар раванди таълим метавонад: а) намунаи асарҳои

санъатро вобаста ба майлу рағбати хонанда, имконияти муассисаи таълимӣ иваз намояд; б) падарпайии омӯзиши навъҳои санъатро вобаста ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон интихоб намояд; в) барои дарки амиқи навъҳои санъат методу усулҳои муносибро интихоб ва истифода кунад (тавассути машқҳои амалӣ), то ин ки салоҳиятҳои хонандагон ҳамаҷониба рушд ёбанд.

**Принсипҳои методологии хусусӣ**

**Дар** баробари методология ва принсипҳои умумӣ, дар таълиф ва таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз тамоми фанҳо бояд методология ва принисипҳои махсус ё талаботи зерин ҳатман ба назар гирифта шаванд:

- тамоми **дастовардҳои ватанӣ дар даврони истиқлол** дар китобҳои дарсӣ воқеъбинона нишон дода шаванд;
- китобҳои дарсӣ аз **нигоҳи таърих ва фарҳанги миллӣ** бо такя ба **ахлоқи миллӣ** таҳия карда шаванд.
- китобҳои дарсӣ бояд аз **яктарафа маъниидод кардан** комилан озод бошанд ва ба назарияҳои илмии ҷаҳонӣ ва ватанӣ такя намоянд;
- хифзи **манфиатҳои миллӣ** бояд дар пешниҳоди китобҳои дарсӣ дар мадди назар қарор дошта бошад;
- **дар** китобҳои таълимӣ истифода аз назария ва консепсияҳои миллӣ, **дастовардҳои илму фарҳанги ватанӣ** бештар ба роҳ монда шаванд;
- мавзуъҳо ва маводи пешниҳодшавандаи китобҳои дарсӣ танҳо бо **такя ба ҷаҳонбинии илмӣ, фарҳанги техникӣ** ва бо дарназардошти ташаккули ҷаҳонфаҳмии илмию табиатшиносӣ ва ақлонию мантиқӣ навишта шаванд;
- китоби таълимии забонҳои давлатӣ, русӣ ва хориҷӣ ба баланд бардоштани **сатҳи забондонии** хонандагон мусоидат намуда, ҳамзамон матн ва мисолҳоеро фаро гиранд, ки барои рушди зеҳнӣ ва тарбияи миллии хонандагон асос гарданд;
- китобҳои дарсии фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ бо дарназардошти **тағйирёбандагии босуръати ҷаҳони муосир** таҳия карда шаванд.

Хулоса, таълифи китоби дарсӣ бо дарназардошти манфиатҳои хонандаи «миёна» набояд маҳдуд гардад. Аз ин лиҳоз, интихоби маводи таълим дар китоби дарсӣ аз нуқтаи назари илмӣ ва дар миқёси дониш ва салоҳиятмандии хонанда, тариқи фаҳмо ва дастрас будан бояд сурат гирад. Инчунин, китоб сатҳи амиқ, кофӣ ва зарури омӯзиши маводи таълимро таъмин намуда, қисмати интихоб ва ҷобаҷогузории матнҳо, коркарди маҷмуи машқҳо ва супоришҳо ҳадафҳои таълимро бояд муваффақ гардонад.

Асолати китоби дарсии муосир азбар кардани дониш (ёд додани хондан ва омӯхтан), ташаккули маҳорат ва малакаи истифодаи дониши ҳосилшуда дар амалияи фаъол, расидан ба ҳадди комили тавоноӣ ва салоҳиятмандӣ аст. Китоби дарсиро ба таври ҳатмӣ воситаҳои иловагӣ, амсоли хрестоматия, роҳнамои омӯзгор, дастурҳои методӣ, практикумҳои лабораторӣ, машқҳои коммуникативӣ ва эҷодӣ, имконоти мултимедӣ бояд пурра ва кумак намоянд.

Ҳар як китоби дарсӣ омӯзиши фанҳои алоҳидаи таълимиро таъмин намуда, бо дарназардошти рушди комил ва ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда ва муҳассилин бунёд бояд гардад. Яъне, китоби дарсӣ ба қабули дониш, ташаккули маҳорату малака, парваришу тарбия роҳи васеъ кушода, дар татбиқи амалии донишу малакаҳои ҳосилшуда мусоидат намояд.

**Дастовардҳо дар самти таълифи китобҳои дарсии насли нави синфҳои ибтидоӣ**: Ба шарофати ҳамкориҳои судманди ВМИ ҶТ бо шарикони рушд имрӯз ҷараёни таҳриру такмили стандарту барномаҳои таълим ва дар заминаи онҳо таҳия намудани китобҳои дарсии насли нав идома дорад. Яке аз чунин иқдомот таҳияи китобҳои насли нав аз фанҳои забони тоҷикӣ, хониши адабӣ ва математика барои синфҳои ибтидоӣ аст. Махсусан, таҳияи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ бо тағйироти ҷиддӣ дар ҷараён аст. Аз як тараф, китобҳо дар асоси методологияи муосир – хонандамеҳвар будани муҳтавои машқу супоришҳо (дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим) таҳия мегарданд, аз тарафи дигар, фанҳои забон ва хониш акнун аз ҳам ҷудо таълим дода мешаванд (ҳоло онҳо тибқи таълими ҳамгиро дар доираи як фан – забони модарӣ таълим дода мешаванд).

**Мушкилоти таҳияи китобҳои дарсии босифати насли нави зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи самараноки онҳо**

Табиист, ки дигаргун шудани китоби дарсӣ методикаи таълими онро низ тағйир медиҳад. Методикаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки равияи омӯзгорӣ доранд, таълим дода мешавад. Акнун тасаввур кунед, ки мо омӯзгорони ҷавонро тибқи методикаи таълими китобҳои кӯҳна омода мекунем, аммо вақте ки онҳо ба муассисаҳои таълимӣ ба кор мераванд, бояд бо китобҳои нав дар асоси методикаи нави таълим кор кунанд, ки аслан шинос нестанд! Пас, зарур аст, ки дар баробари дигаргун сохтани мундариҷаи китобҳои дарсӣ бояд методикаи таълими онҳо низ аз нав таҳия шуда, дар МТОК-и самти омӯзгорӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Мушкилоти дигари таҳияи китобҳои дарсӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, интихоби дурусти мундариҷаи таълимӣ мебошад, ки бояд ба синну сол, сатҳи рушди маърифатии хонандагон ва талаботи Стандарти давлатии таҳсилот мувофиқ бошад. Мувофиқи таҳқиқоти олимони соҳаи педагогика, аз ҷумла Л.С. Виготский, мундариҷаи таълимӣ бояд дар «минтақаи рушди наздиктарин»-и хонанда қарор дошта, барои ӯ ҳам дастрас ва ҳам шавқовар бошад (Виготский, Л.С. «Тафаккур ва нутқ»). Инчунин, мундариҷаи китобҳои дарсӣ бояд ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ асос ёфта, дар тарбияи насли наврас саҳмгузор бошад.

Ғайр аз ин, яке аз мушкилоти ҷиддӣ таъмини китобҳои дарсӣ бо маводҳои иловагӣ, аз қабили дастурҳои методӣ барои муаллимон, китобҳои корӣ барои хонандагон ва маводи электронӣ мебошад. Чунин маводҳо имкон медиҳанд, ки раванди таълим самараноктар гардад ва ба муаллимон дар татбиқи методикаи нави таълим ёрӣ расонанд. Инчунин, бояд ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим диққати ҷиддӣ дода шавад, то китобҳои дарсӣ ҷолибтар ва муосиртар гарданд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи самараноки китобҳои дарсии насли нав, аз назари мо, инҳоянд: пеш аз ҳама, омӯзгорон бояд бо мундариҷа ва методикаи таълими китобҳои нав хуб шинос шаванд. Барои ин, гузаронидани курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳо зарур аст. Дуюм, омӯзгорон бояд дар раванди таълим аз усулҳои фаъоли таълим, аз қабили муҳокимаҳои гурӯҳӣ, лоиҳаҳо ва бозиҳои таълимӣ истифода баранд. Сеюм, омӯзгорон бояд ба таври доимӣ дониши худро дар соҳаи педагогика ва методикаи таълим такмил диҳанд ва бо таҷрибаи пешқадами ҳамкорони худ шинос шаванд.

Дар хотима, бояд қайд кард, ки таҳияи китобҳои дарсии босифати насли нав ва истифодаи самараноки онҳо вазифаи муҳим ва масъулиятнок буда, аз тамоми иштирокчиёни раванди таълим - омӯзгорон, муаллифон, мушовирон ва масъулини соҳаи маориф саъю кӯшиши муштаракро талаб мекунад. Танҳо дар сурати мавҷуд будани чунин ҳамкорӣ метавон ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардид ва насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, донишмандӣ ва созандагӣ тарбия кард.

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст,
Бувад  бе музду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушодӣ,
Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,
Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дур,
Ба такрири латоиф лаб кушояд,
Ҳазорон гавҳари маънӣ намояд.

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

# МАХСУСИЯТИ ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ



**Манзура МАДАТЗОДА – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори литсейи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

**Бояд зикр намуд, ки замони имрӯза бо тағйирпазирӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа низ дигаргуниҳоро ба вуҷуд меорад. Дар ин росто, соҳаи маориф истисно нест. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти соҳаи маориф бо маром идома дошта, дар ин самт иқдомоти тоза рӯйи кор омада истодаанд. Яке аз ин иқдомот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият дар таълим мебошад.**

Бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим корҳои зиёде, аз ҷумла, таҳияи стандартҳои фаннӣ, модулҳои таълимӣ, роҳнамоҳои таълим, чопи китобҳои дарсӣ дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим ба сомон расонда мешавад. Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ба ташаккули донишу малакаҳо мусоидат намуда, шароит фароҳам меорад, ки неруи ақлонии хонанда рушд ёбад. Аз ҷониби дигар, татбиқи он яке аз ҳадафҳое мебошад, ки дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр ёфтааст. Дар ҳуҷҷати мазкур ба роҳ мондани таълим бар асоси муносибати босалоҳият ба таълим ва татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити муайян ба таълим пешбинӣ шудааст. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим дар мазмуни таҳсилот назари муаллифон гуногун мебошад. Таҳқиқоте, ки дар онҳо мазмуни таҳсилот дар ҷанбаи таърихӣ баррасӣ мешавад (М. Перминова [10], **Е. Н. Александрова** ва дигарон [1]), имкон медиҳанд дар бораи тағйирёбанда будани мазмуни таҳсилот вобаста ба рушди ҷомеа хулоса бароварда шавад. Аз замони ташаккули педагогика ҳамчун илм мазмуни таҳсилот аз нуктаи назари фанҳои таълимии ба онҳо дохилшаванда, яъне, соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти марбут ба вазифаҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоии ҷомеа баррасӣ мешуд. Аз таваҷҷуҳи назариявӣ ва амалӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим назарияи интихоби мазмуни таҳсилот бархӯрдор мебошад, ки аз ҷониби В.Окон [8, с. 100 – 103] (назарияи материализми ба фаъолият вобастабуда) таҳия гардидааст. Консепсияи пешниҳодшуда азхудкунии ҳам «материя», ҳам «вазифаи» донишҳо, яъне, истифодаи онҳоро дар тафаккур ва фаъолияти амалӣ пешбинӣ менамояд. Бартарии муносибати босалоҳият ба таълим дар он аст, ки натиҷаҳои он ба натиҷаҳои таҳсилот нигаронида мешаванд ва дар ҳамин замина инкишофи шахсияти таълимгирандагон дар асоси аз худ намудани амалиёти умумитаълимӣ, ки асоси натиҷаҳои таҳсилотро ташкил медиҳанд, ба амал бароварда мешавад. Барои татбиқи ин ҳадаф:



*– истифода бурдани шаклу методҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ, ки имконият медиҳанд, таҷрибаи шахсии хонандагон инкишоф ёбад; фароҳам овардани муҳити ҳавасмандӣ барои ҳар як нафар хонанда ҳангоми гузарондани дарсҳо; ҳавасманд намудани хонандагон бо истифода аз роҳу усулҳои гуногуни супоришҳо бе тарси он ки ҳангоми ҷавобҳо ба хатоҳо роҳ дода шавад; баҳо додан ба фаъолияти хонанда на танҳо аз рӯи натиҷаи ниҳоӣ, балки таҳлили фаъолияти хонанда аз аввал то охири дарс;*

*– қадр намудани кӯшиши хонанда бо ба ҳисоб гирифтани чунин масъалаҳо: аз ҷониби хонанда таҳлил намудани тарзи кори дигар хонандагон дар рафти дарс ва фаъолияти худ; муҳайё сохтани лаҳзаҳои муфиди муошират дар дарс, ки ба ҳар як хонанда имконият медиҳанд, ташаббусу мустақилият зоҳир намуда, ҳамзамон, барои худфаъолиятии хонанда муҳити созгор муҳайё карда шавад,* зарур аст.

Муносибати босалоҳият ба таълим тақозо мекунад, ки аз донишҳои ҳамчун намуна азхудкардашуда, тадриҷан барои ноил шудан ба мақсади асосӣ, яъне, ноил шудан ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнии ҳар як хонанда рӯ оварда шавад. Ба ин ҷараёни ҳамгироии таҳсили асосӣ ва иловагӣ дар рафти дарс ва корҳои беруназсинфӣ методҳои ҳозиразамони фаъоли таълим (бозиҳои таълимӣ, фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотии таълимгирандагон, маҳорати дар ҳалли масъалаҳои пайдошуда фаъолона ширкар варзидан) имконият фароҳам оварда метавонанд.

Дар педагогикаи муосир вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим мазмуни таҳсилот ҳамчун низоми рушду тағйирёбандагӣ, бисёрҷузъӣ ва бисёрсатҳӣ баррасӣ мешавад (Е. Н. Александрова, Ш. А. Амонашвили, Ю. К. Бабанский, В. Г. Беспалко, Е. В. Бондаревская, А. А. Вербитский, П. Я. Галперин, В. В. Краевский, И. Я. Лернер, В. Д. Шадриков ва дигарон).

Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим барои муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан падидаи нав аст. Олимони тоҷик оид ба татбиқи муносибати босалоҳият таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода истодаанд. Муҳаққиқони тоҷик Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев таъкид менамоянд, ки «Таҳсил ба қисми хурди ҳаёти маънавии хонандагон он гоҳ табдил меёбад, ки донишҳо аз фаъолияти фаъол ҷудонопазир бошанд. Вазифаи муҳимми мактаб тарбия кардани инсони кӯшишкунанда, эҷодкор, ҷустуҷӯкунандаи фикр мебошад» [2, 37].

Бояд зикр намуд, ки татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбад. Бояд ба эътибор гирифт, ки зинаи таҳсилоти ибтидоӣ махсусиятҳои худро дошта, дар иртибот бо онҳо марҳалаҳои татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим метавонанд каме тағйир пазиранд. Ин ҷо сухан дар бораи ҷаҳонбинӣ, хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии хонандагони ин синну сол аз хонандагони синни миёна ва калони мактабӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Барои дар мактаббачагони хурдсол бомуваффақият ташаккул додани муносибати босалоҳият ба таълим ба мақсад мувофиқ аст, ки таҳкурсии ин фаъолият на фақат дар синну соли хурди мактабӣ, балки дар синну соли томактабӣ гузошта шавад. Кӯдакон дар синну соли томактабӣ кӯшиш менамоянд, ки бо шахсони аз худашон калонсолтар робита барқарор намоянд. Дар кӯдакистонҳо машғулиятҳои инкишофи нутқ, тасаввуроти одитарини математикӣ, муҳити атроф, саводомӯзӣ, фаъолияти тасвирӣ ва ғайра гузаронда шуда, то охири ҳаёти томактабӣ кӯдакон ҳаҷми муайяни донишҳоро азхуд мекунанд ва тадриҷан ба мактаб тайёр мешаванд. Дар фаъолияти бозиву меҳнат кӯдакон ҷузъҳои таълимро аз худ мекунанд. Аз нуқтаи назари равоншиносон, тамоюл дар инкишофи кӯдакони синни томактабӣ на танҳо дар рушду инкишофи умумии онҳо, балки дар ташаккули азхудкунии донишҳо низ зуҳур меёбад. Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бошад, донишу малакаи аз худ намудани дониш тадриҷан шакл мегирад. Вобаста ба ин, дар назди омӯзгорон масъалаи ташаккули салоҳиятҳои таълимии мактаббачагони хурдсол гузошта мешавад. Дар синни хурди мактабӣ хотира ва тасаввуроти кӯдакон дар бораи олами атроф ва аз худ кардани ҳаҷми муайяни донишҳо ташаккул меёбад. Дар синну соли хурди мактабӣ ташаккули донишазхудкунии мактаббачагони хурдсол мутобиқ бо сатҳи болоравии инкишофи кӯдакон амалӣ карда мешавад. Мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни бозӣ, фаъолияти таълимӣ ва шаклҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ доираи донишазхудкунии худро васеъ менамоянд. Синну соли хурди мактабӣ даврае мебошад, ки дар он заминаҳои асосии донишазхудкунӣ гузошта мешавад. Дар ин синну сол кӯдакон ба супориши омӯзгор нигоҳ накарда, саъю кӯшиш менамоянд, ки мустақилона дониш аз худ кунанд. Ворид шудан ба ҷараёни таълим ва ба таври фаъол иштирок кардан дар он аз мактаббачагони хурдсол ташкилотчигӣ, риояи интизоми таълимро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар маҷмуъ, дар ташаккули салоҳиятҳои таълимии онҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар ҳақиқат, давоми 4 сол дар натиҷаи хуб ташкил намудани ҷараёни таълим дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол пешрафтҳои сифатан навро доир ба ташаккули салоҳиятҳои таълимӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Вақте ки мо дар синфҳои ибтидоӣ салоҳиятҳои таълимии мактаббачагони хурдсолро ташаккул медиҳем, бояд ба хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии онҳо диққати махсус диҳем, вагарна нодуруст ташкил кардани ҷараёни таълим ба ҷиҳати равонии онҳо зарарари ҷиддӣ ворид месозад.

Хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии мактаббачагони хурдсол маъмулан чунин мебошанд:

*– таҷрибаи ҳаётии мактаббачагони хурдсол маҳдуд аст; дар мактаббачагони хурдсол хусусияти тақлидкорӣ мушоҳида карда мешавад; дар онҳо ба қадри даркорӣ тафаккури интиқодӣ инкишоф наёфтааст; мактаббачагони хурдсол ба вазъиятҳои таълимии баамаломада на ҳамеша дуруст сарфаҳм мераванд; онҳо ҳанӯз ба натиҷаҳои донишазхудкунии худ аз нигоҳи танқидӣ баҳо дода наметавонанд; қобилияти иродавии онҳо ҳанӯз пурра инкишоф наёфтааст; дар мактаббачагони хурдсол ҳавасмандӣ (ваҷҳ) барои ноил шудан барои дастовардҳои нави донишомӯзӣ пурра ташаккул наёфтааст.*

*Дар иртибот ба ин, муносибати босалоҳият ба таълим имконият медиҳад, ки ба саволҳои зерин ҷавоб ёбем: Барои чӣ меомӯзем?, Чиро меомӯзонем?, Чӣ тавр аз худ кунем?*

Ҳангоми амалӣ намудани таълими босалоҳият дар таълими мактаббачагони хурдсол ҳалли масъалаҳои калидии зерин бояд ба ҳисоб гирифта шавад:

1. **Омӯхтан:** тавониста гирифтани манфиат аз таҷриба, ташкил намудани усулҳои омӯзишии худ, масъалаҳои пайдошударо ҳал карда тавонистан, мустақилона ба таълимгирии худ машғул шудан.

2. **Ҷустуҷӯ намудан:** бонки гуногуни маълумотро оид ба хостаҳои худ гирд овардан, аз омӯзгор ва ҳамдарсон маслиҳат пурсидан, бо маводи таълимӣ кор карда тавонистан.

3. **Фикр кардан:** ба мушкилот ва нобовариҳо истодагарӣ карда тавонистан, дар баҳсҳо аз мавқеи худ дифоъ намудан, фикри худро мустақилона баён карда тавонистан, нуқтаи назари дигаронро эҳтиром карда тавонистан.

4. **Ҳамкорӣ:** бо гурӯҳ ҳамкорӣ ва кор карда тавонистан, ба қароре омада тавонистан, якдигарнофаҳмӣ ва мунокишаро ором карда тавонистан.

5. **Ба кор саргарм шудан:** ба супоришҳо ҳамроҳ шудан, масъулият ҳис кардан, ҳамроҳ шудан бо гурӯҳ ва коллектив, саҳми худро гузоштан, кору фаъолияти худро ташкил карда тавонистан.

6. **Мутобиқ шудан:** технологияи нави информатсионӣ-коммуникативиро истифода бурда тавонистан, ба тағйироти фаврии рӯйдода уҳдабароёна эътибор додан, дар назди мушкилиҳо истодагарӣ карда тавонистан, ба қарору хулосаҳои нав омада тавонистан ва роҳҳои нави ҳаллро дарёфт намудан.

Дар робита ба ин, мехоҳем дар бораи салоҳиятҳои таълимӣ-маърифатӣ каме таваққуф намоем. Салоҳиятҳои таълимӣ-марифатӣ маҷмуи салоҳиятҳо дар соҳаи фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонанда буда, ҷузъҳои фаъолияти мантиқӣ, методологӣ ва умумитаълимиро дар бар мегиранд. Дар ин ҷо тарзи ташкили интихоби ин ё он мақсад, банақшагирӣ, таҳлил, фаъолнокии худ, худбаҳодиҳӣ дар назар дошта мешавад. Оид ба маводи азхудкардашуда хонанда эҷодкорона қарор қабул карда, аз муҳити иҳотакардашуда донишҳои заруриро ба даст оварда ва проблемаҳои таълимӣ-маърифатиро дар ҳолату вазъиятҳои ғайричашмдошт таҳлил карда метавонад.

Салоҳиятҳои таълимӣ-маърифатӣ тақозо мекунанд:

*– мақсад гузоштан ва фаҳмонида тавонистани мақсади гузоштаи худ; ташкили банақшагирӣ, таҳлил, худбаҳодиҳии фаъолияти таълимӣ-маърифатии худ; ба далелҳои мушоҳидашаванда савол гузошта тавонистан, сабабу ҳодисаҳоро ҷустуҷӯ карда тавонистан, муайян карда тавонистан ё муайян карда натавонистани фаҳмиши худ ё ин ки дарк карда тавонистани нофаҳмии худ нисбат ба масъалаи омӯхташаванда; вазифаҳои маърифатдӯстиро гузошта тавонистан ва фарзияҳоро ба миён гузоштан; натиҷаҳоро ҷамъбаст намудан ва ба шакл даровардан; ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ ифрози ақида карда тавонистан; доштани таҷрибаи дарк намудани олами иҳотакардашуда.*

Дар ин ҷо бояд мавқеи муаллимро муайян намоем. Бояд зикр намуд, ки дар ин ҳолат мавқеи муаллим низ тағйир меёбад. Ӯ дигар акнун ҳамроҳи китоб барандаи «дониши воқеӣ» нест. Вазифаи асосии ӯ минбаъд ҳавасманд намудани хонандагон оид ба нишон додани ташаббус ва мустақилияти хонандагон барои донишазхудкунӣ мебошад. Ӯ бояд кори мустақилонаи хонандагонро ташкил намояд. Дар он бояд ҳар як хонанда тавонад қобилият ва шавқи худро дар амал татбиқ намояд. Амалан омӯзгор «муҳити инкишофёбандаро» ба вуҷуд меорад, ки он метавонад дар инкишофи қобилиятҳои ақлонӣ ва қобилиятҳои устувор вобаста ба салоҳиятҳои зарурӣ инкишоф дода шавад. Бояд зикр намуд, ки дар ин ҷо мо бояд инкишофи хонандаро фаромӯш накунем. Вақте ки ҷараёни таълим тибқи муносибати босалоҳият ба роҳ монда мешавад, мафҳуми «инкишоф» тағйир меёбад. Инкишофи фардии ҳар як инсон дар навбати аввал ба маҳоратҳои ба даст овардашуда вобастагии зич дорад, ки дар вай аллакай маҳоратҳо мавҷуданд, на иттилооти ба даст овардашудаи муқаррарӣ, ки барои ӯ дар ҳаёти воқеӣ ҳеҷ гоҳ

зарур нестанд. Метавон он тавсифи лаҳзаҳоеро ҷудо намуд, ки бояд дилхоҳ муаллими синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати ба роҳ мондани «муҳити инкишофдиҳанда» дар синф ташкил намояд. Чунончи:

*1. Аз ҷониби хонандагон мустақилона интихоб намудани мавзуъҳо оид ба дараҷаи мураккабии худ ҷудо намудани супоришҳо, шаклу воситаҳои кор ва ғайра.*

*2. Иҷрои кори мустақилонаи таълимӣ.*

*3. Дарк намудани мақсади кор ва масъулият барои иҷрои супориш.*

*4. Дар амал татбиқ намудани шавқу рағбати фардии хонандагон.*

*5. Корҳои гурӯҳӣ (тақсими вазифаҳо, банақшагирӣ).*

*6. Ташаккули мафҳумҳо ва ташкили амалиёти худ дар асоси он.*

*7. Истифодаи низоми баҳодиҳӣ, мувофиқ ба талаботи натиҷаҳои таҳсилот.*

*8. Аз ҷониби муаллим муаррифӣ карда тавонистани рафтори босалоҳияти худ.*

Ин шартҳоро мушаххас намуда, имконияти амалиёти муаллимро барои ба муҳити инкишофдиҳанда равона намудани фаъолияти худ муайян кардан мумкин аст:

*1. Ҳавасманд кардани хонандагон барои кӯшиши мустақилона ягон супоришро иҷро намудан.*

*2. Ташкили ҳавасмандии хонандагон барои ноил шудан ба мақсади гузоштаашуда.*

*3. Бедор намудани шавқи хонандагон оид ба ҳалли мақсадҳои мушкил, вале воқеӣ.*

*4. Бедор намудани фаъолнокии хонандагон оид ба ифодаи нуқтаи назари худ, ки нисбат ба нуқтаи назари дигарон фарқ кунад.*

*6. Ҷалби хонандагон ба намудҳои гуногуни фаъолият, ки ба инкишофи қобилиятҳои онҳо мусоидат мекунанд.*

*7. Ба вуҷуд овардани шаклҳои гуногуни ҳавасмандӣ, ки имконият медиҳанд таваҷҷуҳи хонандагонро ба донишазхудкунӣ бедор намоянд, дастгирии фаъолнокии онҳо, ташаккули шаклҳои гуногуни ҳавасмандии хонандагон.*

*9. Шартҳои зоҳир намудани ташаббус дар асоси тасаввуроти шахсӣ.*

*10. Омӯзонидан даркор, ки хонандагон дар ҳалли масъалаҳои баҳснок нотарсона нуқтаи назари худро иброз намоянд, махсусан, агарчи ақидаи онҳо бо фикри дигарон як хел нест.*

*12. Омӯзонидан даркор, ки фикри дигарон гӯш карда шавад, аммо хонанда ҳақ дорад, ки бо дигарон ҳамфикр набошад.*

*13. Ақидаи дигаронро, ки арзишу нуқоти дигар доранд, эътироф намудан.*

*14. Омӯзонидан даркор, ки худбаҳодиҳӣ ба фаъолият ва натиҷаҳо бо меъёрҳои маълум чен карда мешаванд.*

*15. Фаҳмонидан даркор, ки кори гурӯҳӣ чӣ самара медиҳад.*

## АДАБИЁТ:


1. Александрова, Е. Н. Влияние содержания географического образования на формирование ценностных ориентаций старших подростков [Текст]: Автореф. дис. ... канд. пед. наук: 13.00.01 / Е. Н. Александрова. – Петрозаводск, 1999. - 24 с.

1. Бобизода, Ғ., Имомназаров, Д., Исрофилниё, Ш., Байзоев, А. Муносибати босалоҳият ба таълим (Дастури методӣ) **[Текст] /** Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров ва диг. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 72 с.

2. Вербитский, А. А. Компетентностный подход и теория контекстного обучения [Текст] / А . А. Вербицкий. – М., 2004. – 85 с.

3. Гальперин, П. Я. Введение в психологию [Текст] / П. Я. Гальперин. – М.: Изд-во Московского ун-та, 1976. – 150 с.

4. Давыдов, В. В. Проблемы развивающего обучения: опыт теоретического и экспериментального психологического исследования [Текст] /В. В. Давыдов. – М.: Педагогика, 1986. – 240 с.

5. Занков, Л. В. Беседы с учителями (Вопросы обучения в начальных классах) [Текст] /Л.В. Занков. – 2-е изд, перераб. – М.: Просвещение, 1975. – 181 с.

6. Лернер, И. Я. Дидактические основы методов обучения [Текст] / И. Я. Лернер. – М., 1981. – С. 99 с.

7. Оконь, В. Введение в общую дидактику [Текст] / В. Оконь; пер.с польск. Л. Г. Кашкуревича, Н. Г. Горина. – М.: Высшая школа, 1990. – 382 с.

8. Основные современные концепции творчества и одаренности [Текст] / Под ред. Д.Б. Богоявленской. – М.: Молодая гвардия, 1997. – 416 с.

Перминова, Л. М. Теоретические основы конструирования содержания школьного образования [Текст]: Автореф. дисс... докт. пед. наук / JТ. М. Перминова. – М., 1995. – 38 с.



# ДАРЁФТ ВА РУШДИ ИСТЕЪДОДҲО – ТАЛАБИ ЗАМОН

**Аз муҳимтарин омилҳое, ки дар тайёр кардани мутахассисони сазовори замон мусоидат мекунанд, дарёфт ва рушди истеъдодҳост. Дар ҷумҳурии мо, хушбахтона, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала назари хос дорад. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113 тасдиқ шудааст, муҳимтарин ҷанбаҳои низоми дарёфт, дастгирӣ ва рушди истеъдодҳоро фаро мегирад. Он ҷанбаҳо кадомҳоанд, директори Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо Муҳаммадҷон Ғаффорзода чунин шарҳ дод:**

– Таълиму тарбияи насли ҷавони боистеъдод яке аз ҳадафҳои асосии соҳаи маориф маҳсуб меёбад, зеро маҳз кадрҳои болаёқату соҳибистеъдод метавонанд барои рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ саҳмгузор бошанд. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2021, №113 тасдиқ шудааст, муҳимтарин ҷанбаҳои низоми дарёфт, дастгирӣ ва рушди истеъдодҳоро фаро мегирад. Барномаи мазкур таъсиси марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар шаҳру ноҳияҳо, таъмини мустақилияти молиявӣ, бинои алоҳида, воҳидҳои кории омӯзгорӣ аз фанҳои таълимӣ ва фароҳамоварии шароити мусоид барои омӯзиши амиқи фанҳоро пешбинӣ менамояд. Айни замон дар ҷумҳурӣ 73 маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо фаъолият дорад, ки 53 марказ бо мустақилияти молиявӣ, 8 марказ бо бинои алоҳида ва 17 марказ бо воҳидҳои кории омӯзгорӣ аз ҳамаи фанҳо таъмин мебошанд. Азбаски ҳамагӣ 8 марказ бинои алоҳида дорад, 65 маркази дигар машғулиятҳои таълимиро дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба роҳ мондааст.

Яке аз самтҳои дигари афзалиятноки барнома таъсиси муассисаҳои таълимии типи нав – мактабҳои Президентӣ, гимназияву литсейҳо ва мактабҳои тамоюли физикӣ-математикӣ мебошад. Дар ин замина, барои иҷрои бандҳои 5, 6, 8, 9 ва 10-и Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии барномаи мазкур давоми соли 2021 дар ҷумҳурӣ 3 муассисаи таълимии типи нав (***Гимназияи №4 дар ноҳияи Сино, Литсейи №4 дар ноҳияи Шоҳмансур, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ)*** мавриди истифода қарор дода шуд.

Соли 2022, дар ҷумҳурӣ 10 муассисаи типи нав ва мактабҳои тамоюли физикӣ-математикӣ ***(Мактаби байналмилалии Президентӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, мактабҳои русӣ-тоҷикӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Турсунзода, Литсейи №5 барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, Гимназияи хусусии «Нуриддин» дар ноҳияи Фирдавсӣ, «Литсейи Умари Хайём» дар ноҳияи Сино, Муассисаи таълимии хусусӣ барои хонандагони болаёқат «Контакт-Интернейшнал» дар шаҳри Исфара)*** ифтитоҳ ёфт.

Соли 2023 17 муассисаи типи нав ва мактабҳои равияи физикӣ-математикӣ (***Литсейи назди Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Гимназияи хусусии «Қалам» дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, Гимназияи хусусии ба номи Марям Исоева ва Гимназияи хусусии «Саидумар» дар ноҳияи Фирдавсӣ, Литсейи хусусии инноватсионии «Ҷавонӣ» дар вилояти Суғд, Литсей барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Шаҳринав ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 бо омӯзиши амиқи фанҳои равияи табиӣ-риёзӣ дар ноҳияи Варзоб***) ифтитоҳ гардид.

Ҳамзамон, моҳи сентябри соли 2023 бинои Литсейи назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз нав сохта шуда, фарогирии хонандагон ду баробар зиёд карда шуд. Дар баробари ин, банди 7-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии барнома таъсиси муассисаҳои таҳсилоти томактабии равиявӣ барои кӯдакони боистеъдодро пешбинӣ намудааст. Дар ин самт кор асосан тавассути ҷалби бахши хусусӣ ҷоннок гардида, тайи солҳои 2021-2023 6 муассисаи томактабӣ барои кӯдакони болаёқат, аз ҷумла, муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии равиявӣ барои кӯдакони боистеъдод, 3 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Закия», «Cherry Kid'S Academy» (Черри-кидз Академи), «Душанбе Монтессори» дар шаҳри Душанбе ва муассисаи таҳсилоти

томактабии инноватсионӣ дар шаҳри Бохтар, муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Ориёно» таъсис ёфт.

Такмили заминаи илмӣ ва методии марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат яке аз ҳадафҳои асосии барнома ҳисобида мешавад. Дар ин самт, тибқи банди 75-и барнома бо мақсади оммавигардонии илм, маърифии наврасону ҷавонони лаёқатманд, тарғиби таҷрибаи пешқадам дар соҳаи илму маориф ва пахши наворҳои таълимӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 августи соли 2020, №452 Муассисаи давлатии телевизиони «Илм ва табиат» таъсис ёфт. Ҳамчунин, ҷиҳати таъмини дастрасии хонандагони болаёқату соҳибистеъдод ба адабиёти махсуси таҳсилоти иловагӣ давоми соли 2023 бо ҷалби омӯзгорони варзида аз 13 фанни таълимӣ маҷмуи саволу супоришҳо барои омодагӣ ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ таҳия ва нашр гардид. Инчунин, бо мақсади иҷрои банди 38 ҷиҳати дар назди Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо таъсис додани маҷаллаи «Истеъдод» барои гирифтани иҷозатнома ҳуҷҷатҳо ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

Тибқи талаботи барнома, баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон яке аз омилҳои дигари рушди истеъдодҳои наврасону ҷавонон ба шумор меравад. Дар ин росто, бандҳои 41, 43, 44, 45, 46, 47 ва 48-и барнома ба татбиқи чораҳои муассир барои баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорони муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат равона гардидаанд. Вобаста ба ин омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тибқи тартиби муқарраргардида аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд. Барои такмили ихтисоси омӯзгорони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илм мунтазам чораандешӣ карда мешавад. Чунончи, тайи се соли охир бо ҷалби кормандони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо 34 семинари методӣ, 26 мизи мудаввар, 3 конференсия ва 2 ҳамоиш гузаронида шуда, 15 нафар омӯзгор зимни баргузории олимпиадаҳои сатҳи байналмилалӣ барои роҳнамоии иштирокдорон ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам ба хориҷи кишвар сафарбар гардида, 5 нафар омӯзгор дар хориҷи кишвар аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои дарёфти чеҳраҳои нави соҳибистеъдоду болаёқат мусоидат намуда, тавассути озмуну олимпиадаҳо хонандагони дорои донишҳои амиқи назариявӣ, маҳорати таҳлилӣ, тафаккури мантиқӣ ва малакаҳои эҷодкорӣ мегарданд. Бинобар ин, ҷиҳати иҷрои бандҳои барнома тартиб ва низомномаҳои 20 олимпиадаи фаннӣ такмил ва таҷдиди назар гардида, бо қарорҳои ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дода шуданд. Дар асоси санадҳои меъёрии мазкур олимпиадаҳо комилан бо усули нав баргузор ва дар он хонандагон вобаста ба холҳои бадастовардаашон ҷойҳои намоёнро сазовор мегарданд.

Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда, ҷиҳати иҷрои бандҳои 63, 64, 65, 66, 67, 68, 69 ва 70-и барнома ҷалби хонандагон ба олимпиада афзуда, шумораи ғолибон 63,5% зиёд гардид. Ҷиҳати иҷрои банди 64-и Нақшаи чорабиниҳои барнома, ки барои рушди тафаккури дақиқ ва хулосабарории мантиқии наврасону ҷавонон равона гардидааст, Олимпиада оид ба Шоҳмот ва Олимпиадаи «Spelling Bee» (Спеллинг-би) ташкил шуда, ҳамасола баргузор мешавад. Солҳои 2021-2023 дар даври ҷумҳуриявии Олимпиада оид ба шоҳмот 213 нафар хонанда ширкат варзида, 54 нафар ғолиб омада, дар даври ҷумҳуриявии Олимпиадаи «Spelling Bee» 221 нафар хонанда ширкат намуда, 38 нафар ҷойҳои намоёнро ишғол кард.

Дар давраи амалишавии барнома ҳаракати олимпии байналмилалӣ низ ба таври бесобиқа вусъат ёфт. Дар соли 2021 бинобар сабаби номусоид будани вазъи эпидемиологии сайёра хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ширкат карда натавонистанд. Аз ин рӯ, соли 2022 хонандагони кишвар дар 23 олимпиада ва соли 2023 дар 34 олимпиадаи лоиҳавӣ, фосилавӣ ва байналмилалӣ иштирок намуданд. Агар соли 2021 1054 нафар хонанда дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ширкат варзида, 643 ҷойи намоёнро ба даст оварда бошанд, соли 2023 13090 хонанда дар ин сабқатҳо ширкат варзида, 1184 ҷойи намоёнро ба даст оварданд, ки ин нишондиҳанда мутаносибан аз 84% бештар мебошад. Дар баробари афзоиши теъдоди ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ, сатҳ ва сифати иштирок дар олимпиадаҳо беҳтар гардида, ба олимпиадаҳои байналмилалии сатҳи баланд бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Аз ҷумла соли 2023 хонандагони ҷумҳурӣ дар олимпиадаҳои бонуфуз, аз қабили IMEC, Архимед, TeenEgle, Stem, Isi Junior, WRO, Жаутиков, BIMC, HIPPO, EGMO, Ал-Берунӣ, JBMO, IMO, Математекаи зеҳнӣ, EuPhO, Менделеев, APhO, APMO, IBO, IPhO, ICHO, Copernicus ширкат варзиданд.

Ҷиҳати иҷрои бандҳои 19, 20, 21 ва 51-и Барнома Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонидани ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ чораҳои мушаххас меандешад. Мутобиқи Низомномаи олимпиадаҳо барои ғолибони даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони синфи 11-и муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни дохилшавӣ ба ихтисосҳои равияи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тариқи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ барои ғолибони ҷойи якум –

100 хол, барои ғолибони ҷойи дуюм – 75 хол ва барои ғолибони ҷойи сеюм – 50 хол муқаррар шудааст. Ҳамзамон, соли 2023 аз шумораи умумии 256 339 нафар кӯдакону наврасони ба истироҳатгоҳҳо ҷалбгардида, 12939 нафарашонро хонандагони аълохон ва ғолибони озмуну олимпиадаҳои фанниву зеҳнӣ ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, ҳавасмандии омӯзгороне, ки барои иштирок дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ шогирд омода менамоянд, сол ба сол беҳтар мегардад. Аз ҷумла, соли 2024 зимни ҷамъбасти олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ 16 нафар омӯзгоре, ки шогирдонашон дар олимпиадаҳо шумораи бештари ҷойҳоро сазовор гардидаанд, бо маблағи 3000 сомонӣ, 28 нафар бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», 103 нафар бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд гардонида шуданд. Дар баробари ин, чунин тадбирҳо барои ҳавасмандгардонӣ ва беҳтарсозии вазъи иҷтимоии омӯзгорон аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ низ сурат мегирад.

Ҳарчанд, тибқи талаботи барнома, барои иҷрои **36 банди он** маблағ пешбинӣ шуда бошад ҳам, дар ин самт як қатор мушкилӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла маблағгузорӣ нагардидани барнома аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сабаби ба таври зарурӣ иҷро нагардидани баъзе бандҳои он гардидааст. Дар маҷмуъ, аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2021 – 1514755 сомонӣ, соли 2022 – 4884179 сомонӣ ва соли 2023 – 3546122 сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин маблағҳо асосан барои ҳавасмандгардонии ғолибони озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст, «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» равона гардиданд. Дар маҷмуъ, аз соли 2021 то соли 2025 аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои иҷрои барнома бояд 7 миллиону 980 ҳазор сомонӣ ҷудо карда мешуд. Аммо, соли 2021 бинобар сабаби дар моҳи апрел қабул гардидани барнома барои иҷрои он аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағ ҷудо нагардид. Соли 2022 бошад, аз буҷети ҷумҳуриявӣ 2192000 сомонӣ ва соли 2023 1146800 сомонӣ ҷудо гардид, ки ин маблағҳо асосан барои ба олимпиадаҳои байналмилалӣ сафарбар намудани хонандагон ва ташкили озмоишгоҳҳо дар Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо равона гардиданд. Яъне, то инҷониб аз 7 миллиону 980 ҳазор сомонӣ ҳамагӣ 3 миллиону 338 ҳазору 800 сомонӣ (41,8%) ҷудо гардидааст.

Аз 88 банди нақшаи чорабиниҳои барнома муҳлати амалисозии 16 банд ё худ 18,4% дар солҳои 2021-2023 ва 72 банд ё худ 81,6% то соли 2025 муқаррар гардидааст. Дар маҷмуъ, иҷрои барнома соли 2021 – 27,2%, соли 2022 – 40,5%, соли 2023 – 51,1%, соли 2024 – 65% ва то нимсолаи соли 2025 76% таъмин гардида, бандҳои боқимондаи барнома қисман иҷро гардидаанд, ё дар ҳоли корбарӣ қарор доранд.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада метавон ба хулосае омад, ки Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021–2025 яке аз санадҳои муҳимми соҳавӣ дар самти ташкили низоми муосири дарёфт, дастгирӣ ва рушди хонандагони боистеъдод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Бо татбиқи ин барнома, дар тӯли панҷ сол як силсила тағйироти ҷиддӣ дар соҳаи маориф ба амал омаданд. Аз ҷумла, таъсиси муассисаҳои таълимии равиявӣ, баланд гардидани сатҳи иштироки хонандагон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, таҳияи маводи таълимӣ барои хонандагони боистеъдод ва тадбирҳои ҷиддӣ дар самти баланд бардоштани савияи касбии омӯзгоронро метавон аз дастовардҳои намоён ҳисобид. Ҳамзамон, барои ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва тарбиятгарони хонандагони болаёқат низ чораҳои мушаххас андешида шуданд.

Бо вуҷуди ин, мушкилоти вобаста ба маблағгузории маҳаллӣ ва нокифоягии инфрасохтор, аз ҷумла, набудани бинои алоҳида дар аксари марказҳо ба таври ҷиддӣ раванди татбиқи баъзе бандҳои барномаро халалдор гардонидаанд. Ин нишон медиҳад, ки барои расидан ба ҳадафҳои дарозмуддати миллӣ дар самти рушди неруи инсонӣ ва истеъдодҳои ҷавон, зарурати таҳияи санади нави стратегӣ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, қабули барномаи давлатии нав барои солҳои 2026–2030, ҳамчун марҳалаи нав ва мантиқии такмили сиёсати давлатӣ дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо амри зарурӣ ва саривақтӣ мебошад. Барномаи нав бояд бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлили барномаи қаблӣ, ченакҳои муассири мониторинг, устувории молиявӣ, рушди инфрасохтори самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо, тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷалби бахши хусусӣ таҳия гардад. Илова бар ин, дар барномаи нав бояд ба масъалаи пайгирии истеъдодҳо дар марҳалаҳои гуногуни таҳсил ва фаъолияти касбӣ, пайвастагии муассир байни зинаҳои таҳсилот ва омӯзиш, рушди рақамисозии раванди таълим ва фарогирии бештари кӯдакон дар синни томактабӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Таҳия ва амалисозии чунин барнома на танҳо ба рушди шахсиятҳои болаёқату соҳибистеъдод мусоидат менамояд, балки ба таҳкими неруи зеҳнии миллӣ, болоравии рақобатпазирии низоми маорифи кишвар ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ саҳми назаррас мегузорад.

***Таҳияи Саидаи ФАЗЛ***

# ИСТИРОҲАТ БАРОИ БАЧАҲО ЗАРУР АСТ



Саидаи ФАЗЛ – Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Истироҳат барои хурду калон зарур аст ва албатта, барои бачаҳо бештар. Подоши ҳама гуна заҳмат истироҳати хуб бояд бошад. Аз ин рӯ, онҳо ҳам ҳаққи истироҳат доранд. Ин аст, ки дар тамоми мамолики дунё ин паҳлуи ҳаёти бачаҳо мавриди таваҷҷуҳи ҳукуматҳо қарор дорад. 20 сол пеш мо дар ин хусус бо изтироб менавиштем, чунки нигарониҳо дар ин самт зиёд буданд. Хушбахтона, вазъият имрӯз хеле тағйир ёфтааст.**

## ҲУКУМАТ ВА БАЧАҲО

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола барои дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани мавсими истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон қарори махсус ба тасвиб мерасонад. Имсол ҳам аз 28 феврали соли 2025, №97 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2025» ба тасвиб расид. Тибқи талаботи ин қарор, ташкили истироҳатгоҳҳо ва таъмини шароити мусоид барои истироҳати кӯдакон ва наврасон ба зиммаи вазорату идораҳои дахлдор ва иттифоқҳои касаба вогузор шудааст. Ҳамчунин, дар қарор зарурати таъминоти истироҳатгоҳҳо бо кадрҳои баландихтисос, ташкили шароити зарурии истироҳатӣ, пешгирии бемориҳо, ҷалби кӯдакон ва наврасон ба фаъолиятҳои варзишӣ, фарҳангӣ ва тарбияи ватандӯстӣ низ таъкид шудааст.

Дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои коргарон ва оилаҳои онҳо Иттифоқҳои касаба ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ нақши муҳим дорад. Аммо дар масъалаи роҳбарии методӣ, баргузории чорабиниҳои таълимию-тарбиявӣ ва таъмини истироҳатгоҳҳо бо кадрҳои омӯзгорӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст.

## ТАДБИРҲО БАРОИ БАЧАҲО

Дар робита ба иҷрои банди 5-и ин қарор фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025 таҳти №361 «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2025» ба тасвиб расида, дастраси Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маориф гардонда шуд.



Тавре директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муяссара Давлатзода дар суҳбат бо мо зикр кард, барои иҷрои фармоиши вазир ва бо мақсади дуруст ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва ташкилӣ дар истироҳатгоҳҳои тобистона ибтидои моҳи майи соли ҷорӣ дар вилояти Суғд ва ибтидои моҳи июн дар истироҳатгоҳи «Файзи Истиқлол»-и Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар - машварати ҷумҳуриявӣ бо иштироки роҳбарон ва мутасаддиёни истироҳатгоҳҳои тобистона гузаронда шуд. Дар семинар намояндагон аз Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи

иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва роҳбарону мутасаддиёни истироҳатгоҳои тобистона аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок ва баромад намуданд.

– Мақсади баргузории чунин семинарҳо баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорату малакаи роҳбарон ва мутасаддиёни истироҳатгоҳҳои тобистона мебошад, – гуфт ӯ. – Зеро ин масъулон ба маслиҳату тавсияҳои методӣ ниёзмандии зиёд доранд.

Табиист, ки беҳтар шудани шароити истироҳатгоҳҳо ба маблағ вобастагии зиёд дорад. Аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса ба соли гузашта (4млн.500 ҳазор сомонӣ) имсол 100,000 сомонӣ бештар ҷудо шуд. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ, тибқи маълумоти Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру вилоятҳо, 3738 адад истироҳатгоҳ, аз ҷумла, 28 истироҳатгоҳи беруназшаҳрӣ, 1637 истироҳатгоҳи наздимактабӣ, 527 истироҳатгоҳи варзишӣ-беҳдоштӣ, 392 истироҳатгоҳи меҳнатӣ-истироҳатӣ, 759 истироҳатгоҳи фароғатӣ-таълимӣ, 16 истироҳатгоҳи наздиинтернатӣ ва 377 истироҳатгоҳи солимгардонӣ ба нақша гирифта шуда, дар онҳо 303198 нафар кӯдаку наврас ба истироҳату солимгардонӣ фаро гирифта мешаванд. Ба таъкиди М. Давлатзода, ҳамасола дар мадди назар фарогирии кӯдакони ятим, бепарастор ва ғолибони озмуну олимпиадаҳо ба назар гирифта мешавад. Соли ҷорӣ аз шумораи умумии кӯдакон ва наврасоне, ки ба истироҳату солимгардонӣ ҷалб карда шуданд, 709 нафар ятими кул, 4391 нафар нимятим, 9017 нафар аз оилаҳои камбизоат, 194 нафар хонандаи шӯхтабиат, 295 нафар хонандаи маъюб, 1990 нафар хонандаи бепарастор, 182 нафар аз оилаҳои осебпазир, 164090 хонандаи фаъол, 39907 нафар ғолиби олимпиадаҳо, 534 нафар ғолиби озмунҳои ҷумҳуриявӣ, 81889 нафари дигарро хонандагон ташкил медиҳанд. Аммо бояд иқрор шуд: ба дурустии ин омор то куҷо эътимод кардан мумкин аст, рӯшан нест, чунки солҳо доир ба нодуруст ва носаҳеҳии маълумотҳои оморӣ ва аз меъёр зиёд нишон додани онҳо дар ҷаласаву машваратҳо садо медиҳанд.

Тибқи иттилоъ, аз шумори истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 5, вилояти Суғд 10, вилояти Хатлон 4, шаҳри Душанбе 2 ва шаҳру ноҳияҳои тобеъ 7 истироҳатгоҳи беруназшаҳрӣ рост меояд. Маъмулан, истироҳат дар истироҳатгоҳҳо ҳамеша дар давраҳои муайян пешбинӣ мешавад. Имсол ҳам истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон аз 12 июн оғоз ёфта, дар чор баст (ҳар баст 12 рӯз) ба роҳ монда мешавад.

Дар суханронии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода «Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2022 ва вазифаҳо то охири соли 2022» (12.10.2022) омада буд: «Барои ғанӣ гардонидани фароғати маънавии кӯдакону наврасон ва ҷалби хонандагон ба мутолиаи китобу маҷаллаҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд ба як қатор истироҳатгоҳҳои берунашаҳрӣ китоби «Чеҳраҳои мондагор», дигар китобҳои бадеии бачагона, дастурҳои методӣ, ҳамчунин варақаҳои тасвирӣ, лавозимоти идориву варзишӣ тақдим карда шуд».

Бо қарори раиси шаҳри Душанбе дар тобеияти Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» лагери истироҳатию омӯзишии «Рангинкамон» таъсис ёфт, ки ин ҳам сазовори таҳсин аст. Ғайр аз Ҳукумати ҷумҳурӣ, дар бисёре аз шаҳру навоҳӣ низ ба истироҳати тобистонаи бачаҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад.

**ИСТИРОҲАТИ БАЧАҲО ВА...**

Ба гуфти Муяссара Давлатзода, соли ҷорӣ аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии ҷумҳурӣ бо мақсади хотирмон гузарондани истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон ташкили озмуну мусобиқаҳо, чорабиниҳои варзишӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ, маҳфилҳои омӯзишии забонҳои хориҷӣ, компютер, фанҳои дақиқ, ки бештар ба фароғати умумӣ, омӯзиш ва бозиҳо равона мегарданд, дар истироҳатгоҳҳо роҳандозӣ гардидааст.

Вале ногуфта намонад, ки истироҳат дар истироҳатгоҳҳо ***речаи махсус*** дорад ва бояд ҳам дошта бошад. Дар робита ба он чи ки зикр шуд, ҳангоми таҳияи речаи рӯз ташкили бозиҳои гуногуни серҳаракат, чорабиниҳои фарҳангию истироҳатӣ, ташкили мусобиқаҳои байни гурӯҳҳо, гузарондани озмунҳо бо мақсади тарбияи эстетикӣ, ахлоқӣ, ташаккули қобилияти зеҳнию фикрии мактабиён ба назар гирифта мешавад. Ба гуфти сармутахассиси Маркази ҷумҳуриявии

таълимию методӣ **Бӯрихон Ҳайдаров,** барои ҳифзи саломатии ҳар як бача, инкишофи ҳамаҷонибаи ҷисмонию рухӣ, зиндадилию шавқу завқи ӯ бояд ҳама кӯшиш равона гардад.

– Дуруст ба роҳ мондани чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ, варзишӣ, сайру саёҳати мақсаднок, дар сурати пурра ва қатъӣ риоя кардани реҷаи корӣ, истироҳати бачаҳо бофароғату хотирмон мегузарад ва тамоми сол дар лавҳи хотири онҳо нақш мебандад, – мегӯяд ӯ. – Дар сурати амалӣ нагаштани реҷаи мазкур фароғати бачаҳо ҳадафу моҳияти худро гум карда, истироҳати онҳо дилгиркунанда мегузарад.

Ба таъкиди ӯ, риояи вақти муқарраршуда барои ҳамаи гурӯҳҳо, аз ҷумла, бачаҳо, педагогҳо, мураббияҳо, духтур ва ошпаз ҳатмист. Тартиби рӯз танҳо ҳамон вақт самаранок мегардад, ки барои таъмини ҳаёти мустақилона ва фароғати хуби бачаҳо нигаронида шавад. Ин ҷиҳатро ба назар гирифтан ногузир аст.

Дар хусуси он ки аз ҷониби марказ низомномаи истироҳатгоҳ, низомномаи мураббӣ ва вазифаҳои хидматии кормандони истироҳатгоҳҳо ба табъ расидаанд, шак надорем, аммо дар масъалаи он ки кабинетҳои методӣ дар дастрас кардани маводи методӣ, дар зимн, ба ***мавҷуд будани гӯшаҳои методӣ*** дар раёсат ва шуъбаҳои маориф ва истироҳатгоҳҳо, ***дастрас гардондани низомномаи истироҳатгоҳ, низомномаи мураббӣ ва вазифаҳои хидматии кормандони истироҳатгоҳҳо*** (ба истиснои баъзе истироҳатгоҳҳо) саҳлангорӣ мекунанд ва ё илоҷ надоранд, шубҳа ҷой дорад. (Як омӯзгори собиқадор аст: **Муҳиддин Султонов,** ки солҳо дар мактаб – интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор кор мекунад. Камбуди кор ва норасоии бисёр ҳуҷҷатҳоро аз навиштаву пешниҳодҳои он кас фаҳмидан мумкин аст. Агарчи на ҳама пешниҳодҳои ӯро мо дар саҳифаҳои нашрияҳоямон чоп кардаем, аммо аҳаммияти ин ки дар ҷойи холӣ чизеро пешниҳод мекунад, ба мо бармалост. Ба табъ расондани санадҳои меъёрӣ ва дастрасӣ ба онҳо кори муҳимми мутахассисони соҳа аст, ки инро мо ҳақ надорем, нодида гирем.) Дар ҳар сурат ин ки шаклҳои гуногуни истироҳатгоҳҳо аз ҷониби кӣ ва кадом ниҳод ба фаъолият мепардозанд, пешниҳоди низомнома аз ҷониби эшон ва назорати ниҳоди масъул дар ин раванд набояд сарфи назар гардад, хеле муҳим аст.

Масъалаи дигар ин аст, ки мураббиёни мо ***нақшаи дурусту барномаи рангини истироҳати тобистонаро*** барои ҳар синну сол бояд дошта бошанд. Бо таассуф, тамоми мураббиён дар истироҳатгоҳҳои мо аз рӯйи нақшаву барномаи қолабие, ки солҳо мавриди истифода қарор доранд, кор мебаранд. Инро аз забони бисёр мураббиён мешунавем.

Хуллас, «оё имрӯз дар истироҳатгоҳҳо (ҳама намуд) санад дар бораи қабули истироҳатгоҳҳо, Низомномаи истироҳатгоҳ ва реҷаи кор, рӯйхати истироҳаткунандагон (пурра ва ботафсил), рӯйхат ва шумораи кормандон тибқи воҳидҳои тасдиқшуда ва фармоиши мудири шуъбаи маориф, шартномаҳо бо ташкилоту муассисаҳо бо мақсади таъмини истироҳатгоҳ бо маводи зарурӣ вуҷуд дорад ё не, аз ҳисоби буҷаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва иттифоқи касаба барои ташкили лагерҳои истироҳатӣ ба қадри кофӣ маблағ ҷудо шудааст ё не ва ё вазъи таъмиру тармим дар истироҳатгоҳҳо чӣ гуна аст?» суолҳоеанд, ки ҷавоб мехоҳанд.

Як нуктаи муҳимми дигар ба фаъолияти ***кадрҳои баландихтисос*** рабт дорад. Аз ин рӯ, бояд мураббиёни истироҳатгоҳҳо аз ҳисоби шахсони тасодуфию бетаҷриба не, балки аз ҳисоби собиқадорони варзидаи соҳа интихоб шаванд, зеро дар ин ҷо бачаҳо ҳам аз ҷиҳати синну сол, ҳам аз ҷиҳати хӯву хислату рафтор ва ҳам аз ҷиҳати мавқеи иҷтимоияшон фарқ мекунанд ва муносибат бо онҳо назари хосро металабад.

Вазъ нисбатан аз ҷиҳати шароит беҳтар ва аз ҷиҳати ҷалби кӯдакону наврасон дар истироҳатгоҳҳо беҳтар шуда бошад ҳам, мусалламан, ҳамаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаро имкони ҷалб кардан ба истироҳатгоҳҳо на ҷой дорад, на зарурат, зеро таътили тобистонаи бачаҳо вобаста ба шароиту имконияти хонаводаҳояшон мегузарад. Бачаҳо беҳтарин ва боэътимодтарин дастёрони падару модарон маҳсуб меёбанд. Он чи ки диққати моро ҷалб мекунад, ба давраи истироҳати аксарият дар таътили тобистона аст. Соле пеш бо мақсади натиҷагирӣ аз вазъи фароғати хонандагон дар давраи таътили тобистона дар гурӯҳи маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» (дар Фейсбук) назарсанҷӣ гузаронидем, ки чунин натиҷа дод:

- 54% ба ҷое намераванд, дар хона ба падару модар ёрӣ мерасонанд;
- 20% ба истироҳатгоҳҳои гуногун ҷалб карда мешаванд (аз ҷумла, лагерҳои рӯзонаи назди мактабҳо);

- 14% ба курсҳои омӯзишӣ ҷалб шудаанд;
- 3% ба деҳа ё шаҳр, ба хонаи хешу табори наздик мераванд;
- 3% ба истироҳатгоҳҳои шахсӣ мераванд;
- 2% вақти зиёдро бо телефонҳои мобилӣ ва компютерҳо мегузаронанд;
- 0,6% корҳои музднок мекунанд.

Ин пурсишнома, албатта, расмӣ нест, аммо умедворкунанда аст. Ин бад нест, ки аксарият ба падару модар ёрӣ мерасонанд ва ё ба истироҳатгоҳ ҷалб мешаванд. Шароити рӯзгор ва фарҳанги ҷомеа ҳам боло рафтааст, ки 20 дарсад ба истироҳатгоҳ ҷалб мешаванд. Аммо... Фикр мекунем, барои далели боэътимод ёфтан дар ин маврид пурсишномаҳои расмӣ гузарондан лозим, миёни падару модарон ва омӯзгорону хонандагон. Дар он сурат маълум мешавад, ки камбудӣ дар куҷост ва роҳи ҳалли масъала кадом аст.

## СУДИ ИСТИРОҲАТИ БАЧАҲО

Истироҳат барои хонандагон суди зиёд дорад. ***Суди аввал*** аз лиҳози руҳӣ дам гирифтани онҳо буда, омили ҳавасманд шудан ва хуб дарк кардани мавзуъҳои таълимӣ дар оянда мегардад. ***Суди дуюм*** ин аст, ки кӯдакон бо руҳияи баланд дар муҳити нав бо дӯстони нав ҷисман инкишоф меёбанд, ки ин барои солимии онҳо ниҳоят муҳим аст. ***Дигар,*** бо ин роҳ нутқи онҳо равону бурро муносибаташон озод, интихоби дӯст ва рафоқаташон бо ашхоси бегона барояшон осон мегардад. Ба таъкиди мактабшиносони маъруф, беҳтар аст, муаллим ва хонанда аз ҳамдигар муддате фосила дошта бошанд ва орзуманди дидор ва фаъолияти ҳамҷоя гарданд.

## МУШКИЛОТИ БАЧАҲО ВА РОҲИ ҲАЛ

Дар ҳамин ҳол, бояд фаромӯш накард, ки ҳар кор дар худ мушкиле ҳам дорад. Пас, дар ин самт бар иловаи он чи ки зикр шуд, суол ин аст: мушкил чӣ ва роҳи ҳал кадом аст?

Мушкил ин аст, ки дар ҷумҳурӣ мо ***имконоти зиёди ташкили истироҳатгоҳҳоро*** дар шаклҳои гуногун дорем, аммо кам истифода мебарем. Аз чунин имконот истифода бурдани тамоми ҷомеа ва ниҳодҳо бар манфиати бачаҳо ваояндаи дурахшони онҳост. Мо бояд шаклҳои дигари истироҳатгоҳҳоро ташкил кунем ва албатта, бо дарназардошти талаботи педагогӣ-психологӣ. Масалан, мо истироҳатгоҳ барои бачаҳои душвортарбия дорем, ки он дар шакли меҳнатӣ-истироҳатӣ дар ноҳияи Файзобод амал мекунад, аммо барои кӯдакону наврасони маъюб истироҳатгоҳи махсус надорем.

Мушкили дигар ***ташкили шароити созгор бо ҷалби сармоягузориҳост***. Дуруст аст, ки бо иқдоми баъзе соҳибкорон баъзе истироҳатгоҳҳо ташкил шудаанд, аммо кифоя нест. Чаро дар ин самт лоиҳаҳо ҷалб нашаванд? Ҳол он ки ниёзмандии ин қишр ба истироҳате, ки ба рушди руҳу ҷисми онҳо таъсири хуб мерасонад, хеле зиёд аст. Тавассути лоиҳаҳо тамоми мушкилоти дигар, аз ҷумла, ҷалби мутахассисони хуб, таъминоти методӣ, ташкили шароити созгор ва фарогирии бештари кӯдакону наврасон ба мо даст медиҳад.

Дар суҳбат бо мо Муяссара Давлатзода ҳам зикр кард, ки ташкили шаклҳои гуногуни истироҳатгоҳҳо ва таҳияи санадҳои меъёрӣ дар ин самт талаби рӯз аст ва бовар дорем, дарояндаи наздик ҳалли худро меёбад. Ҳамчунин, истифода аз ***маҳфилҳои марказҳои таҳсилоти иловагӣ бо ташкили каме фарогат*** метавонад таътилро барои бачаҳо хотирмон ва судманд гузаронад.

Толиби илмро адаб бояд,
Бо адаб саъй дар талаб бояд,
Дар талаб ҳар касе, ки беадаб аст,
Гар ба мақсуди худ расад, аҷаб аст.

**Камолиддин Биноӣ**

# ОМӮЗГОР ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САВИЯИ ДОНИШИ ДОНИШҶӮЁН

**Муқаддас МИСПОҲОВА – омӯзгори фанни кори ҳамширагии кафедраи фанҳои тахассусӣ, Зебинисо ҶАББОРОВА – омӯзгори фанни равоншиносии кафедраи тиббӣ-биологии Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент**

**Мусаллам аст, ки баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳама давру замон яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Дар шароити имконоти беканори дастрасӣ ба ҳама гуна иттилоот, омӯзгор бояд на танҳо дониши худро ба хонандагон интиқол диҳад, балки пеш аз хама, тарзҳои истифода аз иттилоъро низ таълим диҳад. Ин аз муаллим мусаллаҳ буданро бо методикаи нави таълим, назарияҳои муосири равоншиносии маърифатӣ, стратегияхои умумифаннӣ ва технологияҳои омӯзиш талаб мекунад.**

Аз ин рӯ, омӯзгорону устодон, хусусан, мутахассисони ҷавон муваззаф ҳастанд, ки пайваста худомӯзӣ намуда, сатҳи малакаву маҳорати касбии хешро баланд бардоранд. Дар баробари ин, ташкил кардани семинарҳои илмиву методӣ бо омӯзгорони ҷавон ба болоравии сифати таълим заминаи мусоид фароҳам меорад. Ба касе пӯшида нест, ки соҳаи маорифи муосир дар зинаи трансформатсияи аз модели куҳнаи донишҳои мактабӣ ба зинаи нав - мактаби салоҳиятҳо қарор дорад. Омӯзгорон ба саволи куҳнаи чиро таълим додан ва чӣ гуна таълим додан дар шароити олами зудтағйирёбанда ҷавоб меҷӯянд. Чун мавзуи матраҳшаванда доманадор аст, тасмим гирифтем танҳо дар доираи истифодаи усулҳои ҳамфаъол, ки дар маорифи ҷаҳонӣ мавқеи назаррасро касб кардааст, изҳори андеша намоем.

Дар шароити кунунӣ яке аз роҳу воситаҳое, ки ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим заминаи мусоид фароҳам меорад, истифодаи усулҳои омӯзиши ҳамфаъол ба шумор меравад. Усулҳои таълими фаъол ва ҳамфаъол, таълим тавассути муҳити таълимӣ, инчунин, шаклҳои гуногуни худташкилкунӣ дар таълим дар навовариҳои соҳаи маорифи кишварҳои пешрафта ба зинаи аввал мебароянд. Усулҳои омӯзиши фаъол усулҳое мебошанд, ки ҳамкорӣ (ё муносибати мутақобила) – и байни омӯзгор ва хонанда, инчунин, хонанда ва омӯзгорро талаб мекунанд. Дар ҳамин маврид калимаи «интерактив» бояд истифода гардад, ки он аз калимаи англисии «interact» гирифта шуда, маъноаш «inter» - «якҷоя» ва «act» - «амал кардан» мебошад. Усули таълим ва омӯзиши ҳамфаъол аз омӯзанда фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад. Меъёрҳои асосии модели ҳамфаъоли таълим: имконияти муҳокимаронихо ва пешниҳоди озоди мавзуъ, ваъзхонии кам, вале шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ, ташаббуси бештар аз тарафи донишҷӯ, шумораи зиёди фаъолиятҳои гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд ва иҷрои корҳои хаттӣ мебошад.



Талаботи дар боло зикргардида ҳар як омӯзгорро ҳушдор месозад, ки пайваста бо донишҳои наву тозаи илмию методии соҳааш мусаллаҳ бошад, ташаббускору ҷӯянда ва эҷодкориро пешаи худ қарор диҳад. Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқ дар раванди дарс донишҷӯ бояд бештар фаъолият намояд, на муаллим. Муаллим дар раванди дарс нақши раҳнаморо мебозад. Усулҳои омӯзиши фаъол дар назди омӯзгор як қатор вазифаҳо мегузорад, аз ҷумла:

1. Истифодаи самараноки вақт.

2. Риояи эҳтироми фикрии тарафайн. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар таълими анъанавӣ дар бисёр ҳолатҳо ба мушоҳида мерасад, ки вақте ин ё он донишҷӯ ба дарс ҷавоб мегӯяд, донишҷӯёни дигар аксаран беаҳамиятӣ менамоянд ва фикри рафиқи худро гӯш намекунанд. Усулҳои омӯзиши ҳамфаъол тақозо доранд, ки донишҷӯён нисбат ба фикрҳои баёнкардаистодаи шарикдарсашон ҳисси эҳтиром дошта бошанд.

3. Эътибор додан ба таъсирнокии сухан. Аслиҳаи тавоно ва умедбахши омӯзгор дар дарс суханронии ӯ маҳсуб меёбад. Сухани муаллим бояд чун оҳанрабо бошад ва тавонад, ки таваҷҷуҳи донишҷӯро ба худ ҷалб намояд.

Сабаби интихоби ин усулҳо аз он иборат аст, ки онҳо воситаи самараноки омӯзиш ба ҳисоб мераванд. Ҳамон усуле самараноктар ба ҳисоб меравад, ки бо истифода аз мавод ва вақти кам мақсадҳои таълимии донишҷӯён амалӣ шавад. Бинобар ин, пеш аз интихоби усул, бояд ба эътибор гирифт, ки чиро таълим додан зарур аст ва шогирдон чиро бояд омӯзанд, яъне, мақсади таълимии омӯзгор кадом аст.

Яке аз роҳҳои дигари фаъолгардонии дарс аз ҷониби донишҷӯён гузаронидани дарс тавассути гурӯҳбандӣ ба шумор меравад, зеро ҳама чизи нав ва воқеан шавқовар танҳо дар ҳамкорӣ пайдо мешавад. Аз ин нигоҳ, кори коллективӣ хеле самарабахш аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки муаллим ба осонӣ фаъолияти гурӯҳиро дар дарси худ ташкил карда метавонад. Ба пиндори мо, омӯзгор он гоҳ метавонад омӯзиш дар ҳамкориро ташкил кунад ва ба қувваҳои шахсии худаш бовар дошта бошад, ки мафҳумҳои зеринро дақиқ фаҳмад:

1. Кӯшишҳои инфиродӣ аз кӯшишҳое, ки аз ҷониби коллектив ба амал меоянд, бо кадом хусусиятҳои худ фарқ мекунанд?

2. Кадом натиҷаҳоро аз кориякҷояи гурӯҳҳои хурд метавон интизор шуд?

3. Чӣ бояд кард, то гурӯҳ ба дастаи ҳамфикрон табдил ёбад?

4. Чӣ гуна кори гурӯҳҳоро баҳогузорӣ бояд кард?

Нахуст бояд тазаккур дод, ки гурӯҳҳои ҳамкорӣ бояд аз шумораи ками донишҷӯён иборат бошанд. Ҳар қадар агар гурӯҳ хурд бошад, ҳамон қадар ҳар узви гурӯҳ масъулияти зиёдтарро ҳис мекунад. Дар сурати мавҷуд будани 25 нафар донишҷӯ дар аудитория омӯзгор метавонад онҳоро ба 5 гурӯҳи 5-нафара ҷудо намояд. Аммо созмон додани гурӯҳ чандон кори осон нест, зеро имкон дорад, ки донишҷӯ гурӯҳро аз диди хеш интихоб кунад. Омӯзгори ҳассос гурӯҳро тавре созмон медиҳад, ки онҳо баробарвазн бошанд (дар ин маврид сатҳи дониши шогирдон дар назар гирифта мешавад). Дар акси ҳол як гурӯҳ метавонад пурқувват бошад, гурӯҳи дигар, баръакс. Агар аъзои гурӯҳ фақат аз донишҷӯёни дорои лаёқати суст иборат бошад, он гоҳ омӯзгор фаъолияти кори гурӯҳҳоро мувофиқи матлаб ба роҳ монда наметавонад. Омӯзгор нафарони сустхонро ба гурӯҳҳо як ё дунафарӣ мешинонад. Гурӯҳҳо ба худ номгузорӣ мекунанд. Чунончи, Рафоқат, Истеъдод, Дӯстӣ, Муваффақ ва ғайра. Ҳар кадоме аз гурӯҳҳо сабаби чунин номгузориашонро шарҳ медиҳанд. Сипас саволу супоришҳои пешакӣ омоданамуда ба гурӯҳҳо тақсим карда мешавад. Бартарии ин тарзи кор дар он аст, ки нафари дорои лаёқати суст дигар наметавонад ба фикри беруна дода шавад ва ҳаракат мекунад, ки ҷавоб ёфта тавонад. Дар ин маврид ба шариконаш эътибор медиҳад, ки чӣ тавр онҳо дар ёфтани ҷавобҳо кӯшишу ҳаракат менамоянд. Омӯзгор ба донишҷӯён пешниҳод менамояд, ки дониш ва малакаҳои андӯхтаашонро ба дигарон омӯзонанд. Вакте ки ба ин фаъолият тамоми аъзои гурӯҳ ҷалб карда шудаанд, онро «фаҳмондадиҳии мустақим» номидан мумкин аст. Ҳангоми пурсиши саволу супоришҳои пешниҳодгардида омӯзгор ҳаракат мекунад, ки бештар ҷавобҳоро аз нафарони дорои лаёқати суст пурсон шавад. Моҳияти ин амал дар он аст, ки фаъолон нафарони сустхонро мавриди муҳокима қарор медиҳанд ва хоҳиш менамоянд, ки минбаъд дар ёфтани ҷавобҳо онҳо низ бетараф набошанд. Зери ин таъсир нафари сустхон кӯшиш менамояд, ки то андозае дар ёфтани ҷавоб ҳиссагузорӣ намояд.

Дар хотир бояд дошт, ки ҳар кадар ки ҳайати гурӯҳ зиёд бошад, ҳамон қадар бо хусусиятҳои фардии гуногун, ба монанди қобилият, дониш, малака, маҳорат ва одатҳо дучор шудан мумкин аст. Ҳар қадаре ки шумораи аъзои гурӯҳ зиёд бошад, ҳамон қадар дар назди ҳар узви гурӯҳ масъулияти бештаре гузошта мешавад: дар гурӯҳ бояд фазои дӯстона ҳувайдо бошад ва ҳар як нафар узви он ба баён кардани фикри худ, ҳамоҳангсозии ақидаи пешниҳодкардааш бо фикри рафиқони худ, баён кардани маводи таълимӣ, мушоҳида кардани он, ки ягон нафар аз гурӯҳ дар канор намонад, имконият дошта бошад.

# НАҚШИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАҲКИМИ СУБОТИ ҶОМЕА

Қумринисо МУЛЛОЕВА – директори МТМУ №35-и ноҳияи Рӯдакӣ

**Ваҳдати миллӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳастии ҳар миллат, меҳвари асосии суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва шарти зарурии рушди устувор ба шумор меравад. Дар шароити имрӯза, ки ҷомеаи Тоҷикистон марҳалаи нави рушди давлатдории миллиро паси сар мекунад, нақши муассисаҳои таълимӣ дар устувор нигоҳ доштани фазои сулҳу ваҳдат ва тарбияи насли ваҳдатгаро аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо кардааст.**

Мактаб на танҳо макони омӯзиш ва донишандӯзист, балки муҳити асосии ташаккули шуури шаҳрвандӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин ҷост, ки раванди таълиму тарбияро дар мактабҳо наметавон аз ҷараёни таҳкими ваҳдати миллӣ ҷудо донист. Ҳар як миллат дар раванди ташаккул ва рушди худ марҳалаҳои душворро аз сар мегузаронад. Барои халқи тоҷик солҳои 90-уми асри гузашта замони озмоиши воқеӣ буд. Дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ на танҳо ба истиқлолият латма ворид шуд, балки тафриқа ва нобоварӣ фазои ҷомеаро фаро гирифт. Маҳз иқдоми таърихии сулҳ ва андешаи ваҳдатофарини Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки халқи тоҷик тавонист роҳи ваҳдатро пеш гирад ва сарнавишти худро бо дасти хеш тағйир диҳад. Ин сабақи таърих бояд ба таври муназзам ба насли ҷавон омӯзонида шавад. Мактаб ҳамчун муҳити тарбиявӣ вазифадор аст, ки ҷанбаҳои таърихии ваҳдати миллӣ, нақши шахсиятҳо дар бунёди сулҳ ва паёмадҳои ҷангу нооромиро ба шогирдон бифаҳмонад. Дар ин замина, мавзуъҳои “Сулҳ ва ваҳдати миллӣ” дар барномаҳои таълими таърих, ҳуқуқ ва асосҳои давлатдорӣ дарҷ ёфтаанд, ки онро бояд омӯзгорон бо истифода аз усулҳои муосири интерактивӣ таҳким бахшанд.

Фазои муассисаи таълимӣ яке аз муҳити асосии иҷтимоиест, ки дар он шахсияти кӯдак ташаккул меёбад. Маҳз дар ҳамин муҳит ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, муносибат ба дигарон ва ҷаҳонбинии ӯ шакл мегирад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки муҳити мактабӣ дорои руҳи ваҳдат, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба гуногунандешӣ ва арзишҳои умумимиллӣ бошад. Омӯзиш ва тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, ваҳдатгароӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ бояд ҷузъи ҷудонашавандаи кори ҳаррӯзаи муассисаи таълимӣ гардад. Барои расидан ба ин ҳадаф, истифодаи усулҳои муосири таълиму тарбия, ташкили чорабиниҳои тарбиявии мазмуни иҷтимоидошта ва ҷалби хонандагон ба гуфтугӯҳои судманд аҳаммияти хос доранд. Бо ташкили муҳити созанда ва таъмини иштироки фаъоли хонандагон дар ҳаёти мактабӣ метавон заминаи мусоид барои ташаккули ҷаҳонбинии ваҳдатгароёна гузошт. Мактаб, ҳамчун муҳити аввалини иҷтимоӣ, бояд тавонад дар қалби шогирд на танҳо дониш, балки ҳисси ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандиро парвариш диҳад.



Омӯзгорон дар ҷараёни таълиму тарбия на танҳо вазифаи расондани донишро ба уҳда доранд, балки раҳнамои маънавии хонандагон, шаклдиҳандаи тафаккури иҷтимоӣ ва ахлоқии онҳо низ мебошанд. Онҳо намунаи зиндаи шахсияти фаъоли ҷомеаанд, ки тавассути рафтор, гуфтор, муносибат ва қарорҳои худ ба шогирдон таъсир мегузоранд. Аз ин рӯ, нақши омӯзгор

дар талқини ғояҳои ваҳдати миллӣ ва ташаккули ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ калидӣ мебошад. Шахсияти омӯзгор бояд бар мабнои ахлоқи ҳамида, таҳаммулпазирӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба фарҳанги миллӣ ва дидгоҳи инсонпарварона устувор бошад. Омӯзгори ваҳдатгаро бояд бо ҷаҳонбинии хосса ва хулқи намунавӣ дар қалби хонанда арзишҳои ҳамзистӣ, дӯстӣ, эҳтироми байнигурӯҳӣ ва тафаккури солими иҷтимоиро парвариш диҳад. Таҷрибаи рӯзмарраи муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки маҳз омодагии касбии омӯзгорон ва сатҳи дониши онҳо оид ба масъалаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар самаранокии корҳои тарбиявӣ нақши ҳалкунанда доранд. Омӯзгороне, ки дар курсҳои такмили ихтисос ва барномаҳои бозомӯзӣ дар самти тарбияи шаҳрвандӣ, муносибати байнифарҳангӣ ва омӯзиши фарҳанги ваҳдат иштирок менамоянд, дар амал бештар омодаанд, то бо хонандагон дар бораи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ суҳбат кунанд, масъалаҳоро фаҳмонанд ва муҳити созандаро дар синф ташкил намоянд. Аз ин рӯ, рушди касбии омӯзгорон бояд дар баробари фанҳои ихтисосӣ, ба мавзуъҳои муҳимми иҷтимоӣ низ равона гардад. Бештар шудани семинару тренингҳо, ворид намудани модулҳои ваҳдатгароӣ ба барномаҳои такмили ихтисос ва таҳкими ҳамкории мактаб бо ҷомеа метавонад ба баланд шудани таъсири тарбиявии омӯзгор мусоидат намояд. Дар шароити муосир, ки ҷомеа бо тағйироти гуногун рӯ ба рӯ мешавад, омӯзгор наметавонад танҳо интиқолдиҳандаи иттилоот бошад, балки бояд ташаккулдиҳандаи фарҳанги ваҳдат ва субот дар миёни насли наврас гардад. Дар маҷмуъ, омӯзгорон бояд эҳсоси рисолати касбии худро дар тарбияи шогирдони ваҳдатпарвар дарк кунанд ва саҳми хешро дар таҳкими суботи ҷомеа ҳамчун амали бевоситаи ватандӯстона арзёбӣ намоянд.

Инчунин, яке аз роҳҳои муассири таҳкими ваҳдати миллӣ дар муҳити мактабӣ фаъолияти пайвастаи тарбиявӣ ба ҳисоб меравад. Баргузории чорабиниҳои гуногуни тарбиявӣ, аз қабили озмунҳои мухталиф, маҳфилҳои адабӣ, мулоқот бо шахсиятҳои шинохта, намоиши филмҳои маърифатӣ, сафари омӯзишӣ ба ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва ташкили мубоҳисаҳои озод на танҳо дониш, балки ҳисси ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва ваҳдатгароиро дар хонандагон ташаккул медиҳанд. Таҷрибаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳияи Рӯдакӣ дар ин замина намунаи воқеии омӯзиш аст, зеро дар муассисаи мо ҳар сол чорабиниҳои васеи тарбиявӣ бахшида ба санаҳои муҳимми миллӣ – Рӯзи Истиқлоли давлатӣ, Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Парчам ва дигар ҷашнҳои умумихалқӣ баргузор мегарданд. Ин чорабиниҳо бо ҷалби фаъоли хонандагон ва омӯзгорон, бо истифода аз имкониятҳои адабӣ, фарҳангӣ ва таърихии мавзуъҳои миллӣ тарҳрезӣ шуда, ба баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллии насли наврас мусоидат менамоянд.

Ин гуна таҷрибаҳо, агар мунтазам ва бо барномарезии дуруст роҳандозӣ шаванд, метавонанд муҳити умумии муассисаро ба як макони ташаккули афкори ваҳдатгароёна ва шаҳрвандии фаъол табдил диҳанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон дар баробари омӯзиши илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ, дарк намоянд, ки сулҳ, субот ва ваҳдати миллӣ арзишҳои муҳимми ҳаёти ҳар як шаҳрванди кишвар мебошанд. Муассисаҳои таълимӣ бо роҳандозии чунин фаъолиятҳо метавонанд дар ташаккули ҷомеаи солим саҳми муассир гузоранд.

Фарҳанг ва забони миллӣ аз унсурҳои муҳимми ваҳдати миллӣ мебошанд. Омӯзиши амиқи забони давлатӣ ва эҳтиром ба фарҳанги миллӣ низ дар муҳити муассисаи таълимӣ ҳисси ҳамбастагиро байни хонандагон аз муҳитҳои иҷтимоии гуногун тақвият медиҳад. Забон воситаи ҳамдигарфаҳмӣ ва фарҳанг воситаи ҳамгироист. Агар мактаб натавонад муҳити бисёрфарҳангии ҷомеаро дарк ва тарғиб кунад, эҳтимоли шаклгирии тафриқа дар шуури насли наврас вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, дар баробари омӯзиши фанҳои таълимӣ, бояд ба забономӯзӣ ва донистани тамаддунҳои гуногун таваҷҷуҳи бештар зоҳир шавад.

Ваҳдати миллӣ ҳамчун пояи суботи ҷомеа дар муқобили ҳама гуна ҷудоиандозӣ, ифротгароӣ ва тафриқаангезӣ истодааст. Ин арзиши муҳимми миллӣ на танҳо дар сухан, балки дар амали созанда бояд пойдор гардад. Мактаб, ҳамчун муҳити иҷтимоиву маърифатӣ, метавонад дар ташаккули афкори солими ҷавонон нақши калидӣ дошта бошад ва ҳамчун сипари муқовимат ба ҳар гуна таҳдидҳои идеологӣ хидмат намояд. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки агар муҳтавои таълим ва барномаҳои тарбиявии мактабҳо танҳо ба донишҳои техникӣ ва умумӣ маҳдуд шаванд, фазои холии идеологӣ ба миён меояд, ки метавонанд онро гурӯҳҳои ифротӣ пур кунанд. Баръакс, агар ин муҳтаво бо мазмуни иловагии ватандӯстӣ, таҳаммулгароӣ ва

худшиносии миллӣ ғанӣ карда шавад, муассисаҳои таълимӣ метавонанд ба як муҳити муқовимат бо ифротгароӣ мубаддал гардад. Аз ин рӯ, ворид намудани мавзуъҳои махсус дар заминаи муқовимат бо ифротгароӣ, таҳаммулгароӣ ва таҳлили ахбори расонаӣ ба барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ як хоста набуда, балки талаботи замони муосир аст. Ин гунаислоҳот бояд ҳам дар барномаҳои таълимии синфҳои болоӣ ва ҳам дар низоми фаъолияти тарбиявии мактаб ҷорӣ карда шаванд. Масалан, дар барномаи таълими фанни «Таърихи дин» метавон як бахши махсуси таҳлили муқоисавии «Дин ва идеологияи ифротӣ»-ро роҳандозӣ намуд. Дар ин бахш на танҳо асли динҳо ва арзишҳои умумибашарии онҳо, балки хатарҳои таҳрифи мафҳумҳои динӣ ва истифодаи онҳоро ба мақсадҳои сиёсиву ифротӣ тавзеҳ додан зарур аст. Ҳамзамон, ба барномаи таълимии фанҳои ҷомеашиносӣ, таърих, ҳуқуқ ва ҳатто адабиёт метавон унсурҳои таҳлилӣ илова кард, ки хонандагонро ба фикррониву таҳлили ахбор ва ташхиси ғаразнокии манбаъҳо водор намоянд. Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар дар мубориза бо ифротгароӣ, тавзеҳи механизмҳои ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва омӯзиши роҳҳои муқовимат ба онҳо бояд ҷузъи барномаи таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ гарданд. Ҳамзамон, ташкили муҳокимаҳои кушода, саҳначаҳои тарбиявӣ, кор дар гурӯҳҳо ва ҷалби волидайн ба равандҳои тарбиявӣ метавонанд самараи назаррас диҳанд. Муассисаҳои таълимии кишвар, аз ҷумла, МТМУ №35-и ноҳияи Рӯдакӣ, аллакай қадамҳои ҷиддиро дар ин самт тавассути баргузории чорабиниҳои ватандӯстона, вохӯриҳо бо намояндагони мақомоти марбута ва олимони соҳа, инчунин, васеъ кардани мавзуъҳои ахлоқиву идеологӣ дар маҳфилҳои беруназсинфӣ гузоштаанд. Ин гуна ташаббусҳо, ки бо талаботи замон созгор мебошанд, метавонанд ба устувории фазои маънавии ҷомеа ва пешгирии ҷалби ҷавонон ба ҳар гуна ҳаракатҳои ифротӣ замина гузоранд. Маврид ба зикри хос аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми санадҳои стратегӣ ба масъалаи ваҳдати миллӣ аҳаммияти махсус медиҳад. Дар «Стратегияи рушди соҳаи маориф то соли 2030» таҳкими тафаккури ватандӯстӣ ва ваҳдатгароӣ ҳамчун ҳадафи умумимиллӣ зикр ёфтааст. Мақсади асосии ин стратегия ташаккули насли созанда, ваҳдатмеҳвар ва масъули ҷомеа мебошад. Ҷараёни таълим бояд ба таври умумӣ ва мақсаднок аз ҳамин ормонҳо сарчашма гирад. Мактаб, омӯзгор ва муҳити таълимӣ бояд ин сиёсатро дар амал пайваста татбиқ намоянд.

Ҳамин тавр, бо иттиҳод, дониш ва меҳри Ватан метавонем кишвари азизамонро ба сӯйи ояндаи дурахшон раҳнамоӣ кунем. Ваҳдати миллӣ на танҳо арзиш, балки масъулияти ҳар як шаҳрванди бедордил аст.

Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаредун бувад.
Бузургон накарданд парвои мол,
Ки амволро ҳаст рӯ дар завол.
Инон сӯи илму адаб тофтанд.
Ки номи наку аз адаб ёфтанд.

**Абулқосим Фирдавсӣ**

# ХУДТАНЗИМКУНИИ НАВРАСОН ДАР РАВАНДИ КОРҲОИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТӢ

**Силоҳиддин ҲАКИМОВ** – докторанти бахши сеюми факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Ба ҳамагон маълум аст, ки инсон дар ҳаёт ва фаъолияташ мавриди омӯзиши объекти якчанд фан гардидааст. Яке аз мавзуъҳои мубрам ва муҳим худтанзимкунӣ дар рафтори наврасон мебошад. Дар мақолаи мазкур ақидаҳо, назарияҳо, сарчашмаҳо ва тадқиқоти илмии олимон, аз қабили О. А. Конопкин, А. К. Оснитский ва дигарон доир ба роҳҳо ва шаклҳои худтанзимкунии рафтори наврасон мавриди омӯзиш қарор дода шуд.**

Худтанзимкунӣ раванди бошуурона ва боинтизомонаи инсон буда, на танҳо дар наврасон, инчунин, дар кӯдакони синни томактабӣ, хурди мактабӣ, наврасон ва калонсолон низ ба чашм мерасад. Он дар ҳаёт ва зиндагии ҳаррӯзаи инсон муҳим ва аввалиндараҷа ба шумор меравад, зеро ки инсон дар кору фаъолият ва зиндагии хеш бе ҳолатҳои худтанзимкунӣ умр ба сар бурда наметавонад. Худтанзимкунӣ агар дар инсон кам ё умуман дида нашавад, он гоҳ инсон метавонад дар ҳаёт ва фаъолият ба нокомӣ ва душворию мушкилиҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ шавад. Ҳангоми омӯзиши шаклҳои инфиродӣ ва типологии фаъолияти ихтиёрӣ В. И. Моросанова мафҳуми равиши инфиродии худтанзимкуниро пешниҳод мекунад, ки он хусусиятҳои беназири идоракунӣ ва татбиқи фаъолияти ихтиёрии шахсро ифода мекунад. В. И. Моросанова ҷанбаҳои равишии зерини худтанзимкуниро таъкид мекунад:

• Хусусиятҳои инфиродии равандҳои танзимкунанда: банақшагирӣ, моделсозӣ, барномасозӣ ва арзёбии натиҷаҳо. Ин тафовутҳо ба дараҷаи инкишофи равандҳо вобастаанд, зеро ин хусусиятҳо фарққунанда ва ба таври гуногун зоҳир мешаванд.

• Хусусиятҳои сифатҳои танзимкунанда ва шахсӣ: ба монанди мустақилият, эътимоднокӣ, чандирӣ ва ташаббускорӣ. Ин сифатҳо, ки табиати системавӣ доранд, метавонанд ҳамчун шарти зарурии ташаккули равиши муайяни худтанзимкунӣ ва ҳамчун шаклҳои наве, ки дар раванди инкишофи он пайдо мешаванд, амал кунанд.

Бояд қайд кард, ки дар кори В. И. Моросанова низоми худтанзимкунӣ ҳамчун сохтори ягонаи пӯшида муаррифӣ шуда, дорои хосиятҳои низоми иттилоотии кушода мебошад ва тавассути ҳамкории унсурҳои гуногуни функсионалӣ амал мекунад. Дар ҷараёни танзим ин унсурҳо дар робитаи зич амал мекунанд ва ҷудо кардани пайвандҳои мушаххасро бошад, вазифаҳои ягонаи танзимкунандаи онҳо муайян мекунанд. Модели худтанзимкунии бошуурона як қатор ҷузъҳоро дар бар мегирад; ба монанди гузоштани ҳадафҳо, моделсозии шароити муҳим,



таҳияи барномаҳои амал, муайян кардани меъёрҳои муваффақият, инчунин, арзёбӣ ва ислоҳ кардани натиҷаҳои бадастомада. Ҳар яке аз пайвандҳо бо равандҳои муайяни танзим алоқамананд: ташаккули ҳадафҳо, таҳлили шароит, банақшагирӣ ва татбиқи фаъолият, инчунин арзёбӣ ва ислоҳи натиҷаҳои он. Равиши инфиродии худтанзимкунӣ дар асоси қобилияти ҷамъоварӣ ва истифодаи усулҳои хоси ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ташаккул меёбад. Ин равиш на танҳо мутобиқшавӣ ба шароити муҳити зист, балки фаъолияти дигаргунсозиро низ инъикос карда, барои тағйир додани ҳам муҳити беруна ва ҳам худ ҳамчун субъекти фаъол нигаронида шудааст [4. с. 55].

А. К. Оснитский таҷрибаи худтанзимкунӣ ё танзимкунандаро ҳамчун маҷмуи дониш, малака ва падидаҳои эҳсосотӣ тавсиф мекунад, ки ба самаранокии идоракунӣ ва рафтор таъсир

мерасонанд. Таҷрибаи танзимкунанда дониши бошуурона ва таҳлилшуда дар бораи имкониятҳои худидоракунӣ мебошад. Инсон бо истифода аз таҷрибаи танзимкунандаи худ мушкилоти ҷориро ҳал мекунад ва нақшаҳои дарозмуддати ҳаётро ташаккул медиҳад. [5. С.13].

Аз ин рӯ, таълимоти Конопкинро равиши системавӣ-функсионалӣ меноманд ва он аз шаш ҷузъ иборат мебошад:

1) мақсади фаъолияте, ки субъект қабул кардааст;
2) модели субъективии шартҳои назарраси он;
3) барномаи худии амалҳои иҷрой;
4) низоми субъективии меъёрҳои муваффақияти фаъолият;
5) назорат ва арзёбии натиҷаҳои воқеии мавҷуда;
6) қарор дар бораи ислоҳи низоми худтанзимкунӣ.

Ҳар яке аз ин ҷузъҳо вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд. Аз ин рӯ, О. А. Конопкин таъкид мекунад, ки «низоми ин ҷузъҳо – қисматҳои функсионалӣ раванди танзими бошууронаи фаъолиятро ташкил медиҳанд» [2. с. 5-12]. Ба андешаи ӯ, дар раванди фаъолияти низоми худтанзимкунӣ марҳалаҳои зерин амалӣ карда мешаванд: ташаккул ва нигоҳ доштани модели фаъолияти дарпешистода дар шуури субъект, ки ба ноил шудан ба ҳадаф нигаронида шудааст; дар амал татбиқ намудани ин модел; арзёбии мутобиқати фаъолиятҳои иҷрошуда ба модели сохташуда; қабули қарорҳо дар бораи зарурати ислоҳ, анҷом ё гузаштан ба ҳадафи нав. Таҷрибаи танзимкунанда ҳамчун низоми сохторию функсионалӣ бо макросистемаҳои ташкили равонии шахс алоқаи зич дорад. Азбаски таҷрибаи танзимкунанда дар тӯли ҳаёт тағйир меёбад, онро метавон ҳамчун як низоми динамикӣ ва кушод баррасӣ кард.

**Ҷадвали №2. Ҷузъҳо ва вазифаҳои таҷрибаи худтанзимкунӣ**

| Ҷузъҳои таҷрибаи танзимкунанда | Вазифаҳои ҷузъҳои таҷрибаи танзимкунанда | Самаранокии фаъолият (амал) |
|---|---|---|
| Таҷрибаи арзишнок | Мақсаднокӣ | Мустақилият |
| Таҷрибаи рефлексия | Бошуурона | Ташаббускорӣ |
| Таҷрибаи фаъолнокии муқаррарӣ | Фаъолнокӣ | Маъсулият |
| Таҷрибаи амалиётӣ | Қобилият | Худтаҳлилкунӣ |
| Таҷрибаи ҳамкорӣ | Мутобиқати амали субъект бо амали одамони дигар | Мустақилияти нисбӣ аз таъсири муҳити зист |

**Сарчашма:** *Аз рӯи тадқиқоти А.К.Оснитский тартиб дода шудааст.*

Таҷрибаи арзишӣ унсурҳое, ба монанди манфиатҳо, принсипҳои ахлоқӣ, идеалҳо ва эътиқодҳоро дар бар мегирад (Оснитский, 2009). Арзишҳои муқарраршуда раванди қабули қарорҳо ва кӯшишҳои андешидашударо роҳнамоӣ намуда, ҳадафи фаъолияти инсонро муайян мекунанд.

Таҷрибаи рефлексионӣ дар ҷараёни таҳлили талаботи фаъолият дар муқоиса бо қобилиятҳои шахсӣ ва тағйироти эҳтимолӣ ҳам дар ҷаҳони атроф ва ҳам дар худи шахс ҷамъ мешавад.

Таҷрибаи фаъолсозии муқаррарӣ малакаҳои худтанзимкуниро дар бар гирифта, ба шахс барои омодагии пешакӣ ба фаъолият ва мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи амалисозии он кумак мекунанд.

Таҷрибаи амалиётӣ дониш ва малакаҳои меҳнатии касбӣ ва умумии меҳнатӣ, инчунин, малакаҳои худтанзимкуниро инъикос мекунад, ки барои иҷрои вазифаҳои касбӣ заруранд.

Таҷрибаи ҳамкорӣ дар раванди фаъолияти муштарак ва муоширят бо одамони дигар ташаккул ёфта, ба ҳамоҳангсозии бомуваффақияти амалҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ мусоидат мекунад.[6. с.16-17].

Ҳамин тариқ, бо таҳлили тадқиқоти А. К. Оснитский, худтанзимкунии равонӣ низомест, ки таъсири мутақобилаи малакаҳои танзимкунанда ва комплексҳои хаёлиро дар бар мегирад. Дар ин раванд сохторҳо ва таъсироти иттилоотӣ ташаккул меёбанд, ки асоси худтанзимкунии бошууронаи фаъолиятро ташкил медиҳанд. Чунин таъсири мутақобила дар ҳамвории бошууронаи маҳорат, образҳо ва ҳолатҳо тақсимоти саъю кӯшишро дар раванди фаъолият муайян намуда, ба ҳолатҳои эҳсосӣ таъсир мерасонад.

А. Н. Костин ва Ю. Голиков (2014) танзими равониро вобаста ба тағйирёбии шароити беруна ва ботинӣ як раванди доимии танзими фаъолияти равонӣ мешуморанд. Муаллифон ду равиши омӯзиши худтанзимкунии равониро муайян мекунанд: ҳамчун раванд ва ташкилот (созмон). Танзим ҳамчун раванд ҷанбаи динамикиро инъикос намуда, тағйироти ташкили фаъолияти инсон, инчунин пайдарпайии марҳалаҳои онро бо мурури замон нишон медиҳад. Дар баробари ин, танзим ҳамчун ташкилот оғоз, ташаккул, сохтор ва ҳамоҳангсозии шаклҳои

гуногуни фаъолияти инсонро дар бар мегирад [3. с. 22-23]. В. К. Калин ва Ч. Шеррингтон дар таҳқиқоти худ оид ба худтанзимкунии рафтор ба равандҳои неврологӣ ва психологӣ диққати махсус додаанд. Таҳқиқоти В. К. Калин ба нақши мағзи пешонӣ (prefrontal cortex) дар идоракунии эҳсосот ва рафторҳо равона шудааст. Ӯ нишон додааст, ки ин мағзи пешонӣ дар танзими эҳсосот ва қабули қарорҳо дар шароити стресс нақши асосӣ мебозад. В. К. Калин менависад, ки «Худтанзимкунии озод равандест, ки бо шуур фаъолона идора шуда, тавассути ҳадафҳо ва ангезаҳои фаъолияти предметӣ роҳандозӣ мегардад. Дар ин раванд шахс барои эҷоди ҳолати омодагии оптималӣ ва танзими самараноки фаъолият талош мекунад. Ин раванд фаъолияти равониро ба самти дилхоҳ мутамарказ намуда, ташкили он ба шакле сурат мегирад, ки самаранокии амалиётро ба ҳадди аксар мерасонад»[1. с.37-41].

Аз ҷониби дигар, Ч. Шеррингтон ба механизмҳои неврологии ин раванд таваҷҷуҳ мекунад, ки робитаҳои байни системаҳои сенсорӣ ва моторӣ барои худтанзимкунӣ муҳиманд. [7, с. 56-59]. Таҳқиқоти ӯ равшан мекунад, ки худтанзимкунӣ равиши комплексиест, ки ҳамкории самараноки системаҳои маърифатӣ ва эҳсосотиро талаб мекунад.

Худтанзимкунии равонӣ ҳамчун як низоми мураккаби функсионалӣ баррасӣ шуда, ба одамон имкон медиҳад фаъолияти худро бо дарназардошти шароитҳои объективӣ ва субъективӣ идора кунанд. Ин раванд се сатҳи асосиро дар бар мегирад: рушди биологӣ, танзими асаб ва худтанзимкунии равонӣ. Дар ин сатҳҳо худтанзимкунӣ ҷойгоҳи муҳим дорад, зеро он нақши калидӣ дар ташаккул додани хислатҳо ва маҳоратҳои шахсӣ мебозад.

Худтанзимкунӣ ба як қатор унсурҳои алоҳида тақсим шуда, ҳар кадом вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд. Мувофиқи таҳқиқоти О. А. Конопкин, ҷузъҳои асосии ин система инҳоянд: мақсадгузорӣ, моделсозии шароитҳои муҳими фаъолият, барномасозии амалҳо, назорат ва арзёбии натиҷаҳо ва ислоҳи фаъолияти танзимкунӣ. Ҳар яке аз ин унсурҳо на танҳо ҷанбаи алоҳидаи худтанзимкуниро инъикос мекунанд, балки ҳамчун як қисмати низоми мукаммали ҳамгирошуда амал мекунанд.

Ба гуфтаи В. И. Моросанова, худтанзимкунии равонӣ дорои тарзҳои инфиродӣ буда, вобаста ба хусусиятҳои шахсият ва фаъолият ташаккул меёбанд. Ин равишҳо имконият медиҳанд, ки шахс бо роҳи танзими маҳорат ва қобилиятҳои инфиродӣ ба муваффақият ноил гардад. Онҳо ба таври васеъ тавсиф мекунанд, ки чӣ гуна шахс метавонад дар барномасозӣ, моделсозӣ ва арзёбии фаъолият тавассути равандҳои танзимкунанда маҳорат нишон диҳад.

Худтанзимкунии равонӣ нақши асосиро дар идоракунии рафтор ва ҳолати психологии шахс барои расидан ба ҳадафҳои шахсӣ ва касбӣ мебозад. Худтанзимкунӣ ҳамчун як раванди пайваста фаҳмида шуда, ба одамон кумак мерасонад, ки ба ҳолатҳои тағйирёбанда ва шароити мухталиф мутобиқ шаванд ва ҷавобҳои худро дар вақти воқеӣ ва дар муддати дароз (дилхоҳ) мушаххас кунанд. Ин раванди идоракунӣ бо ҷанбаҳои когнитивӣ, эҳсосотӣ ва волюнтативӣ пайваст буда, як низоми якҷоя ва мувофиқро месозад ва ба шахс кумак мерасонад, то дар муҳити худ самаранок фаъолият кунад.

Хулоса, худтанзимкунӣ ҳамчун як раванди фарогир ва мураккаб вобаста ба ҷанбаҳои когнитивӣ, эҳсосотӣ ва волюнтативии рафтор фаҳмида мешавад. Он ба шахсияти ҳар як инсон ва муҳити ӯ вобаста буда, метавон онро як раванди динамикӣ ва рушдкунанда ҳисобид. Барои самаранок иҷро кардани рафторҳо ва фаъолиятҳо на танҳо донишу малакаҳо, балки қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда ва ба худнигорӣ барои арзёбӣ ва тасмимгирии дуруст зарур аст.

**Адабиёт:**

1. Калин, В. К. Классификация волевых качеств // Эмоционально-волевая регуляция поведения и деятельности – Симферополь, 1983. – С. 37-41.

2. Конопкин, О. А. Психическая саморегуляция произвольной активности человека (структурно-функциональный аспект) // Вопросы психологии 1995. – №1. – С. 5-12.

3. Костин, А. Н., Голиков, Ю. Я. **Психическая регуляция: Теоретические и практические аспекты**. – Москва: Издательство Московского психолого-социального института. 2014. – 256 с.

4. Индивидуальный стиль саморегуляции произвольной активности человека / В. И. Моросанова. – Москва // Психология стилей человека: хрестоматия: учебное пособие / сост. Б. А. Вяткин, М. Р. Щукин. – Пермь; Москва: Книжный мир, 2013. – С. 385-404. Печатается по изданию: Психологический журнал. - №5, 1995.

5. Осницкий, А. К. **Психология регуляторного опыта личности**. – йМосква: Издательство Московского психолого-социального института. 2007.

6. Осницкий, А. К. **Психология регуляторного опыта: Монография**. – Москва: Издательство Московского психолого-социального института. 2009

7. Шеррингтон, Ч. Интегративная деятельность нервной системы. – Л., 1969. – 223 с.

# ҲАЛЛИ МУОДИЛАҲОИ ДУТАҒЙИРЁБАНДАДОР ДАР СОҲАИ АДАДҲОИ БУТУН

**Мамадҷон МАҲКАМОВ – профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,**
**Фараҳноз ОХУНОВА – донишҷӯи курси 2-юми факултети математика ва информатикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

**Ҳалли муодилаҳои дутағйирёбандадор дар соҳаи ададҳои бутун аз мушкилтарин ва қадимтарин масъалаҳои математикӣ ба шумор меравад. Бузургтарин риёзидонҳои қадим ва асрҳои миёна, ба монанди риёзидони юнонӣ Пифагор (асри VI пеш аз милод), риёзидони искандариягӣ Диофант (асри III мелодӣ), инчунин, П. Ферма (асри XVII), Л. Эйлер (асри XVIII), П. Дирихле (асри XIX), К. Гаусс (асри XIX), П. Чебишев (асри XIX) ва дигарон ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаанд.**

Ҳатто дар мактабҳои ибтидоӣ ҳангоми дарсҳои математика аз хонандагон мепурсиданд, ки барои кадом қимати ҳарфҳо (номаълумҳо) ду тарафи баробарӣ як ададро қабул карда метавонад. Мо ба ин баробарӣ ҳамчун муодила нисбат ба миқдори номаълумҳои он нигоҳ мекардем. Дар синфи ҳаштум хонандагон ба ҳалли муодилаҳои квадратии тағйирёбандадор шинос мешаванд. Аммо ҳангоми омодагӣ ба олимпиадаҳо ва омӯхтани маводҳои санҷиши Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъалаҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки дар онҳо муодилаҳо бо ду тағйирёбанда пешниҳод шудаанд. Баъди шиносоӣ ба ҳалли нин масъалаҳои мушкил чунин ғояҳо пайдо мешаванд:

1. Оё чунин муодилаҳо ҳал доранд?
2. Кадом методҳо барои ҳалли онҳо истифода мешаванд?
3. Оё барои ҳамаи намудҳои онҳо алгоритми ҳал мавҷуд аст?
4. Ин гуна муодилаҳо дар куҷо истифода мешаванд?

- Ана ҳамин тавр, зарурати таҳқиқи ба ҳалли муодилаҳои дутағйирёбандадор дар соҳаи ададҳои бутун ба миён омад.

Ҳалли муодилаҳои дутағйирёбандадор дар соҳаи ададҳои бутун масъалаҳои муҳим дар математикаи қадим ва муосир ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти назариявии ин гуна муодилаҳо хеле зиёд аст, зеро онҳо бо бисёр проблемаҳои назарияи ададҳо алоқаманданд. Қобилияти ҳал



кардани муодилаҳои диофантӣ дар ададҳои бутун бо як методи мушаххаси умумӣ вуҷуд надорад. Чунки алгоритми ягона барои ҳал кардани муодилаҳои дутағйирёбандадор дар соҳаи ададҳои бутун вуҷуд надорад. Ҷустуҷӯи ёфтани роҳҳои ҳалли муодилаҳои диофантӣ аз масъалаҳои ҷолиби таърихи математика ба шумор мераванд. Мо намедонем, ки Диофант кӣ буд, замони дақиқи зиндагиаш чӣ гуна буд ва пешгузаштагонаш, ки дар ҳамон самт кор мекарданд, то ҳол номаълуманд. Ба ин савол то имрӯз касе ҷавоби қаноатбахш ёфта натавонистааст. Диофантро метавон «падари алгебра» номид, зеро ӯ аввалин шахсе буд, ки муодилаҳоро бо мақсади ҳал кардан навишт, на танҳо барои тасвири геометрӣ. Мероси Диофант то имрӯз дар математикаи муосир зинда аст. Китоби «Арифметика»-и Диофант 189 масъаларо дар бар гирифта, ҳар яке аз онҳо бо ҳалли муфассал ва шарҳҳои зарурӣ

оварда шудааст. Ин китоб масъалаҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҳалли онҳо аксар вақт аз ҳадди зиёд зебо, ҷолиб ва донишмандона аст. Диофант маҳорати худро дар ёфтани ҳалли муодилаҳои номуайяни намуди $ax+by=c$ ва системаҳои онҳо такмил додааст. Махсусияти ҳалли муодилаҳои диофантӣ дар он аст, ки онҳо танҳо ба ҳалҳои мусбат ва ратсионалӣ (бутун ва касрӣ) маълум буданд. Диофант ҳалҳои ғайриратсионалиро «ғайриимкон» меномид ва коэффитсиентҳоро бо ададҳои бутун интихоб мекард, то ҳалҳои мусбат ва ратсионалии дилхоҳ ҳосил гардад. Аз ин рӯ, одатан ҳар гуна муодилаи номуайяни бо коэффитсиентҳои бутунро муодилаҳои «диофантӣ» меноманд.

Муодилаҳои номуайяни дараҷаи якум аввалин маротиба тавассути риёзидонҳои Ҳинд дар асри V пажуҳиш шуданд. Баъзе аз ин муодилаҳо бо ду ё се номаълум дар натиҷаи мушкилоти астрономӣ пайдо шуданд. Масалан, дар ҳалли масъалаҳое, ки ба такроршавии мунтазами падидаҳои осмонӣ вобастагӣ доштанд.

Ҳалли умумии муодилаи дараҷаи якуми $ax+by=c$, ки дар он $a,b,c$ ададҳои бутун мебошанд, аввалин бор дар осори донишманди ҳинд Брахмагупта (тақрибан 625 мелодӣ) пайдо шудааст. Аз ин рӯ, дар асл, ягон асосе нест, ки муодилаҳои хаттии номуайянро «диофантӣ» ном барем. Аммо, аз рӯи таърих, ибораи «муодилаи диофантӣ» ба ҳар як муодилае, ки дар соҳаи ададҳои бутун ҳал карда мешаванд, ишора мекунанд.

Ин таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто агар номи «диофантӣ» аз рӯи таърих ба ҳамаи муодилаҳои бутунӣ ишора карда шавад ҳам, асосҳои он ба фарҳангҳои гуногуни математикӣ (аз қабили юнонӣ, ҳиндӣ ва аврупоӣ) вобастаанд.

Акнун муодилаҳои зеринро дида мебароем:

**Масъалаи 1.** Муодиларо дар маҷмуи ададҳои бутун ҳал мекунем:

$$x^2+73=y^2.$$

Ҳал. Муодиларо ба намуди зерин табдил медиҳем:

$y^2-x^2=73$ ё ки $(y-x)(y+x)=73$ (1)

Азбаски $x$ ва $y$ ададҳои бутун буда, 73 адади содаи доимӣ аст, тарафи рости муодилаи (1)-ро ба намуди $(y-x)(y+x)=1\cdot 73=73\cdot 1=-1\cdot(-73)=-73\cdot(-1)$ навишта, ҳолатҳои зеринро дида мебароем:

$$1)\ \begin{cases} y-x=73, \\ y+x=1; \end{cases} \quad 2)\ \begin{cases} y-x=1, \\ y+x=73; \end{cases} \quad 3)\ \begin{cases} y-x=-73, \\ y+x=-1; \end{cases} \quad 4)\ \begin{cases} y-x=-1, \\ y+x=-73. \end{cases}$$

Системаи муодилаҳоро ҳал карда, қиматҳои имконпазири тағйирёбандаҳоро ошкор мекунем:

$$\begin{cases} x_1=-36, \\ y_1=37; \end{cases} \quad \begin{cases} x_2=36, \\ y_2=37; \end{cases} \quad \begin{cases} x_3=36, \\ y_3=-37; \end{cases} \quad \begin{cases} x_4=-36, \\ y_4=-37. \end{cases}$$

**Ҷавоб:** $(-36;37)$, $(36;37)$, $(36;-37)$, $(-36;-37)$.

**Масъалаи 2.** Муодиларо дар соҳаи ададҳои бутун ҳал мекунем:

$$x^2+xy-y-2=0.$$

Ҳал. Муодиларо ба шакли зерин табдил дода, аз он қимати $y$-ро меёбем:

$$xy-y=2-x^2;\ y(x-1)=-(x^2-2);\ y=-\frac{x^2-2}{x-1}.$$

Акнун аз тарафи чапи муодила, қисми бутунашро ҷудо мекунем:

$$y=-\frac{x^2-2}{x-1}=-\frac{(x^2-1)-1}{x-1}=-\frac{(x-1)(x+1)}{x-1}+\frac{1}{x-1}=-x-1+\frac{1}{x-1},\ (x\neq 0)$$

Азбаски $y$ адади бутун мебошад, касри $\frac{1}{x-1}$ низ адади бутун бошад. Касари $\frac{1}{x-1}$, ҳангоми $x-1=\pm1$ будан, адади бутун шуда метавонад. Аз ин лиҳоз ду ҳолати зеринро дида мебароем:

1) Ҳангоми $x-1=-1$ ё ки $x=0$ будан: $y=-x-1+\frac{1}{-1}=-x-1-1=0-2=-2$.

2) Ҳангоми $x-1=1$ ё ки $x=2$ будан: $y=-x-1+1=-2-1+1=-2$.

**Ҷавоб:** $(0;\ -2), (2;-2)$.

**Масъалаи 3.** Ҳамаи ҳалҳои бутуни муодиларо ёбед: $x^2-6xy+13y^2=29$.

Ҳал. Азбаски дар шарти муодила ёфтани ҳалҳои бутуни он талаб карда шудааст, бинобар ин, муодилаи мазкурро ба намуди зерин табдил медиҳем:

$x^2-6yx+13y^2-29=0$.

$\frac{D_1}{4}=9y^2-13y^2+29=29-4y^2$ ё ки

$29-4y^2\le 0$. $y\le\frac{\sqrt{29}}{2}\approx 2{,}7$.

Аз ин лиҳоз $y$ фақат ба ададҳои зерин доро шуда метавонад: $0; \pm 1; \pm 2$.

Барои муайян кардани қиматҳои $x$ тарафи чапи муодилаи додашударо ба намуди суммаи квадрати ду ифода табдил медиҳем:

$(x-3y)^2+(2y)^2=29$.

Акнун қиматҳои имконпазири $x$-ро муайян мекунем:

1) Ҳангоми $y=0$ будан: $(x-3\cdot 0)^2+(2\cdot 0)^2=29$; $x^2=29$ ё ки $x=\pm\sqrt{29}\notin Z$;

2) Ҳангоми $y=-1$ будан: $(x-3\cdot(-1))^2+(2\cdot(-1))^2=29$;

$(x+3)^2+4=29$; $(x+3)^2=25$; $x+3=\pm 5$ ё ки $x_1=2$, $x_2=-8$ мешавад.

3) Ҳангоми $y=1$ будан: $(x-3\cdot 1)^2+(2\cdot 1)^2=29$;

$(x-3)^2+4=29$; $(x-3)^2=25$; $x-3=\pm 5$ ё ки $x_3=8$, $x_4=-2$ мешавад.

**Ҷавоб:** $(2;-1), (-8;-1), (8;1), (-2;1)$.

**Масъалаи 4.** Решаҳои бутуни муодиларо меёбем:

$x^2-5y^2+4xy+2y+11=0$. (1)

**Ҳ а л.** Муодиларо ба намуди $x^2+4y\cdot x-5y^2+2y+11=0$ навишта, онро нисбат ба номаълуми $x$ ҳал мекунем:

$x_{1,2}=2y\pm\sqrt{4y^2+5y^2-2y-11}=-2y\pm\sqrt{9y^2-2y-11}$ (2)

Муодилаи (1) ҳамон вақт решаи бутун дорад, ки агар зери решаи квадратӣ ба нол баробар шавад.

Пас, $9y^2-2y-11=0$ шуда, решаҳои он ба $y_1=-1$, $y_2=\frac{11}{9}$ баробар мешавад. Аммо $y_2=\frac{11}{9}$ решаи бегона мебошад. Акнун қимати $x$-ро муайян менамоем.

Қимати $y_1=-1$-ро ба муодилаи (2) гузошта, қимати $x$-ро муайян мекунем: $x=2$.

**Ҷ а в о б:** $(2;\ -1)$.

**Масъалаи 5.** Муодиларо дар маҷмуъи ададҳои бутун ҳал мекунем:

$2x^2+5xy+3y^2+5x+8y=3$.

**Ҳал.** Муодилаи матлубаро дар намуди зерин менависем:

$3y^2+(5x+8)y+2x^2+5x-3=0$.

Акнун муодилаи ҳосилшударо нисбат ба тағйирёбандаи $y$ ҳал мекунем:

$D=(5x+8)^2-4\cdot 3\cdot(2x^2+5x-3)=$

$=25x^2+80x+64-24x^2-60x+36=x^2+20x+100=(x+10)^2$.

$$y_{1,2}=\frac{-(5x+8)\pm\sqrt{(x+10)^2}}{6}=\frac{-(5x+8)\pm(x+10)}{6}.$$

Аз ин ҷо $y_1=\frac{-5x+8+x+10}{6}=\frac{-2x+8}{3}$ ва $y_2=\frac{-5x+8-x-10}{6}=-\frac{3x+1}{3}$ шуда, $y_1=\frac{-2x+8}{3}$ ва $y_2=-\frac{3x+1}{3}$ мешавад.

Пас, $3y^2+(5x+8)y+2x^2+5x-3=3\left(y+\frac{2x-8}{3}\right)\left(y+\frac{3x+1}{3}\right)$ шуда,

$3\left(y+\frac{2x-8}{3}\right)\left(y+\frac{3x+1}{3}\right)=0$ мешавад.

Аз ин ҷо $y+\frac{2x-8}{3}=0$ ё ки $y+\frac{3x+1}{3}=0$ шуда, $y_1=-\frac{2x-8}{3}$ ва $y_2=-\frac{3x+1}{3}$ доро мешавад.

Акнун муодилаи $y_1=-\frac{2x-8}{3}$-ро ба намуди зерин табдил медиҳем:

$y_1=-\frac{2x-8}{3}=-\frac{3x-x-8}{3}=-x+\frac{x+8}{3}$ ё ки

$$y_1=-x+\frac{x+8}{3}. \qquad (1)$$

Тарафи рости муодилаи (1), фақат ҳангоми $x+8=3k+9$, $k\in Z$ ё ки $x=3k+1$ будан, $y$ қиматҳои бутунро қабул карда метавонад. Бинобар ин, қимати $x$-ро ба (1) гузошта, қимати $y$-ро муайян мекунем:

$$y_1=-x+\frac{x+8}{3}=-(3k+1)+\frac{3k+1+8}{3}=-3k-1+k+3=-2k+2.$$

Пас, барои ҳама гуна қиматҳои $x=3k+1$ ва $y=-2k+2$, $k\in Z$ ҳосил шуд.

**Ҷавоб:** $(3k+1;\ -2k+2), k\in Z$.

Ҳамин тавр, масъалаи таҳқиқи муодилаҳои Диофантӣ роҳи умумии ҳал ва алгоритми ягонаи ҳал надоранд, тасдиқ гардид.

Маводи матлуб барои хонандагон ва донишҷӯён ҷолиб ва судманд буда, онро дар дарсҳои факултативӣ ва ҳангоми омодагӣ ба олимпиадаҳо истифода бурда метавонанд.

Ҳунарманд бо мардуми беҳунар,
Ба фарҷом ҳам хок дорад ба сар!
Валекин аз омӯхтан чора нест,
Кӣ гӯяд, ки донову нодон якест!

**Абулқосим Фирдавсӣ**

# ИННОВАТСИЯ: ТАЪЛИМИ STEM ДАР ТОҶИКИСТОН

**Таълими STEM, ки бо ҳамгиро кардани чор унсур: илм (Science), технология (Technology), муҳандисӣ (Engineering) ва риёзӣ (Mathematics) маъруф аст, дар ҷаҳони муосир ҳамчун рукни муҳим ва зарурии низоми таълим шинохта мешавад. Дар шароити Тоҷикистон, ки кишваре бо иқтисоди рушдёбанда ва ниёз ба кадрҳои босалоҳият мебошад, фаҳмидани асли таълими STEM ва шеваҳои мувофиқи татбиқи он аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Аз ин рӯ, саволҳои асосӣ инҳоянд:**



1. Таълими STEM дар шароити Тоҷикистон чӣ маъно дорад?

2. Оё ҷорӣ намудани барномаи пурра ҳамгирошудаи таълимӣ барои татбиқи ин равиш зарур аст?

3. Оё метавон тавассути ворид кардани унсурҳои STEM ба барномаҳои мавҷудаи таълимӣ мазмун ва сифати таълимро тақвият бахшид?

4. Агар таълими STEM татбиқу амалӣ шавад ба чӣ натиҷаҳо мерасем?

Ба ин саволҳо ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогика, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ирина Каримова чунин посух медиҳад:

- Низоми муосири таълим имрӯзҳо дар остонаи тағйироти бунёдӣ қарор дошта, ки асосан тахти таъсири рушди босуръати технология, рақамикунонии иқтисод ва талаботи мутобиқшудаи бозори меҳнат сурат мегирад. Дар ҳамин замина, кишварҳои зиёде дар арсаи байналмилалӣ таваҷҷуҳи вижае ба равияи таълими **STEM** зоҳир менамоянд. Консепсияи STEM тавре ишора шуд, чор самти асосиро дар бар мегирад: **илм (Science), технология (Technology), муҳандисӣ (Engineering) ва риёзӣ (Mathematics)**, ки дар муттаҳидӣ барои омода сохтани кадрҳои босавод ва соҳиби малакаву маҳорат дар ҷаҳони муосир хидмат мекунанд.

Дар шароити кишварҳои дорои иқтисоди рушдёбанда, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ намудани таҳсилоти STEM ҳамчун имконияти муҳимми табдилдиҳандаи низоми маориф, таълими кадрҳои насли нав ва суръатбахшии пешрафти илмию технологӣ шинохта мешавад. Таълими STEM як равиши байнисоҳавӣ буда, ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ, ҳалли мушкилот, тафаккури лоиҳавӣ ва татбиқи амалии донишҳои илмӣ равона шудааст. Андешаи асосӣ дар он ифода меёбад, ки илм ва фанҳои техникиро бояд дар якҷоягӣ омӯзонд, то ки хонандагон тавонанд на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои истифодаи онҳоро дар шароити воқеии зиндагӣ аз худ намоянд. Хусусияти фарқкунандаи равиши STEM дар он ифода меёбад, ки даст кашидан аз таълими ҷудогонаи фанҳо ва гузариш ба омӯзиши амалӣ тавассути лоиҳаҳои байнисоҳавӣ, фаъолияти таҳқиқотӣ ва кори гурӯҳӣ мебошад. Дар амалияи таълимии STEM истифодаи фаъолонаи таҷҳизоти лабораторӣ, платформаҳои рақамӣ, моделсозӣ, тарҳи муҳандисӣ ва риёзӣ амалӣ ва пешбинӣ мешавад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷавон бо аҳолии рӯ ба афзоиши ҷавонон ва зарурати навсозии иқтисодиёт ниёз ба бознигарии сиёсати таълимӣ дорад. Системаи анъанавии таълим дар ҷумҳурӣ бештар ба омӯзиши фанҳо дар шакли ҷудогона нигаронда шудааст ва фанҳои табиӣ ва риёзӣ бе пайванд бо фанҳои муҳандисӣ ва технологӣ

таълим дода мешаванд. Норасоии таҷҳизоти лабораторӣ, камбуди омӯзгорони соҳибтахассус ва маҳдудият дар истифодаи абзорҳои рақамӣ низ ба мушоҳида мерасад. Бо вуҷуди ин, солҳои охир як қатор иқдомҳо дар самти навсозии мазмуни таълими мактабӣ ва донишгоҳӣ сурат гирифтаанд. Аз ҷумла, ташаббусҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи стандартҳои нави таълимӣ, ворид намудани ТИК (технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ) ба мактабҳо, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ (ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Бонки Ҷаҳонӣ) ва таъсиси литсейҳо ва коллеҷҳои техникӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Татбиқи равиши STEM дар Тоҷикистон метавонад ҳамчун таҳрикдиҳандаи ин равандҳо хидмат кунад, зеро он имкони пайваст кардани ташаббусҳои ҷудогонаи таълимиро дар як модели ҳамоҳанг ва самаранок ба вуҷуд меорад. Моделе, ки ба омода кардани мутахассисоне равона шудааст, ки қобилияти ҳалли масъалаҳои амалӣ ва ҷавобгӯ будан ба талаботи асри XXI-ро доранд.

Аз соли 2022 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии ЮНЕСКО лоиҳаи аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузоришавандаро ба роҳ мондааст, ки номи он чунин аст: **«Тақвияти таҳсилоти ба салоҳият ва ТИК нигаронидашуда дар соҳаи илмҳои табиӣ, технология, муҳандисӣ ва риёзӣ (STEM), инчунин, таҳсилоти касбӣ ва тайёр кардани омӯзгорон (VET)»**.

Яке аз дастовардҳои муҳимми ин лоиҳа таҳияи китобҳои дарсӣ дар асоси муносибати босалоҳият ва инчунин, мутобиқ ба талаботи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ буда, фанҳои химия, физика ва биология барои хонандагони синфҳои 7–11-ро фаро мегирад. Барои амалӣ сохтани ин ҳадаф се гурӯҳи муаллифӣ таъсис дода шуд, ки ба он омӯзгорони мактабҳо, устодони донишгоҳҳо ва коллеҷҳои касбӣ, методистҳо, муаллифони китобҳои амалкунанда, намояндагони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ ва Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки барои интихоби мутахассисони салоҳиятнок, ки дорои саводи компютерӣ ва малакаҳои зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои лоиҳа мебошанд, санҷишҳои фаннӣ гузаронида шуд. Вобаста ба он ки китобҳои фаннӣ ҳамчун **сарчашмаи кушоди таълимӣ (Open Educational Resources – OER)** истифода мешаванд, муаллифон омӯзиш дар бораи таҳияи чунин манбаъҳо ва истифодаи расмҳову иллюстрасияҳоро низ паси сар карданд.

Китобҳои дарсӣ дар асоси модели таълими салоҳиятноки ЮНЕСКО ва сохтори **5E** таҳия мешаванд: **«Ҷалб» (Engage), «Таҳқиқ» (Explore), «Фаҳмондан» (Explain), «Тавсеа додан» (Elaborate) ва «Арзёбӣ» (Evaluate)**. Ин раванд ба фаъолияти хонанда нигаронида шуда, омӯзишро ҷиҳати азхудкунии дониш, малака ва арзишҳои амалӣ равона мекунад. Модели CBE (Competency-Based Education) дар якҷоягӣ бо модели 5E бештар майл дорад ба тадқиқоти илмӣ, ҳалли масъалаҳо ва робита бо ҳаёти воқеӣ. Аз ин рӯ, бо воридсозии омӯзиши тадқиқотӣ ва лоиҳавӣ, китобҳои нав ба рушди мустақилияти хонандагон ва ҷалби бештару беҳтари онҳо ба фаъолияти илмӣ дар самтҳои биология, химия ва физика мусоидат мекунанд.

Яке аз масъалаҳои асосии ислоҳот дар таълим, сатҳи ҳамгироии унсурҳои STEM ба раванди таълим аст. Бояд эътироф кард, ки ҳамгироии комили фанҳои илмӣ, технологӣ, муҳандисӣ ва риёзӣ дар як барномаи ягона кори сахт ва мушкил буда, бахусус, дар шароити норасоии захираҳо ва заминаи методӣ душвор мебошад. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои оғоз кардани таълими STEM ҳамгироии комил ҳатмӣ нест. Намунаҳои гуногуни татбиқи равиши STEM мавҷуданд, аз ҷумла:

- **Таълими лоиҳавӣ**; хонандагон масъалаҳои воқеиеро ҳал мекунанд, ки ба дониш аз якчанд фан ниёз доранд (масалан, сохтани модели хонаи «ақлманд», тарҳи пули пиёдагузар, моделсозии экологӣ).
- **Курсҳо ва модулҳои байнифаннӣ**; ворид намудани курсҳое, ки дар онҳо физика, риёзӣ ва технология дар пайвастагӣ бо ҳам омӯзонда мешаванд.

➢ **Барномаҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳои STEM**; дар шароити маҳдуд будани таҷҳизот ва кадрҳо, STEM метавонад дар шакли таълими ғайрирасмӣ (маҳфилҳои роботсозӣ, барномасозӣ, олимпиадаҳо, ҳакатонҳо (чорабиниҳои гурӯҳӣ)) рушд ёбад.

➢ **Ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ширкатҳои IT**; ҷалби захираҳо ва дониши шарикони беруна метавонад пули робита бошад байни мактабу донишгоҳ, иқтисод ва илму технология.

Бо дарназардошти воқеияти мавҷуда, ҳарчанд татбиқи барномаи пурра муттаҳидшудаи таълимӣ метавонад, шакли беҳтарин ва комили амалӣ намудани таҳсилоти навъи STEM ба ҳисоб равад, вале дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тарзи амал камтар воқеъбинона мебошад. Аз ин рӯ, шеваи муносибтар ва амалишаванда барои кишвар ворид кардани унсурҳои алоҳидаи STEM ба таври пайдарпай ва марҳалавӣ арзёбӣ мегардад. Ин раванд метавонад бо ҷорӣ намудани шаклҳои ибтидоии омӯзиши лоиҳавӣ (проектӣ), баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва таъмини баъзе мактабҳои таҷрибавӣ (пилотӣ) бо таҷҳизоти зарурии таълимии техникӣ оғоз ёбад.

Бояд таъкид кард, ки STEM зарурати пурра иваз кардани низоми кунунии таълимро надорад. Баръакс, қудрати он дар **тақвият бахшидан ва муосирсозии барномаҳои ҷорӣ** ниҳон аст. Фанҳои мавҷуда: риёзӣ, физика, биология, химия ва информатика аллакай заминаи STEM-ро ташкил медиҳанд, вале бо таълими ҷудогона, самаранокии онҳо коҳиш меёбад. Бо ворид кардани пайвандҳои байнифаннӣ, мисолҳои воқеӣ, ҳамкорӣ бо мутахассисони беруна, метавон шавқу ҳаваси хонандагон ва фаҳмиши амиқи фанҳоро боло бурд. Масалан, **масъалаҳои физикӣ** метавонанд бо лоиҳаҳои муҳандисӣ ҳамгиро шаванд, **курси информатика** – барномасозии микроконтроллерҳоро дар бар гирад, **биология** бошад, дар таҳқиқи биотехнологияҳо бо химия ва ТИК ҳамроҳ карда шавад.

Ҳамин тариқ, татбиқи равиши STEM ба раванди табиӣ ва марҳалавии ислоҳот дар барномаҳои таълимӣ мусоидат менамояд. Ин равиш, қабл аз ҳама, ба амалигардонии дониш, рушди малакаҳои таҳқиқотӣ ва ташаккули тафаккури интиқодӣ дар муҳити таълимӣ замина мегузорад.

Барои татбиқи самараноки STEM дар Тоҷикистон зарур аст, ки як **стратегияи мукаммал** амалӣ гардад ва он аз самтҳои зерин иборат бошад:

**1. Такмили ихтисоси омӯзгорон**; омӯзиш дар усулҳои таълими байнисоҳавӣ, лоиҳавӣ ва технологияҳои рақамӣ.

**2. Таҳияи заминаи методӣ**, аз ҷумла таҳияи дастурҳо, лоиҳаҳо, барномаҳо ва вазифаҳои амалӣ мутобиқ ба шароити миллӣ.

**3. Мактабҳои намунавии STEM**; оғоз намудани майдончаҳои таҷрибавӣ барои санҷиши моделҳои ҳамгирошудаи таълим.

**4. Ҷалби бахши хусусӣ ва ТҒМ**; ба роҳ мондани шарикӣ бо ширкатҳои IT, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва созмонҳои байналмилалӣ.

**5. Сармоягузорӣ ба инфрасохтор**; таъмин кардани мактабҳо бо лабораторияҳо, платформаҳои рақамӣ, интернет ва воситаҳои омӯзиши интерактивӣ.

**6. Мониторинг ва арзёбӣ**; пайгирии доимии самаранокии STEM, ҷамъоварии маълумот, ислоҳи барномаҳо ва густариш бахшидани таҷрибаҳои муваффақ.

Хулоса, татбиқи таҳсилоти навъи STEM дар Тоҷикистон метавонад ба як омили муҳим дар раванди навсозии низоми таълим табдил ёбад. Ин равиш ба ташаккули захираҳои инсонии рақобатпазир, рушди тафаккури илмӣ ва таҳкими заминаҳои истиқлоли илмӣ-техникӣ мусоидат мекунад. Ҳарчанд барои ҳамгироии комили STEM ба низоми таълимӣ сармоягузории назаррас ва замони кофӣ зарур аст, ворид намудани унсурҳои алоҳидаи он, ба монанди омӯзиши лоиҳавӣ, усулҳои фаъолсозии фикр ва фанҳои техникӣ, ҳатто дар марҳалаи ибтидоӣ метавонад мазмуни таълимро тақвияту ҷолиб гардонад, шавқу ангезаи хонандагонро боло барад ва салоҳиятҳои калидиро, ки барои зиндагӣ ва меҳнат дар асри XXI заруранд, ташаккул диҳад.

*Мусоҳиб*
***Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА***

# КАШФИ МАФҲУМҲОИ МАТЕМАТИКӢ



**Зинур КОТЛОБАЕВ – омӯзгори МТМУ дар назди Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия**

**Математика илми ҷолибу шавқовар буда, дар ташаккули қобилиятҳои зеҳнии хонандагон нақши калон мебозад. Он аз маҷмуи ададҳо, ифодаҳо, формулаҳо, муодилаҳо ва мисолу масъалаҳои гуногун иборат буда, ба рушди фикрӣ ва ёфтани роҳҳои ҳалли масъалаҳо мусоидат мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳамаи хонандагон чӣ тавр ба пайдо шудани мафҳуму истилоҳот ва формулаҳои математикӣ таваҷҷуҳ мекунанд. Донистани таърихи пайдоиши мафҳуму истилоҳот ва формулаҳои математикӣ шавқангез буда, донишҳои математикии хонандагонро афзун мекунад. Мо ҳангоми гузаронидани маҳфили математикони ҷавон вобаста ба таърихи пайдоиши шарҳи ҳар амал, ифода, формула ва мафҳум маълумоти мухтасар медиҳем.**

Дар мақолаи мазкур дар хусуси пайдоиши интеграл, функсияи ибтидоӣ, квадратура, кубатура, системаи интеграли функсияҳои интегралӣ, дараҷа ва логарифмҳо маълумот дода, саҳми олимони Аврупоро дар ин самт таҳқиқ карда шуданд.

**Доир ба пайдоиши истилоҳот ва ишоратҳо.** Рамзи интегралро математики олмонӣ Готфрид Лейбнитс (1646-1716), ки дар қатори Исаак Нютон (1643-1727) бунёдгари ҳисоби дифференсиалӣ ва интегралӣ ҳисоб мешавад, соли 1675 дохил кардааст. Ин рамз тағйири ҳарфи лотинии S (ҳарфи аввали калимаи S*umma* - ҳосили ҷамъ) мебошад. Худи калимаи ***интегралро*** Якоб Бернули (1655-1705) соли 1690 пешниҳод карда буд. Шояд аз калимаи лотинии *integro*, ки маънояш барқарор кардан аст, гирифта шуда бошад, чунки амали интегралгирии функсия дар натиҷаи ҳосилагирии функсияи зериинтегралӣ ҳосил мешавад. Истилоҳи ***ҳисоби интегралӣ*** (Calculus integralus), ки соли 1696 Иоҳанн Бернулли (1667-1748) дохил кардааст, шохаи нави математика ҳисоб шуда, асосан дар ин ҷо тарзҳои ёфтани функсияҳои ибтидоӣ муоина мешуданд. Ҳисоби интегралӣ аз муоинаи масъалаҳои зиёди табиатшиносӣ ва математикӣ пайдо шудааст. Муҳимтарини ин гуна масъалаҳо ёфтани масоҳату ҳаҷми фигураҳои геометрӣ ва масъалаи физикии ё фтани масофаи ҷисми суръаташ тағйирёбандае, ки дар муҳлати муайян тай мекунад мебошанд, ки онҳо хеле қадимаанд.




Аз соли 1797 сар карда, истилоҳи *функсияи ибтидоӣ* ба ҷойи истилоҳи «функсияи сода», ки онро олими франсавӣ Жозеф Лагранж (1736-1813) дохил карда буд, пайдо шудааст. Калимаи лотинии ***Primitvus*** чун ибтидоӣ тарҷума мешавад: $F(x)=\int f(x)dx$ барои функсияи $f(x)$ ибтидоӣ мебошад, агар вай аз $F(x)$ бо воситаи ҳосилагирӣ ҳосил шавад.

Дар замони мо маҷмуи тамоми функсияҳои ибтидоии функсияи $f(x)$-ро *интеграли номуайян* низ меноманд. Ин мафҳумро Лейбнитс дохил кардааст.

**Аз таърихи ҳисоби интегралӣ.** Бисёр ғояҳои ҳисоби интегралиро риёзидонҳои Юнони қадим ҳангоми ҳалли масъалаҳо оид ба ёфтани ***квадратура*** (масоҳат)-ҳои фигураҳои ҳамвор,

инчунин, ёфтани кубатура (ҳаҷм)-ҳои ҷисмҳо пешгӯӣ карда буданд. Дар ин қатор, пеш аз ҳама, бояд *Евдокс* (408-355-и пеш аз милод) ва Архимед (287-212-и пеш аз милод)-ро номбар кард.

Асри XVII асри рушду камол ёфтани ҳисоби интегралӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра он ба шохаи мустаҳками илми математика мубаддал мегардад. Ҳамчун намуна чанд кашфиёти ин давраро меорем. Пйер Ферма (1601-1665) соли 1629 масъалаи ёфтани квадратураи хатти каҷи $y = x^n$-ро, ки дар ин ҷо $n$ адади бутуни дилхоҳ аст, ҳал кард. Ин масъаларо истифода бурда, ӯ ҳалли якчанд масъаларо оид ба ёфтани маркази вазнинӣ пешниҳод менамояд. Иоҳан Кеплер (1571-1630) барои ҳосил кардани қонунҳои ҳаракати сайёраҳо ғояи интегралгирии тақрибиро истифода бурд. Исаак Барроу (1630-1677), ки устоди Нютон буд, алоқаи байни интегралгирӣ ва ҳосилагириро хеле хуб дарк карда буд.

Назарияи соф илмии ҳисоби интегралиро Нютон ва Лейбнитс (новобаста ба ҳамдигар) пешниҳод кардаанд. Онҳо ба ғояҳои дар ҳалли масъалаҳои хусусӣ истифодашуда такя карда, назарияи умумиро муайян намуда, формулаеро кашф кардаанд, ки ҳоло номи онҳоро дорад. Вале масъалаи ёфтани функсияҳои ибтидоӣ барои бисёр функсияҳо дар пеш буд.

Дар асри минбаъда методҳои анализи математикӣ боз ҳам инкишоф ёфтанд. Дар ин кор, пеш аз ҳама, Леонард Эйлер (1707-1783) ва И. Бернулли саҳмгузоранд. Леонард Эйлер тадқиқи системавии интегралгирии функсияҳои элементариро ба итмом расонид. Дар инкишофи ҳисоби интегралӣ олимони рус М.В.Остроградский (1801-1862), В. Я. Буняковский (1804-1889), П. Л. Чебишёв (1821-1894) фаъолона иштирок кардаанд. Масалан, Чебишёв нишон дод, ки интегралҳои функсияҳои элементарӣ метавонанд функсияҳои элементарӣ набошанд. Ин натиҷаи барҷастаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Танҳо дар асри XIX баёни қатъии назарияи интеграл бо кӯшиши олими олмонӣ *Бернхард Риман* (1826-1866) ва олими фаронсавӣ Гастон Дарбу (1842-1917) ба вуҷуд омад. Дар ибтидои асри XX аз тарафи риёзидонҳои фаронсавӣ Анри Лебег (1875-1941) ва Арно Данжуа (1884-1974), риёзидони рус Александр Хинчин (1894-1959) такмилҳои гуногуни мафҳуми интеграл пешниҳод карда шудаанд. Дар охири асри XVII кори дохил кардани дараҷа дар шакли ҳозира аз тарафи олимони англис *Ҷон Валлис* (1616-1703) ва *Исаак Нютон* (1643-1727) ба субот расонида шудааст. Валлис дар соли 1665 аввалин шуда, истифодаи нишондиҳандаҳои манфӣ ва касриро мувофиқи мақсад ҳисоб карда буд.

Бо тадриҷ васеъ кардани мафҳуми дараҷа дар илм ҳамин хел буд, ки мафҳумҳои нав - дараҷаҳои нолӣ, касрӣ ва манфӣ ба таърифҳои дараҷа, ки пештар қабул шуда буданд, зиддият надоштанд. Онҳо ба ҳамон қоидаҳое, ки онҳоро дараҷаи натуралӣ қонеъ мекард, итоат менамуданд. Дар охири асри XVII аз сабаби мураккаб гардидани масъалаҳои математикӣ зарурати таъҷилии паҳн кардани таърифи нишондиҳаидаи дараҷа барои ҳамаи ададҳои ҳақиқӣ ба миён омад. Умумӣ кардани дараҷа имконият дод, ки функсияи нишондиҳандагии $y = a^x$ дар маҷмуи ададҳои ҳақиқӣ муоина карда шавад. Назарияи ниҳоят ба ҳозира наздики функсияи нишондиҳандагӣ дар ду боби китоби Леонард Эйлер (1707-1783) «Муқаддима ба анализ» дарҷ гардидааст. Вобастагии байни функсияи нишондиҳандагӣ ва функсияҳои тригонометрӣ, ки онро Л.Эйлер дар ин китоб пешниҳод кардааст, яке аз умдатарин натиҷаҳои илми математика аст.

Калимаи *логарифм* юнонӣ буда, чун нисбати ададҳо тарҷума мешавад. Кашфи логарифмҳо (соли 1594), номи онҳо ва аввалин ҷадвали логарифмҳо ба олими шотландӣ Ҷон Непер (1550-1617) тааллуқ дорад. Сабаби чунин номгузорӣ он буд, ки логарифмҳо ҳангоми муқоиса кардани ду адад, ки яке узви прогрессияи арифметикӣ ва дигаре узви прогрессияи геометрӣ мебошад, пайдо шудаанд. Соатсоз ва устои асбобҳои нуҷумӣ, олими швейтсарӣ Й. Бюрги (1552-1632), ки ёрдамчии нуҷумшиноси машҳур И. Кеплер (1571-1630) шуда кор мекард, аз Ҷ. Непер пештар ҷадвалҳои логарифмҳоро тартиб дода буд. Вале ҷадвалҳои Бюрги соли 1620 чоп шуданд, ҳол он ки ҷадвалҳои Непер соли 1614 чоп шуда буданд. Аз ҳамин сабаб, дар кашфи логарифмҳо аввалият ба Непер дода шуааст.

Ғояи кашфи логарифмҳоро асосан математики олмонӣ *М.Штифел* (1487-1567) пешниҳод кардааст. Ӯ фарз карда буд, ки дар баробарии $x = a^y$ паси ҳам $y$ қиматҳои $1, 2, 3, 4, \ldots y, y+1$ (1)-ро қабул кунад, он гоҳ ифодаи $x$ ин тавр ифода карда мешавад: $1, a^1, a^2, a^3, a^4, \ldots, a^y, a^{y+1}$ (2).

Ададҳои қатори (1) прогрессияи арифметикиро ва ададҳои дар қатори (2) буда, прогрессияи геометриро ташкил медиҳанд. Зоҳиран фаҳмост, ки ададҳои дар қатори (1) буда логарифми ададҳои дар қатори (2) буда, аз рӯи асоси *a* ҳастанд.

И. Бюрги соли 1603 ҳисобкуниҳои худро оғоз карда, соли 1611 онҳоро анҷом дода буд. Вале тавре дар боло қайд шуд, ҷадвалҳои ӯ аз сабаби дер чоп шуданашон ба эътирофи ҳамагон сазовор нагаштанд. Баръакс, ҷадвалҳои Непер, ки пештар дарҷ гардида буданд, қабули ҳамагон гашта, васеъ истифода шуданд.

Логарифми асосаш е-ро математики англис Спейдел дохил кардааст. Соли 1620 вай ҷадвали логарифмҳои натуралии ададҳои аз 1 то 1000-ро чоп карда буд. Ҷадвали ба таври кофӣ пурраи логарифмҳои натуралӣ танҳо соли 1770 пайдо шудааст. Ҷадвалҳои логарифмии Непер заҳмати ҳисоббарорро хеле сабук карда бошанд ҳам, онҳо мукаммал набуданд. Бинобар ин, вай ҳамроҳи дӯст ва ҳамкори худ Г. Бриггс (1561-1630) ба тартиб додани ҷадвали логарифмҳои даҳӣ машғул шуд. Баъди фавти Непер, Бриггс соли 1624 ҷадвали логарифмҳои даҳии чоррақамаро нашр кард, ки он логарифмҳои ададҳои бутуни аз 1 то 2000-ро дар бар мегирифт. Заҳмати чандинсолаи риёзидонҳои забардаст беҳуда нарафт. Онҳо кори ҳисоббароронро ҳазорҳо маротиба осон карда буданд. Бояд гуфт, ки ҳаҷми кори ҳисоббарорӣ маҳз дар асри XVII, ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногуни ба амалия алоқаманд, дар навбати аввал масъалаҳои амалии илми нуҷум, аз ҷумла, муайян кардани мавқеи киштиҳо аз рӯи ситораҳо ва Офтоб хеле афзуда буд. Кашф шудани логарифмҳо, ки зарб ва тақсими ададҳоро ба ҷамъ ва тарҳи логарифмҳои онҳо меоваранд, ба гуфти Лаплас (1749-1827) умри ҳисоббароронро дароз кард. Ҷадвали логарифмҳо ва хаткашаки логарифмӣ, ки онро У. Отред (1575-1660) ихтироъ карда буд, зиёда аз 350 сол ҳамчун воситаи боэътимоди ҳисоббарориҳои тақрибӣ хидмат карданд ва ба сатҳи баланди инкишофи илм ва прогресси техникӣ расидани инсоният кумак расониданд. Вале пайдоиши компютерҳо, ки онҳо суръати ҳисоббарориро миллионҳо маротиба зиёд кардаанд, махсусан, пас аз ихтирои микрокалкуляторҳо, ҳоло амалан ҷадвалҳои логарифмӣ қимати худро ҳамчун василаи ҳисоббарорӣ гум кардаанд. Логарифмҳои натуралӣ на танҳо аҳамияти амалӣ, балки аҳамияти назариявӣ низ доранд. Дертар маълум шуд, ки бо логарифмҳои натуралӣ қаторҳоро истифода карда, бо саҳеҳии дилхоҳ қимати тақрибии бузургиҳои гуногунро ёфтан мумкин аст. И. Ламберт (1728-1777) соли 1766 аз вобастагии байни функсияи нишондиҳандагӣ ва функсияҳои тригонометрии Л. Эйлер истифода карда исбот намуд, ки ададҳои *п* ва *е* ирратсионалианд.

Асосан авҷи инкишофи анализи математикӣ ба асри XVII мувофиқ меояд. Дар ин масъала ададҳои *п* ва *е* нақши махсусро мебозанд, чунки онҳо дар формулаҳои гуногун истифода карда мешаванд. Логарифмҳои асосашон *е* имкон медиҳанд, ки вобастагиҳои гуногуни математикӣ, ки равандҳои гуногуни табиат ва илмро тавсиф менамоянд, бо воситаи онҳо ифода карда шаванд. Аҷаб нест, ки сабаби натуралӣ номгузорӣ кардани ин логарифмҳо дар ҳамин ҳам бошад. Истилоҳи «логарифмҳои натуралӣ»-ро П. Менголи (1626-1686) соли 1659 дохил карда буд. Баъди вай соли 1668 аз ин истилоҳ Н. Меркатор **(**1620-1687**)** истифода кардааст. Таърифи ҳозиразамони логарифми натуралиро дар корҳои Л. Эйлер пайдо кардан мумкин аст.

Ҳар ки омӯзиши рӯзгор ӯро нарм ва доно накунад, дар омӯзиши ӯ ҳеҷ касро ранҷ набояд бурд, ки ранҷи ӯ зоеъ бошад.

**Унсурулмаолии Кайковус**

# ОИНАИ ТАВОНМАНДИҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

***А. Ҳасанзода. «Вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ». – Хуҷанд, 2024. – 118 с.***

**Мӯсо ОЛИМҶОНОВ – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**То замони соҳибистиқлолии кишвар дар тамоми асарҳои илмиву таълимӣ, вақте сухан аз иқтибоси унсурҳои луғавӣ аз як забон ба забони дигар мерафт, ҳатман таъкид мегардид, ки забони тоҷикӣ аз забонҳое, мисли арабӣ, туркии муғулӣ, аврупоӣ, хосатан, русӣ калимаҳои зиёдеро пазируфта, таркиби луғавиашро ғанӣ гардондааст. Мутаассифона, дар мавриди таъсири забони тоҷикӣ чун яке аз забонҳои тавонманди оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ сухане набуд ва гумон меравад, сухане ба миён овардан мамнуъ буд. Забонҳои дигар, махсусан, русӣ, бо истилоҳи «сарчашмаи файзбор» ёд мешуд ва дар шакли асл истифодаву талаффуз шудани унсурҳои луғавии он боиси ифтихору ғурур ва наздик шудан ба «интернатсионализми забонӣ» унвон мегардид.**

Хушбахтона, соҳибистиқлолии кишвар имкон фароҳам овард, ки аз тавонмандиву ёрмандиҳои забони тоҷикӣ дар ғанӣ гардидани забонҳои хешу ғайрихеш баҳс ба миён орем ва нишон диҳем, ки забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи мавҷудияти беш аз 3000-солаи худ на танҳо аз забонҳои дигар неруи тоза гирифтааст, балки бо воҳидҳои луғавиву грамматикии хеш баҳри тавонмандиҳои забонҳои дигар мусоидат намудааст. Ба ин маънӣ, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид ва даъват намудаанд, ки «ба муҳаққиқони забоншинос зарур аст, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони дорои таърих ва осори беназир мавриди таҳқиқ қарор дода, онро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд».

Бо мақсади амалӣ намудани ин вазифагузории Сарвари давлат кафедраи забони тоҷикии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров тасмим гирифт, ки барои донишҷӯёни ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик фанни интихобиеро таҳти унвони «Вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ» ҷорӣ намуда, бад-ин васила, имкониятҳои забони тоҷикиро барои мутахассисони замони истиқлол муаррифӣ намояд. Таълим ва таҳияи дастури фанни мазкур ба дӯши яке аз мутахассисони варзидаи таърихи забони тоҷикӣ, профессор Абдуҷамол Ҳасанзода вогузор гардид. Хушбахтона, соли гузашта китоби « Вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ» ба дасти донишҷӯён расид. Асари мазкур маводи комилан тозаро фарогир буда, «дар заминаи маводи фактологии осори хаттии гузаштаву имрӯза нақши байналмилалии забони тоҷикӣ нишон дода шуда, мақому мавқеи он дар байни забонҳои мухталифи дунё мавриди баррасӣ қарор» гирифтааст (с.5).



Асари мавриди назар мутобиқ ба низоми кредитии таълим аз 16 мавзуъ иборат аст. Дарси якум «Мавзуи баҳси фанни вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ» унвон дорад. Таъкид мешавад, ки тамоми забонҳои дунё аз қадимулайём бо ҳам робитаи ногустастанӣ дошта, «дар такомулу инкишофи таркиби луғавии ҳамдигар мадад расонидаанд». Дар ин росто, ба андешаи муаллиф, «забони тоҷикӣ дар радифи онҳое қарор дорад, ки ҳамчун забони нирумандсозанда дар такомули забонҳои дигари дунё мадади калон расонидааст» (с.4).

Азбаски забони тоҷикӣ ба забонҳои зиёди хешу бегона таъсири файзбор расонидааст, зимнан, таъсири забони тоҷикиро дар заминаи оилаи забонҳо баррасӣ менамоем. Аз маводи

асари ёдшуда маълум мешавад, ки забони тоҷикӣ ба забонҳои зер таъсир расонидааст ва ё калима ба вом додааст:

1. Забонҳои ҳиндуаврупоӣ (ҳиндӣ, русии бостон, арманӣ, англисӣ, фаронсавӣ);

2. Забонҳои сомиву ҳомӣ (арабӣ, яҳудӣ);

3. Забонҳои туркиву муғулӣ (туркии қадим, ӯзбекӣ, қазоқӣ, дунганӣ, уйғурӣ, тоторӣ (Қрим));

4. Забонҳои кавказӣ (гурҷӣ, нахиву доғистонӣ).

**Таъсири забони тоҷикӣ ба забонҳои ҳиндуаврупоӣ.** Оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ аз калонтарин оилаи забонҳо маҳсуб ёфта, забонҳои зиёдеро фаро мегирад. Ин оила дар навбати худ ба чанд гурӯҳ тасниф мешавад. Маълум мегардад, ки забони тоҷикӣ дар радифи тавонотарин забонҳои ин оила нуфуз доштааст. Ин забонҳоро ба бахшҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

**1. Гурӯҳи забонҳои ҳиндӣ.** Забонҳои тоҷикиву ҳиндӣ аз як сарчашма оғоз гардидаанд, ки аҳли таҳқиқ он сарчашмаро забони ориёӣ номидаанд. Наздикии ин ду забон дар гузашта ба дараҷае будааст, ки муҳаққиқин ин забонҳоро «ду лаҳҷаи як забон» эътироф намудаанд. А.Ҳасанзода баъди баршумурдани дастае аз унсурҳои луғавӣ, ки байни ин забонҳо муштараканд, мисли *бозор, паҳлавон, шаҳр, шиша* ва ғ. таъкид медорад, ки «ягонагии тақдир ва умумияти минтақаи будубоши тоҷикону ҳиндуҳо дар қадим боиси бо тафовутҳои ночизу ҷузъӣ гардиш доштани унсурҳои луғавӣ шудааст» (с.30). Муҳаққиқон (хосатан М.С. Модебадзе) таъйид намудаанд, ки дар забони ҳиндӣ беш аз ҳазор (1000!!!) вожаи тоҷикӣ дар гардиш қарор дорад. Муҳаққиқ ин навъ унсурҳои луғавиро ба шаш даста тасниф намудааст: 1) истилоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва мафҳумҳои маишӣ, мисли *миз, хоҷа, ҷонишин, пеша* ва ғ.; 2) истилоҳоти ҳарбиву динӣ, чунончи *силоҳ, Худо, душман, биҳишт* ва ғ.; 3) номи аломату хусусият, ранг ва хислатҳои шахс, мисли *хурд, хуш, парҳезгор* ва ғ.; 4) номи аҷсоми самовӣ, ҳодисаҳои табиат, чун *сайлоб (селоб), офтоб* ва ғ.; 5) номи ҳайвоноту паранда ва рустаниву гиёҳ, мисли *хирс, бунафша, гул* ва ғ.; 6) мафҳумҳои маънӣ, чун *дониш, омезиш* ва ғ. (с.31).

Маълум мешавад, ки вожаҳои тоҷикӣ ба забони ҳиндӣ ворид гардида, аз рӯйи ифодаи маъно ба тағйирот дучор шудаанд. Ин масъала аз мадди назари муҳаққиқ А.Ҳасанзода дур намонда, номбурда онҳоро аз ин ҷиҳат ба ду даста ҷудо намудааст:

1) унсурҳои луғавии тоҷикие, ки дар забони ҳиндӣ доираи маънояшон васеъ гаштааст, мисли вожаи *Худованд*, ки ба ҷуз маънои *соҳиб* ва *Аллоҳ* дар забони ҳиндӣ ба гунаи *хавинд* (*khavind*) ба маънои «ҷаноб» ва «завҷа» гардиш доштааст. Ҳамин гуна ҳолат бо вожаҳои *барф, шер, ошно* ва ғ. низ рӯй додааст;

2) баъзе калимаҳои сермаънои тоҷикӣ дар забони ҳиндӣ ба маъное истифода мешаванд, ки хоси забони тоҷикӣ нестанд. Чунончи, вожаи *ҷома* дар забони тоҷикӣ дорои ду маъност, вале дар забони ҳиндӣ ба маънои «либоси васеъ» гардиш дорад, ки онро бояд домод то даҳ сол ба бар дошта бошад.

Як нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки аксари ин воҳидҳои луғавӣ аз гуфтори мардуми Осиёи Марказӣ, хосатан тоҷикон, ба забони ҳиндӣ ворид шудаанд. Ин аст, ки аксари ин калимаҳо аз рӯйи ифодаи маъно байни ин ду забон ҳамгун буда, баръакс, аз забони форсии Эрон тафовут доранд.

Як хусусияти таъсири байниҳамдигарии забонҳои тоҷикиву ҳиндӣ дар он аст, ки қисме аз вожаҳои забони тоҷикӣ дар таркиби вожаҳои мураккаби ҳиндӣ дучор мешаванд, мисли *katgulab* (санскрит *kat – дарахт* ва тоҷикии *гулоб*) ва ғ.

Маводи асар нишон медиҳад, ки аз забони тоҷикӣ ба забонҳои ҳиндӣ, мисли мароҳитӣ на фақат вожаҳои мустақил, балки баъзе унсурҳои ёвар, мисли пасоянди «-ро» (ба гунаи «-ло»), пешояндҳои аслӣ, нидо, ҳиссача, пешванду пасвандҳо низ интиқол ёфтаанд.

Ҳамин тавр, таъсири забони тоҷикӣ ба гурӯҳи ҳиндии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ хеле чашмрас аст.

**2. Гурӯҳи забонҳои славянӣ**. Таҳқиқоти солҳои охир собит намуд, ки на фақат забони русӣ ба забони тоҷикӣ таъсир расонидааст, балки ҳанӯз дар асрҳои миёна як дастаи калони вожаҳои тоҷикӣ вориди забонҳои славянӣ, хосатан русии қадим, шудаанд. Масъалаи мазкур дар мавзуи «Вомвожаҳои тоҷикӣ дар забони русии бостон ва муосир»-и асари «Вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ» баррасӣ шудааст (с.23-29).

Ба андешаи олимон, 1) муносибати ҳасанаи тиҷоративу дипломатии давлати Рус бо эронитаборон; 2) таваҷҷуҳи зиёди адибони рус ба осори аҳли қалами тоҷику форс; 3) таваҷҷуҳи олимони рус ба омӯзиши таъриху фарҳанг ва ҷуғрофияи Осиёи Марказӣ, хосатан минтақаҳои

тоҷикнишин, мунҷар ба иқтибоси вожаҳои тоҷикӣ ба забони русӣ, хосатан, русии бостон, гардидаанд (ниг. с.25).

Муаллифи асар вомвожаҳои ба забони русӣ воридгардидаро аз рӯйи қабати таърихии мавҷудият ба се даста ҷудо намудааст: 1) қабати аввали вожаҳои тоҷикӣ ҳанӯз дар давраи праславянӣ ворид гардида, онҳо мафҳумҳои асотириву ҳарбиро ифода менамоянд, мисли *бог (baga), див (daiva)* ва ғ.; 2) қабати дуюм дар садаҳои XI-XVII вориди забони русӣ гардида, аз рӯйи теъдод зиёд мебошанд. Ин дастаи воҳидҳои луғавии тоҷикӣ аксар бевосита аз забони тоҷикӣ (форсӣ) ва ё ба воситаи забонҳои туркӣ вориди забони русӣ шудаанд, мисли *анбар (анбор), порча, сарай (сарой), чайхана* ва ғ.; 3) қабати сеюми вожаҳои тоҷикӣ дар натиҷаи сафарҳои илмии олимони рус ба забони русӣ ворид гардидаанд, мисли *баклажан, бахча (боғча), баштан (бӯстон)* ва ғ.

Дар давраи нав низ вуруди калимаҳои тоҷикӣ ба забони русӣ эҳсос мешавад. Чунончи, муҳаққиқ А. Ҳасанзода дар заминаи «Луғати тоҷикӣ ба русӣ» (нашри соли 1954-ум) собит намудааст, ки дар забони русӣ 272 вожаи тоҷикӣ гардиш дорад.

Як вижагии дигари вожаҳои тоҷикӣ дар забони русӣ (бостон, нав) дар он аст, ки онҳо ба гунаҳои мухталиф гардиш доранд. Чунончи, вожаи мураккаби «зарбоф»-и тоҷикӣ ба гунаҳои *зарбафъ, зарбав, изарбавъ, изарбафъ, зарбав, изарбат* дар мутуни асримиёнагии русӣ дучор мешавад (с.27).

Ҳамин тавр, забони тоҷикӣ дар қатори дигар забонҳо ба ғановати таркиби луғавии забонҳои славянӣ, хосатан русӣ, мусоидат намудааст.

**3. Гурӯҳи германӣ.** Забони тоҷикӣ ба гурӯҳи германии забонҳои ҳиндуаврупоӣ (дар мисоли забони англисӣ) низ таъсири босамар доштааст. Аз як сарчашма бархостани онҳо «боис шудааст, ки дар ҳар дуи забон… миқдори зиёди калимаҳои монанд мавҷуданд, ки онҳоро забоншиносон бо истилоҳи «изоглосс» ё «ҳамвожа» ном бурдаанд» (с.56).

Маълум мешавад, ки калимаҳои тоҷикӣ ба забони англисӣ бевосита дохил нашуда, балки ба тавассути забонҳои миёнрав, хосатан арабӣ ва фаронсавӣ, ворид шудаанд. Дар ин сурат қисме аз ин гуна унсурҳои луғавӣ аз ҷиҳати зоҳирӣ ба асл наздик бошанд, қисми дигар «ба қоидаву қонуни забони арабӣ мутобиқ шуда, муарраб гардида, аз «симо»-и нахустинашон дур шудаанд ва баъдан ба таркиби луғавии забони англисӣ роҳ ёфтаанд» (с.56). Аз ин хотир, шинохти ин навъ калимаҳо таҳқиқи забоншиносӣ талаб менамояд. Чунончи, вожаҳои *шоҳ* ба гунаи *check* «киш» дар шатранҷ ва *chess* «шатранҷ», *подзаҳр* ба гунаҳои *фодзаҳр, фозазаҳр, бозаҳр* ба забони арабӣ ворид шуда, тавассути ин забон ба забони англисӣ ба гунаи *bezaar,* вожаи *обкор* дар арабӣ ба гунаи *абқарӣ* ва дар англисӣ ба шаклҳои *abkaree / abkary, қабо* дар арабӣ ба гунаи *қабо(й)* ва ба англисӣ ба гунаи *cape* иқтибос гардидаанд.

Чунонки таъкид шуд, дар вуруди бархе аз вожаҳои тоҷикӣ ба забони англисӣ забони фаронсавӣ ба сифати забони миёнрав мусоидат намудааст. Масалан, *корвон* ба забони фаронсавӣ ба гунаи *caravane* ва аз ин забон ба забони англисӣ ба гунаи *caravan* иқтибос шудааст.

**4. Гурӯҳи романӣ**. Таъсири забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои романии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ низ чашмрас аст, ки дар асари мавриди назар дар мисоли забони фарансузӣ нишон дода шудааст. Муҳаққиқ А. Ҳасанзода калимаҳои забони тоҷикиро, ки ба забони фаронсавӣ иқтибос шудаанд, вобаста ба тобеияташон ба қоидаи забони воридшуда ба панҷ даста тақсим намудааст: 1) вомвожаҳое, ки дар забони фаронсавӣ комилан ҳазм гардида, тафовути онҳо аз вожаҳои фаронсавӣ душвор аст, мисли *arsenic < зарних; balcon < болохона* ва ғ. Ба таъкиди олим, ин навъ вожаҳо 87 ададро ташкил мекунанд; 2) вожаҳое, ки то андозае ба қоидаҳои забони иқтибосгиранда мутобиқ шуда, давраи гузаришро паси сар мекунанд, мисли *bazar < бозор; caravane < корвон* ва ғ. Миқдори ин навъ унсурҳои луғавӣ 26 ададро фаро мегирад; 3) вомвожаҳое, ки дар забони фаронсавӣ ба қатори калимаҳои матрук дохил шудаанд, чунончи, *Calender (Kelenders) < қаландар; chah < шоҳ, подшоҳ; derviche < дарвеш* ва ғ.; 4) вожаҳои иқтибосии тоҷикӣ, ки урфу одат ва нишонаҳои фарҳанги миллии тоҷиконро ифода мекунанд, мисли *satin < сатин; karbos < карбос; doutar < дутор; chachtakom < шашмақом; < наво* ва ғ. Ин навъ вожаҳо аз рӯйи миқдор 155 ададро фаро мегиранд; 5) гурӯҳе аз вожаҳои ифодагари мафҳумҳои мухталифи рӯзгор, мисли *ton-nerre < тундар; nom < ном; lecher < лесидан* низ ба забони фаронсавӣ ворид шудаанд.

Дар асари мавриди назар ду ҷиҳати вомвожаҳои тоҷикӣ дар забони фаронсавӣ зикр шудааст: аввалан, иштироки онҳо дар калимасозӣ (хосатан сохта, мисли *bazarder* – фурӯхтан;

савдо кардан), сонияи, аз рӯйи ифодаи маъно таҳаввул ёфтани вожаҳои тоҷикӣ, ки зикри онҳо ҳаҷми мақолаи мазкурро ба дарозо мекашад.

**5. Забони арманӣ.** Забони арманӣ аз гурӯҳи махсуси забонҳои ҳиндуаврупоӣ маҳсуб ёфта, таърихи бештар аз якунимҳазорсола дорад. Ҷолиб он аст, ки теъдоди калимаҳои тоҷикӣ (форсӣ) дар муқоисаи забонҳои дигари ҷаҳон дар забони арманӣ зиёд буда, касрати корбурди вожагони тоҷикӣ муҳаққиқинро ба андешае водошта буд, ки забони арманиро яке аз забонҳои эронӣ ба шумор оранд (ниг. с.43).

Чун теъдоди вожаҳои тоҷикӣ дар забони арманӣ зиёд аст, дар асари «Вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ» онҳо аз рӯйи ифодаи маъно ба 12 даста тасниф шудаанд, мисли 1) вожаҳои ифодагари номи макон, ҷой: *бозор, амбар, апарон* < *айвон, бохтар* ва ғ.; 2) номи гулу гиёҳ ва меваю сабзавот: *спанд* < *испанд, спарак* < *испарак, падринҷ* < *бодиринг* ва ғ.; 3) номи ҳайвоноту даранда ва мафҳумҳои ба он монанд, мисли *бабр, паланг, чарғ, говмеш, шоҳин, гург, ахор* < *охур* ва ғ.; 4) номи асбобҳои рӯзгор, мисли *омоч, бел, тоба, табар, ташт, тағора, занбар* ва ғ.

Аз маълумоти асар пай бурдан мумкин аст, ки калимаҳои тоҷикӣ ба забони арманӣ ворид гардида, вижагиҳоеро соҳиб шудаанд, ки онҳоро наметавон дар забони асл мушоҳида намуд. Аз ҷумла: 1) дар чанд мувозӣ ба кор рафтани калимаҳо, мисли *амбар / ҳамбар* < *анбор; амб / амп* < *абр; арба / ҳарба* < *ароба* ва ғ.; 2) вожаҳои қадими дар забони асл истифоданашаванда дар забони арманӣ. Ин гурӯҳро муҳаққиқ боз ба ду гурӯҳ тасниф намудааст: а) дар шакли куҳан ба кор рафтани вожаҳои тоҷикӣ, мисли *йавонак* < *ҷавон; йавитан* < *ҷовидон; чарп* < *чарб; вонг* < *бонг* ва ғ.; б) калимаҳое, ки дар гузаштаи дури забони тоҷикӣ истифода шуда, имрӯз аз доираи истеъмол бозмондаанд, вале дар забони арманӣ дар гардиш қарор доранд, мисли *редак*, ки дар забони порсии миёна ба гунаи *ретак* (аз *raitaka*-и эронии бостон) ба маънои «писар, ноболиғ, тоза ба булуғ расида», *жӯпин* – «найзаи кӯтоҳқад» ва ғ. маъмул буданд.

Дигар аз вижагиҳои вомвожаҳои тоҷикӣ дар забони арманӣ ин аст, ки онҳо дар забони воридшуда бо мувофиқ шудан ба сохтори грамматикии забони арманӣ ба чанд вазифаи ҳиссаи нутқ корбурд мешаванд. Чунончи, *пизишк* ба гунаи *бзишк* истифода шуда, ба гунаи *нахабзишк* ба маънии «ҳаким-ул-ҳукамо» ба вазифаи исм, ба гунаи *бзишканан* ба маънои «пизишкӣ» ба вазифаи сифати нисбӣ ва ба шакли *бзишкел* ба маънии «табобат кардан» ҳамчун феъл истифода мешаванд (с.45).

Мушоҳида мешавад, ки аз забони тоҷикӣ ба арманӣ на танҳо калимаҳои соҳибмаъно, балки унсурҳои ёвар, мисли пасванду пешвандҳо низ ворид шудаанд ва ҷолиб он аст, ки баъзе аз онҳо ба вазифаи воҳиди мустақилмаъно гардиш доранд. Чунончи, пасванди -*истон* дар забони арманӣ ба гунаи *стон* ба маънои «ҷой, макон» гардиш дорад.

Пасон мавзуи таҳлилу тадқиқ вуруди вожаҳои гӯиши тоҷикӣ ба забони арманӣ (дар мисоли *партасил* < *тосидан*; *дирт* < *дурд; кандук* < *канду...*), дар таркиби унсурҳои сохтаву мураккаб боқимонии вожаҳои тоҷикӣ ва ҳамчунин ба сифати забони миёнрав дар вуруди унсурҳои забонҳои дигар, мисли сурёнӣ (*манишак* < *бунафша*), оромӣ (*тут*), юнонӣ (*драм* < *дирам*), ҳиндӣ (*плпел / плпел* < *пилпил; танка* < *танга...*) ва дигар забонҳо гардидааст (ниг. с.46-47).

Ҳамин тавр, забони тоҷикӣ ба забонҳои хеши оилаи забонҳои ҳиндуарупоӣ таъсири муайяне расонида, боиси ғаномандии таркиби луғавии онҳо шудааст.

**Таъсири забони тоҷикӣ ба забонҳои сомию ҳомӣ.** Ошноӣ бо маводи асари «Вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ» собит мекунад, ки забони тоҷикӣ ба забонҳои оилаҳои дигар, мисли сомию ҳомӣ, туркӣ, кавказӣ ва ғайра низ назаррас аст. Аз ҷумла, аз оилаи забонҳои сомию ҳомӣ таъсири забони тоҷикӣ ба забонҳои арабӣ ва яҳудӣ чашмрас аст.

**1. Забони арабӣ.** Забони арабӣ, илова бар он ки забони китоби муқаддаси мусалмонон – Қуръон, аст, яке аз бузургтарин забонҳои олами муосир ва яке аз шаш забони кории СММ ба шумор меравад. Ин забон дар баробари таъсири файзбораш ба забонҳои дигар, мисли тоҷикӣ аз забонҳои дигар, аз ҷумла, тоҷикӣ суди фаровон гирифтааст. Маълум мегардад, ки дар мавриди теъдоди вожаҳои тоҷикӣ дар забони арабӣ аҳли тадқиқ ба як фикр муттафиқ нестанд, Чунончи, олимон теъдоди ин гуна вожаҳоро гоҳ 350 (олими итолёвӣ Э. Монтейл), гоҳ 854 (Наҳла) ва гоҳи дигар 2000 (муҳаққиқи калдонӣ Э. Шир) донистаанд. Иқтибосоти вожаҳои тоҷикӣ ба забони арабӣ бо ду роҳ: бевосита ва бавосита (ба воситаи забони туркии усмонӣ) сурат гирифтааст.

Таъсири байниҳамдигарии забонҳои арабиву тоҷикӣ (порсӣ) аз замони ҳуҷуми арабҳо оғоз наёфта, балки пештар аз он шуруъ шудааст. Аз ҷумла, таъсири забони тоҷикӣ аз замони интишори забони порсии миёна оғоз гардидааст. Чунончи, дар ашъори ал-Аъшо вожаҳои *juliston, banafsaj, yasamin, narjis, sisandar, marzanjis* ва ғ. дучор меоянд. Илова бар ин, вуруди вожаҳоеро

чун *ustod, vazir, din, barnomaj, namuzij, askar, javhar, buston, fuloz* метавон аз забони порсии миёна ба арабӣ ном бурд.

Омилҳои воруди унсурҳои луғавии тоҷикӣ ба забони арабӣ гуногунанд, ки дар мисоли онҳо метавон аз шароити иҷтимоиву таърихӣ, дар зиндагии арабҳо вуҷуд надоштани ҳодисаву ашёе, ки эронитаборон доштанд ва ғ. ёд кард.

Қуръон аз беҳтарин дурдонаҳои маданияти ғайримоддӣ маҳсуб ёфта, аҳли тадқиқ лексикаи онро ба ду гурӯҳ: аслӣ ва иқтибосӣ ҷудо намудаанд. Дар қатори беш аз 200 вомвожаи забонҳои дигар, мисли юнонӣ, ҳиндӣ, сомӣ, оромӣ, сурёнӣ, шумерӣ ва ғ. ба таркиби луғавии ин асар ба миқдори 30 адад, мисли *vardun* < *гул; din, junoh* < *гунoҳ; vazir, jund* < *сипоҳ, Safina* ва ғ. вожаҳои тоҷикӣ дучор меоянд.

Бо такя ба афкори Ф. А. Исоева таъкид мешавад, ки вожаҳои тоҷикии дар арабӣ маъмул аз рӯйи дараҷаи корбурд ба ду даста ҷудо шудаанд: 1) иқтибосоте, ки ба фонди луғавии забони арабӣ ворид шудаанд, мисли *ҷомагӣ* (маош), *зардат* (биринҷи бо асал омехташуда), *сармӯза* (калӯше, ки бо мӯза мепӯшанд) ва ғ.; 2) иқтибосоте, ки танҳо дар асарҳои муаллифони алоҳида дучор омада, ба луғатномаҳо роҳ наёфтаанд, мисли *пашахона, тахтравон, хуристон, хоҷа* ва ғ.

**2. Забони яҳудӣ.** Маълум мешавад, ки таъсири забони тоҷикӣ ба забони яҳудӣ (забони расмии Исроил) мисли забони арабӣ нест. Бо вуҷуди ин, дастае аз унсурҳои луғавии таркиби луғавии забони ёдшуда баромади тоҷикӣ доранд, мисли *handam* < *андом; apedon* < *ободон; gizbar* < *ганҷур; karmil* < *қирмиз* ва ғ.

Ҳамин тариқ, таъсири забони тоҷикӣ ба забонҳои сомию ҳомӣ, мисли арабӣ чашмгир буда, як қатор иқтибосоти тоҷикӣ ба фонди луғавии ин забонҳо ворид шудаанд. Хосатан, дар лексикаи Қуръон дучор омадани онҳо аз робитаи дури ин забонҳо дарак медиҳад.

**Таъсири забони тоҷикӣ ба забонҳои туркӣ.** Оилаи забонҳои туркӣ низ забонҳои зиёдеро муттаҳид менамояд ва таъсири забони тоҷикӣ ба аксари ин забонҳо мушоҳида мешавад. Дар асари мавриди назар таъсири забони тоҷикӣ ба забонҳои зер собит гардидааст.

**1. Забони ӯзбекӣ.** Нуфузи забони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ бештар аз дигар забонҳои туркӣ буда, ба ин ду омил сабаб гардидааст: 1) нуфузи сиёсиву таърихии забони тоҷикӣ; 2) муҳити фарҳангие, ки соҳибони ин забон доро буданд (с.17). Ба забони ӯзбекӣ аксар гурӯҳҳои ҳиссаҳои нутқ, мисли исм (*мард, сар, дил, забон, лаб, анор, гул, арча...*), сифат (*паст, бебок, баланд, сабз...*), феъл (*афтидан, омадан, нишастан...*), зарф (*кам, бисёр...*) иқтибос шудаанд.

Ба забони ӯзбекӣ на танҳо вожаҳои мустақил, балки унсурҳои ёвар, мисли пешванду пасвандҳо бо асосҳои худ иқтибос гардида, мисли *ҳамкор, баҳористон, ҷодугар, чашма, биҳизор* ва ғ. баъзе аз онҳо бо асосҳои туркӣ низ корбаст шуда (мисли *узумзор*), боиси ғановати таркиби луғавии забонҳои туркӣ, бахусус ӯзбекӣ, гардидаанд. Муҳаққиқ А. Ҳасанзода дар асоси маводи ҳарфҳои А ва Б-и «Фарҳанги ӯзбекӣ ба форсӣ»-и М. Ёрқин ва Ш. Ёрқин собит намудааст, ки бо ҳарфи А – 40 адад ва бо ҳарфи Б – 97 адад, дар маҷмуъ, 137 воҳиди луғавии тоҷикӣ бо вандҳои ӯзбекӣ вожаҳои нав ташаккул додаанд, мисли *бараварида, андозали, бахтсиз, бандалик* ва ғ. Муаллиф собит намудааст, ки дар ташаккули воҳидҳои луғавии нав нақши пасванди *-лик* нисбат ба дигар пасвандҳо зиёд аст. Чунончи, *арзонлик, асталик, бахтиёрлик, бӯстонлик, бачалик* ва ғ.

Ба забони ӯзбекӣ калимаҳои мураккаб (пайваст ва тобеъ) низ иқтибос гардидаанд, мисли *дамодам, бахтнома, бадбахт, баднамо, гӯрсӯхта, афтодаҳол, дуранг, даҳяк* ва ғ.

Нуктаи дигар низ исбот шудааст, ки пасвандҳои туркӣ на танҳо бо асосҳои сода, балки мураккаби тоҷикӣ низ омада, вожаҳои нав созмон додаанд, мисли *бадавлатлик, бадбахтлик, бадахлоқлик, бадзотлик* ва ғ.

Бо қолабҳои маъмул дар заминаи асосҳои тоҷикиву туркӣ созмон ёфтани вожаҳои мураккаб низ ба назар мерасад. Дар ин маврид вожаҳои ӯзбекӣ метавонанд ҳам ба ҷузъи аввал, ҳам ба ҷузъи дувум истифода шаванд, мисли *бегонасирамоқ, қорбобо, бодомқовоқ, болапарвар, бузоқхона* ва ғ. Дар натиҷаи ҳисоби оморӣ муаллиф маълум намудааст, ки бо ин усул вожаҳои сер – 52 вожа, *сар* – 43 калима, *дил* – 29 калима, *гул* – 24 унсури луғавӣ, *бад* – 13 ва *кам* 10 воҳиди луғавии нав созмон додаанд (с.21).

«Ӯзбекон бисёр унсурҳои лексикии тоҷикиро, – менависад профессор А. Ҳасанзода, – бо чилбури имлои забонашон суфта, ба қонуну қоидаи савтиёташон мувофиқ сохта, истифода кардаанд..., ки фақат тавассути таҳлили амиқи лингвистӣ форсӣ-тоҷикӣ будани онҳоро метавон собит кард» (с.22), мисли *чорвоқ (чорбоғ), чиммат (чашмбанд), шаввоз (шаҳбоз)* ва ғ.

Саҳми забони тоҷикӣ дар ғановати таъбироти забони ӯзбекӣ низ назаррас аст. Чунончи, фразеологизмҳои зер аз забони тоҷикӣ вориди забони ӯзбекӣ шудаанд, мисли *ба ҷону дил, дарди бедаво, сукут – аломати ризо* ва ғ.

Ба забони адабии хаттии ӯзбекӣ қолабҳои наҳвӣ, мисли *ҳаракату равиш, шеваву гуфтор, аҳли назар, гули гулистони ҳунар*... (Фузулӣ), *гули оташин, нангу номус*... (Навоӣ), *чарху давр, мунису ғамхор*... (Муқимӣ) низ ворид шудаанд.

**2. Забони қазоқӣ.** Ба забони қазоқӣ низ калимаҳои тоҷикӣ бо ду роҳ: бевосита ва бавосита ворид шудаанд. Забони русӣ байни забонҳои тоҷикӣ ва қазоқӣ ба сифати забони миёнрав хидмат намудааст. Вижагии ин навъ луғот дар он аст, ки ба забони қазоқӣ бо имло ва талаффузи русӣ дохил гардидаанд, чун *чемодан*.

Калимаҳое, ки бевосита гузаштаанд, ба тағйироти шаклу овоз дучор шудаанд, ки дар асари мавриди муаррифӣ мӯшикофона ба риштаи таҳлил омадаанд, мисли табдилёбии садоноки «о» ба «а»: *ёр – йар – жар*; бадалшавии садоноки «а» дар байни калима ба «э»: *кафгир – кэфгир – кепгир*; табдилёбии ҳамсадаи «ч» ба «ш»: *чойхона – шайхана; чорбоғ – шарбак* ва ғ. (с.35).

Бархе аз вожаҳои тоҷикӣ бо тағйироти шакл чун асосҳои вожасоз дар ташаккули воҳидҳои нави луғавӣ дар ғановати забони қазоқӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Чунончи, калимаи *хона* ба гунаи *қана* бо асосҳои қазоқӣ вожаҳои зиёди мураккаб, амсоли *ҷатаққана < хобгоҳ; ауруқана < беморхона; баспаққана < матбаа* ва ғ. сохтааст.

Аксари кулли вожаҳои тоҷикӣ ба забони қазоқӣ ворид шуда, бо мутобиқат кардан ба вижагиҳои овозиву сарфӣ аз асли худ дур шудаанд, мисли *бейбақ < бебахт; бейҷай < беҷой; номэрт < номард* ва ғ.

**3. Забони озарӣ.** Забони тоҷикӣ ба забони озарӣ, ки забони расмиву давлатии Озарбойҷон аст, таъсири босамар доштааст. Муҳаққиқи озарӣ Э. Р. Пириев дар ин андеша будааст, ки таъсири забонҳои тоҷикиву озарӣ аз садаи X оғоз шудааст (ниг. с.41), вале муаллифи «Вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ» дар заминаи он ки забони адабии озарӣ дар садаи XIII ташаккул ёфтааст, ба ин фикр шубҳа мекунад. Воҳидҳои луғавии тоҷикие, ки ба забони озарӣ ворид шудаанд, аз рӯйи маъно мухталиф буда, муаллиф онҳоро ба шаш даста тасниф намудааст, мисли 1) калимаҳои ифодагари мафҳумҳои маъмурӣ ва истилоҳоти ҳарбӣ: *девон, подшоҳ, шоҳ, дард, захм, тиркаш, боргоҳ*…; 2) вожаҳои ифодагари мафҳумҳои динӣ: *Худо, биҳишт, намоз*… ва ғ. (с.41-42).

Дар асоси маводи «Китоби бобои ман Коркут» (асрҳои X-XIII), ки 194 вожаи тоҷикиро фарогир аст, басомади вожаҳои иқтибосиро чунин муайян намудаанд: *номард* (30 басомад), *бозаргон* (27 басомад), *ҷонвар* (15 басомад), *лашкар* (11 басомад) ва ғ.

Чанд вижагии вомвожаҳои тоҷикиро дар забони озарӣ муаллиф чунин муайян менамояд: 1) баъзе аз вожаҳо тағйири маъно кардаанд, мисли *ланг* ба маънои «суст»; *ҷонвар* ба маънои «гург» ва ғ.; 2) калимаҳои тоҷикӣ бо вожаҳои озарӣ силсилаи муродифотро созмон додаанд: *Худо – танри; ҷанг – саваш; хуб – яхуши* ва ғ.; 3) ба забони озарӣ дар қатори калимаҳои мустақил ҳамчунин вожаҳои ёвар, мисли пайвандаки «зеро» иқтибос шудаанд.

**4. Забони ӯйғурӣ.** Забони ӯйғурӣ дар Чин ва як қисми Осиёи Марказӣ роиҷ буда, вуруди вожаҳои тоҷикӣ хеле барвақт сурат гирифтааст, вале ин раванд нисбатан бештар дар асрҳои XIV -XVI ба амал омадааст.

Унсурҳои луғавии тоҷикӣ аз рӯйи маънӣ гуногун буда, дар асар онҳо ба даҳ гурӯҳ тасниф шудаанд. Аз ҷумла: 1) вожаҳои ифодагари номи ашёи рӯзғор: *дэстихан < дастархон; дезмал < дарзмол*...; 2) калимаҳои ифодагари мафҳумҳои кишоварзӣ ва номи меваву сабзавот: *бағ < боғ; бағвэн < боғбон; алча < олуча; бадам < бодом; пияз < пиёз* ва ғ.

Вожаҳои тоҷикӣ дар забони ӯйгурӣ ба тағйирот дучор шудаанд, ки муаллиф дар бандҳои алоҳида бо таҳлили унсурҳои луғавӣ мушаххас нишон додааст (с.38-39).

**5. Забони қримӣ-тоторӣ.** Вуруди калимаҳои тоҷикӣ ба забони тоторҳои Қрим дар асрҳои миёна оғоз гардида, ба ин забон низ теъдоди хеле фаровони вожаҳо иқтибос шудаанд. Муаллифи асар онҳоро аз ин ҷиҳат ба сездаҳ гурӯҳ тасниф намудааст. Чунончи, 1) номи асбобҳои рӯзғор: *килим < гилем; перде < парда; кисе < киса*...; 2) номи узвҳои инсон: *гердан < гардан; панджа < панҷа; чере < чеҳра; джигер < ҷигар* ва ғ.

Аксари вожаҳои тоҷикӣ ба қонуну қоидаҳои забони қримӣ-тоторӣ мутобиқ гардида, аз асли худ дур рафтаанд, мисли *ляле < лола; пирнич < биринҷ; кягъыт < коғаз* ва ғ.

**6. Забони туркманӣ.** Туркманӣ забони расмиву давлатии Ҷумҳурии Туркманистон буда, шакли адабии он баъди Инқилоби Октябр ташаккул ёфтааст. Забони тоҷикӣ ба ин забон низ воҳидҳои зиёди луғавиро интиқол додааст. Яке аз вижагиҳои муҳимми вожаҳои тоҷикӣ дар

забони туркманӣ ин аст, ки онҳо аз рӯйи таркиби овозӣ ихтисор шудаанд, чунончи *дурс < дуруст; голе < гӯсола; куна < куҳна; гунэ < гуноҳ; дасго < дастгоҳ* ва ғ.

**7. Забони гагаузӣ.** Аз ҷумлаи забонҳои туркие маҳсуб меёбад, ки шакли адабии он нисбатан дертар – солҳои 50-уми садаи XX шакл гирифтааст. Дар ин забон низ вожаҳои тоҷикӣ, ки мафҳумҳои мухталифро ифода мекунанд, мисли *ҷовиз < ҷавз / гавз; хыйар < хиёр; хороз < хурӯс* ва ғ. дар гардишанд (с.61).

**Таъсири забони тоҷикӣ ба забонҳои кавказӣ.** Аҳли таҳқиқ собит намудаанд, ки забони тоҷикӣ дар қатори забонҳои дигар, ба забонҳои кавказӣ низ таъсир расонида, дар ғаномандии таркиби луғавии онҳо мусоидат намудааст.

**1. Гурӯҳи шарқӣ** (нахиву доғистонӣ). Ҷолиб он аст, ки агар ба аксари забонҳои олам забони тоҷикӣ дар давраи нави инкишоф таъсир расонида бошад, пас, таъсири забони тоҷикӣ ба забонҳои нахиву доғистонӣ, ки аз гурӯҳи шарқии забонҳои кавказӣ маҳсуб меёбанд, мисли аварӣ, лакӣ, дарғонӣ, лазгӣ… ҳанӯз аз даврони қадим ва миёнаи инкишофи забони тоҷикӣ оғоз шудааст. Бо вуҷуди ин, маълум шудааст, ки 95 %-и калимаҳои тоҷикӣ дар давраи нав ворид гардидааст. Аҳли таҳқиқ собит намудаанд, ки дар забонҳои нахиву доғистонӣ, маҷмуан, 750 адад вожаи тоҷикӣ иқтибос шудааст (с.51). Ба андешаи профессор А. Ҳасанзода, ин миқдор ҳадди ниҳоӣ нест, зеро бархе аз унсурҳои тоҷикиро (мисли *бухча*) олимон туркӣ донистаанд. Агар ин навъ калимаҳо низ ба назар гирифта шаванд, миқдори вожаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забонҳои нахиву доғистонӣ ба миқдор хеле меафзояд. Ба забонҳои ёдшуда аз забони тоҷикӣ гурӯҳҳои гуногуни маъноии калимаҳо, мисли *тушман < душман; тухум < тухм; пампа < пунба; чирохъ < чароғ; дару < дору; шагъзада < шоҳзода; анар < анор* ва ғ. ворид шудаанд. Ба хилофи дигар забонҳо ба забонҳои нахиву доғистонӣ исмҳои хос низ дохил шудаанд, мисли *Джамшид < Ҷамшед; Мерден < Мардон; Гавгъар < Гавҳар; Лолагьул – Лолагул* ва ғ.

Як вижагии иқтибосоти тоҷикӣ дар забонҳои ёдшуда дар он аст, ки бештари онҳо тағйири шакл намуда бошанд ҳам, ҷойи задаи забони тоҷикӣ тағйир наёфтааст: *гуьмбет < гунбад* ва ғ.

**2. Гурӯҳи ҷанубӣ (гурҷӣ).** Гурҷӣ забони расмиву давлатии Гурҷистон маҳсуб ёфта, ин қавм бо эронитаборон робитаи хуби ҳасана доштаанд. Ин равобит ва вижагиҳои он аз ҷониби муҳаққиқоне мисли Г. Ҳюбшман, Ф. Юстӣ, Г. Бейлӣ, К. Г. Залеман ва диг. мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Воҳидҳои луғавие, ки вориди ин забон шудаанд, ба 18 даста ҷудо шудаанд, мисли 1) вожаҳои марбут ба макон: *абазана (ҳаммом) < обзан; айвани < айвон; амбарӣ < анбор…*; 2) номҳои марбут ба хӯрок ва меваҷот: *кабабӣ < кабоб; мина < мино* ва ғ.

Нуктаи дигари муҳим ин аст, ки дар вуруди калимаҳои арабӣ ва фарҳанги исломӣ ба гурҷӣ забони тоҷикӣ ба сифати забони миёнрав хидмат намудааст, мисли *арқӣ < арақ; дуканӣ < дӯкон; ҷашушӣ < ҷосус; ҳава < ҳаво* ва ғ.

Муаллифи асар баъди таҳлили маводи мавҷуда чунин хулоса менамояд, ки «дар байни кулли вомвожаҳои аз забонҳои дунё ба таркиби луғавии забони гурҷӣ интиқолёфта аз лиҳози шумор унсурҳои луғавии тоҷикӣ бартарӣ доранд» (с.50).

**Таъсири забони тоҷикӣ ба забонҳои хитоиву тибетӣ (дунганӣ).**

Забони дунганӣ яке аз забонҳои хитоиву тибетӣ маҳсуб ёфта, забони тоҷикӣ ба ин забон низ таъсир расонидааст. Вожаҳои тоҷикӣ баъди вуруд ба забони дунганӣ ба ин тағйирот дучор шудаанд: 1) ба қонунҳои савтиву сарфии забони дунганӣ мутобиқ шудаанд; 2) аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ гузаштаанд; 3) калимаҳои тоҷикӣ дар забони дунганӣ ба дараҷае ҳазм шудаанд, ки мувозиҳои дунганиро (агар бошанд) танг карда баровардаанд. Вожаҳои зер аз тоҷикӣ гузаштаанд: *асмар < осмон; бемар < бемор; душыман < душман; пешинли < вақти пешин; хуфтанли < вақти хуфтан* ва ғ.

Ҳамин тавр, ба таъбири Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниёгон «барои мо забони тавоноеро як ҷо бо … осори арзишманди адабӣ ва таърихӣ ба мерос гузоштаанд», ки дар ғановат ва тавоноии забонҳои хешу бегона кумак намуда, дар баробари ин, аз забонҳои дигар тавонмандиҳояшро устувор намудааст. Донишманди фарҳехта профессор А. Ҳасанзода, ки яке аз донандагони беҳтарини таъриху тақдири забон маҳсуб меёбад, «Вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ»-ро дар заминаи осори мавҷудаи илмӣ ва маводи фаровони фарҳангномаҳои дастрас рӯйи кор овардааст. Китоби ёдшуда донишу саводи донишҷӯён, маҷмуан, насли ҷавонро доир ба мақому мавқеи забони тоҷикӣ байни забонҳои ҷаҳон афзуда, иқтидору имконияти забони модариамонро дар тавонмандиҳои забонҳои дигари хешу ғайрихеш як бар чанд меафзояд. Аз ин хотир, барои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷик ба сифати фанни асосӣ таълим додани «Вожаҳои ҷаҳонгарди тоҷикӣ» ва нашри асар дар матбааи «Маориф ва фарҳанг» ба манфиати кор хоҳад буд.

# ТАҲАВВУЛОТИ ТАЪРИХИИ СОЗИ ЧАНГ ВА МАЪНИИ ИСТИЛОҲИ «ЧАНГ» ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИКУ ФОРС

**Саидмаҳмуди ШАЙНАКӢ – узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, омӯзгори калони ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода**

**Тоҷикон дар тӯли таърихи беш аз 6000-солаашон ҳамеша дӯстдори ҳунари мусиқӣ буданд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ, деворнигораҳову нақшҳои рӯйи санг, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва дигар кишварҳои имрӯзи Осиёи Марказӣ пайдо шудаанд, инчунин, маъхазҳои таърихии аз ниёгонамон ба меросмонда далели таърихи бостонӣ доштани созҳои мусиқии тоҷиконро собит менамояд.**

Ниёгони тамаддунофари мо дар самти эҳёи созҳои мусиқии мардумӣ низ гомҳои устувор гузоштаанд. Тоҷикон дар масири таърихи тӯлонии мавҷудияти хеш бунёдгузори чандин сози мусиқӣ будаанд. Устод Аслиддин Низомӣ дар асари хеш – «Таърихи мусиқии тоҷик» (2014) далелҳои муътамадеро меоварад: «Дар оҳангу наво, зарбу усулҳои мусиқии мазҳабӣ (ниёишҳои аввалини ҳиндуориён, сурудхониҳои мӯбадони зардуштӣ) албатта, пеш аз ҳама, аз услуб ва навоҳои мардумӣ истифода мешуд.... Созҳои аслии он замон иборат буд аз най, найи дупон, кӯс, чанг...».

Хусусан, дар асрҳои миёна шоирону навозандагон ва устоҳои чирадасти тоҷик чунин созҳоро сохта ё аз нав эҳё намудаанд, ки баъдан ин созҳоро дигарон мавриди навозишу омӯзиш қарор додаанд. Масалан, «чангнавози хоси Бахроми Гӯр – Озода ҳамеша бо чанги худ дар паҳлуи шоҳ будааст ва суҳбатҳои хоси ӯро бо садои дилнавози он оро медодааст»; таъсиси дастаҳои ҳунарии «шоҳи мутрибони Аҷам» – Борбад (588-638) дар дарбори шоҳ Хусрави Парвиз (570-628), ки шумораашон то ба беш аз ҳафтод нафар мерасид; ҳунари баланди сознавозии асосгузори адабиёти классикии тоҷик, Одамушшуаро – Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ (858-941), ки «бисёр созҳои мусиқии даврони хешро ба хубӣ менавохт ва санъатшиносон ӯро ҳамчун офарандаи сози рӯд медонанд»; ҳамчун донишманди соҳаи мусиқӣ эътироф гардидани файласуфи бузург, табиби ҳозиқ ва шоири ширинкаломи тоҷик – Абуалӣ ибни Сино (980-1037), ки ба санъати мусиқии ғанию қадимаи мардумӣ диққати бисёриҳоро ҷалб намудааст; соҳиби асари безаволи китоби кабири мусиқӣ – «Китоб-ал мусиқӣ-ал кабир» будани донишманди беҳамтои тоҷик – Абунасри Форобӣ (870-950); инчунин, рағбати зиёди офаридани шеъру оҳанг ва созҳои мусиқӣ аз ҷониби шоири хушсухани тоҷиктабори Ҳиндустон – Амир Хусрав (1253-1325), ки «офарандаи сози мусиқии «сато» мебошад»; ҳунари баланди мутафаккиру шоири бузурги тоҷик – Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492), ки тибқи таъкиди олимон «як боби пурраи эҷодиёташро ба санъати мусиқӣ бахшида, дар ин ҷода рисолаи мусиқӣ ҳам эҷод кардааст», аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар асрҳои миёна фарҳангу ҳунари тоҷик ба сатҳи баланд расида, дар ғанӣ гардондани фарҳангу санъати башарӣ низ нақши бориз гузоштааст.



Зикр кардан ба маврид аст, ки сози мусиқии чанг ҳамсони дигар созҳо, ки дар умқи асрҳо эҳё шуда, то ба имрӯз расидаанд, низ дорои таърихи қадим мебошад. «Мувофиқи маълумоти маъхазҳои қадимӣ, ҳанӯз дар давраи шумериҳо (ҳазораи 4-3 то м.) ин соз (чанг – С.С.) бо шаклу намуди дигар маъмул будааст».

Байти зерини пур аз маонии сараи шоири бузурги достонсаро –Ҳаким Фирдавсӣ суханҳои дар фавқ овардаро доир ба сози мусиқии чанг тақвияти бештар мебахшад, ки онро асосан бонувони «паричеҳра»-и тоҷик менавохтанд:

Паричеҳра ҳар рӯз ***сад чангзан***,
Ба шодӣ ба даргаҳ шудӣ анҷуман.

Ин байти пурмуҳтавои бузургшоири форсу тоҷик маълумоти хеле муфиди дигареро низ дар худ ниҳон дорад. Гап сари истилоҳи «***сад чангзан***» меравад, ки шоир онро дар байт хеле бамаврид истифода намудааст. Аз ин истилоҳ ва маънии байт дарк мекунем, ки дар дарбори шоҳони Сосонию Сомонӣ шумораи зиёди навозандагону сарояндагон дар анҷуманҳои барпогардидаи дарбор – «даргаҳ» иштирок менамуданд ва азбаски дар байт калимаи «паричеҳра» истифода шудааст, пас, метавон ҳадс зад, ки садҳо бонуи зебо дар дарбори шоҳӣ ин анҷуманҳоро бо навои сози пурасрори чанг дилпазиртар менамудаанд.

Дар асрҳои IX-X низ сози мусиқии чанг яке аз созҳои мусиқии маъмули тоҷикон будааст. Тавре ки аз байти зерин бармеояд, устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, шоири шаҳири тоҷик ин сози мусиқиро ҳам бо маҳорати баланд менавохтааст:

Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт...

Илова бар ин, бо такя ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (соли 1969) зарур мешуморем, ки доир ба фаҳмишҳои мухталифи истилоҳи «**чанг**», ки дар адабиёти классикии тоҷику форс хеле зиёд вомехӯрад, низ маълумоти мухтасареро пешниҳоди хонандаи азиз гардонем.

Саравввал бояд ёдовар шавем, ки истилоҳи «чанг» кадом маъниҳоро дар бар мегирад ва бо сози мусиқии «чанг» чӣ гуна равобити маъноӣ дорад?

1. Дар сарчашмаҳои адабӣ олимони адабиётшиноси тоҷик истилоҳи «**чанг**»-ро ба чандин маънӣ тавзеҳ додаанд. Масалан, дар адабиёти болозикр нахуст он ба маънии «***панҷаи даст бо ангуштони хамида***» маънидод шуда, барои шиносоии бештар бо маънии ин калима байти зерини шоири ширинкалом Заҳири Форёбӣ сабт гардидааст:

Лаъли сероби ту бигрифт аз майи гулранг ранг,
Кай раво бошад агар мутриб ниҳад аз чанг чанг.

Дар ҳамин сарчашма маънии «***чанг задан ба (ё дар) чизе***» ба маънии «***даст задан, часпидан ба*** *чизе*, ***дарафтодан***» тавзеҳ ёфта, барои хубтар дарк намудани маънии истилоҳи мазкур байте аз осори шоири хушзавқи адабиёти классикии форсу тоҷик Убайди Зоконӣ оварда шудааст:

Мардаке сурхриш ҳозир буд,
Чанг дар риш зад, чу ин бишнуд.

Барои боз ҳам равшантар дарк кардани маънии ин истилоҳ дар зери байти Убайди Зоконӣ як байти дигар аз осори шоири нобиға Абдулқодири Бедил зам шудааст, ки хеле муҷаз ин маъниро дар худ таҷассум менамояд. Аз ҷумла:

З-он амал гар яке шудӣ ботил,
Сади дигар задеш ***чанг*** ба дил.

Дар ин сарчашма истилоҳи «***чанг*** *овехтан ба чизе*» ба маънии «***бо панҷа маҳкам гирифтани*** *чизе*» шарҳ дода шуда, барои тақвияти ин фикр байти пурмазмуни зерини Абулқосим Фирдавсӣ аз достони «Шоҳнома»-и ӯ оварда мешавад:

Ба банди камар-ш андар овехт ***чанг,***
Ҷудо кардаш аз пушти зини хаданг.

Баъд аз ин истилоҳи «***аз чанг додан***» тафсир меёбад, ки ба маънии «***аз даст додан, гум кардан***» сабт шудааст ва дар тақвияти фикр байти зерини шоири маҳбуби тоҷик – Файзӣ оварда мешавад, ки чунин аст:

Эй домани ақл дода аз ***чанг,***
Аз пираҳане мабод дилтанг.

Сипас дар фарҳанг истилоҳи «***ба*** (***ё дар***) ***чанг афтодан***» шарҳ дода мешавад, ки ба маънии: а) «***ба даст афтодан, муяссар шудан, ҳосил шудан»*** пешниҳод мешавад ва барои хубтар дарк кардани истилоҳи мазкур байти зерини шоири хушсухану хушкаломи форсу тоҷик – Ҳофизи Шерозӣ оварда мешавад:

Сӯроҳиею ҳарифе гарат ба ***чанг*** афтод,
Ба ақл нӯш, ки даҳр фитнаангез аст.

Сониян, маънии дигаре, ки дар ин истилоҳ нуҳуфтааст, чун: б) «***гирифтор шудан, ба банд афтодан***» кушода дода шуда, барои тақвияти фаҳмиши ин истилоҳ байти шоири хушсалиқаи тоҷик – Шамсиддини Шоҳин оварда мешавад, ки дар он ин истилоҳ ду бор истифода шудааст:

Аз рақибони ту дар ***чанги*** бало афтодаам,
Ё раб, ин тираниҳодон ба бало ***чанг*** зананд.

Сипас маънии истилоҳи «***ба чанг овардан***» ба фаҳмиши «***ба даст овардан, ҳосил кардан***» маънидод мешавад ва дар тақвияти фикр байти зерини шоири муҳаббатсарои тоҷик – Зебуннисо, ки бо тахаллуси Махфӣ суханварӣ менамуд, оварда мешавад, ки низ дорои маънии баланд аст:

Панҷаи ҳиммат нагирад домани яъсу умед,

Чун Зулайхо гар ба ***чанг*** орем умри рафтаро.

Баъдан дар ин сарчашма истилоҳи «***Ба чанг омадан***» ба маънии истилоҳи «***ба даст даромадан, ҳосил шудан***» шарҳ дода шуда, барои хубтар дарк кардани маънӣ байте аз осори шоири тавонои форсу тоҷик – Низомии Ганҷавӣ оварда мешавад, ки бо истифодаи ин калима маънии байт хеле возеҳ ифодаи худро ёфтааст:

Агар гавҳарат бояду ҳам наҳанг,
Зи дарёи ман ҳарду ояд ба ***чанг.***

2. Ҳамчунин, дар сарчашма истилоҳи «**чанг**» ба маънии «***панҷа ва чанголи ҳайвонот ва мурғони даранда***» шарҳу тавзеҳ ёфта, барои боз ҳам хубтар дарк кардани ин маънӣ байте аз шоири маъруфи тоҷик – Ҳоҷӣ оварда мешавад, ки чунин аст:

Зи кӯҳи фано ҳамла орад паланг,
Бидарронадам ҳамчу оху ба ***чанг.***

Олимони забардасти тоҷик – мураттибони фарҳанг барои тақвияти фикр бо мақсади ба фаҳмиши ин истилоҳ расидан ҷумлае аз осори нависандаи тоҷик Садри Зиёро низ меоваранд, ки чунин аст: «Ҳазрати охунд имрӯз аз чанги он ҷонвар саҳату саломат халос шуданд, хеле болиданд».

3. Сипас маънии маҷозии истилоҳи «***чанг***» ба маънии «*тасаллут, тасарруф*; ***дар чанги*** *касе* ***будан, дар тасарруфи*** *касе* ***будан, дар дасти*** *касе* ***будан***» тавзеҳ дода шуда, барои дарки беҳтари ин истилоҳ байте аз шоири тавонманди тоҷик – Ҳаким Фирдавсии Тусӣ оварда мешавад, ки маънии хеле баландеро соҳиб аст:

Ҳама сар ба сар пок дар ***чанги*** мост,
Бар айвонҳо нақши авранги мост.

4. Баъд аз ин маънии маҷозии истилоҳи «***чанг***» ба маънии «***ҳар чизи хамида, дуто, каҷ ва ё ҳалқамонанд***» шарҳу тавзеҳ ёфта, дар тақвияти фикр байти зерини шоири хушсухани тоҷик – Бадри Чочӣ пешниҳоди хонанда гардонда шудааст:

Ба ***чанги*** турраи ӯ дил чунон муқайяд шуд,
Ки аз сарочаи дил нолаҳои зор омад.

Дар ин саҳифаи сарчашма ҳамчунин истилоҳи «***чанг бар*** (***ё дар***) ***ной ниҳодан***», ки маънии хоси киноявии «***хасисӣ кардан ва пулу мол ғундоштан, аз нафси худ зада мол ҷамъ кардан***»-ро дар бар мегирад. Дар ин робита байти зерини шоири бузурги тоҷик – Саъдии Шерозӣ оварда шудааст, ки дар он низ ин калима ду бор истифода шуда, дорои маънии хеле баланди тарбиявӣ мебошад:

Ниҳода падар ***чанг*** бар нои хеш,
Писар ***чангию*** ной оварда пеш.

Умуман, дар адабиёти классикию муосири тоҷик калимаи «***чанг***» ба маъниҳои хеле зиёд тафсир ёфтааст. Дар баробари он маъниҳое, ки доир ба истилоҳи «***чанг***» дар бораашон сухан гуфтем, ҳамчунин, дар осори адибони адабиёти классикии тоҷик ин калима ба маънии сози мусиқии «**чанг**» низ хеле зиёд вомехӯрад.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар ин бора сухан рафта, барои боз ҳам беҳтар фаҳмидани маънии калима байтҳо аз шоирони тавонманду хушсухани тоҷик – Абулқосим Фирдавсӣ ва Абдураҳмони Мушфиқӣ оварда шудааст:

Ҳама шаб зи овози ***чангу*** рубоб,
Сипаҳро наомад бар ин дашт хоб.
Дуто шудам зи ғами ишқу зор менолам,
Ба нола дол бувад қомати хамидаи ***чанг.***

Сипас дар сарчашмаи мазкур, ки мо бо мақсади фаҳми истилоҳи «**чанг**» аз он истифода намудаем, ин калима ба маънии «***чанги даҳан***» низ оварда шуда, ба маънии зер тафсир меёбад: «чанги хурде, ки аз пӯлод сохта шудааст ва духтарону ҷавонзанон ба дандон газида, бо нӯги ангушти рост менавозанд»; маънии истилоҳи «***чанг задан***» бошад, ҳамчун «***чанг навохтан***» шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Дар ин сарчашма, ҳамчунин, дар радифи калимаи «***чанг***» истилоҳи «***чангзулф***» низ истифода шудааст, ки дорои маънии «*зулфи зебои каҷу хамида*» – «***хамидазулф***» мебошад. Аз байти зерини шоири ширинбаён – Сӯзанӣ низ аён мегардад, ки дар давраи қадим, дар баробари «пирони ***чангпушт***», яъне, «пиронсолон», сози мусиқии «***чанг***»-ро асосан бонувони тоҷик менавохтаанд:

Пирони ***чангпушту*** ҷавонони ***чангзулф,***
Дар ***чанг*** ҷоми бодаю дар гӯш бонги ***чанг.***

Тавре аз байти шоир бармеояд, дар он дар чаҳор мавридд калимаи «***чанг***» истифода шудааст: аз ҷумла, ду маротиба ба маънии «***хамида***» – «чангпушт»-у «чангзулф» ва ду маротибаи дигар ба маънии сози мусиқии «***чанг***».

Дар ҳамин саҳифа, инчунин, байте аз шоир ва мутафаккири барҷаста, донишманди нотакрори соҳаи мусиқии тоҷик – Абдураҳмони Ҷомӣ вомехӯрад, ки дар он истилоҳи «***чангӣ***» истифода шуда, маънии «***навозандаи чанг, мутриб***»-ро дорад, аммо калимаи дигарӣ «***чанг***»-и байт маънии «сози мусиқии «***чанг***»-ро ифода намудааст:

Гоҳ аз ***чангӣ*** гирифтӣ ***чангро,***
Тез кардӣ сӯзнок оҳангро...

Шодравон Абубакр Зубайдӣ, ки замоне дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба ҳайси омӯзгор фаъолият дошт, бо ботакя ба сарчашмаҳои муътамад оид ба истифодаи вожаи «чанг» дар осори ниёгони илму адаби мо, бахусус, Хоҷа Ҳофиз ва Ҳилолӣ чунин менигорад: «Аксарияти шоирони классики адабиёти форсу тоҷик ба ғайр аз фанни шеър, боз илмҳои дигари замони худ, аз ҷумла, мусиқиро хуб медонистанд. Ҳофизи Шерозӣ ва Бадриддин Ҳилолӣ аз ҷумлаи онҳоянд ва ғазалиёти хушоҳангашон гувоҳи ин гуфтаҳост. Ин ду ғазалсарои бузург дар эҷодашон аз истилоҳоти мусиқӣ ва номи созҳои мусиқӣ истифода кардаанд, ки шоҳиди аз илму амали мусиқӣ бохабар будани онҳост».

Олими Эронӣ Алии Даштӣ дар асари «Накше аз Ҳофиз»-и хеш менигорад, ки «Хоҷа мусиқӣ медониста ва шеъри вайро беҳтар аз ҳар шоири дигар метавон дар мусиқӣ гузошт».

Дар байтҳои алоҳидаи Хоҷа Ҳофиз истилоҳи «чанг»-ро ҳам пайдо кардан мумкин аст, ки дорои маънии ин сози мусиқист:

Қадаҳ магир чу Ҳофиз магар ба нолаи ***чанг,***
Ки бастаанд бар абрешими тараб дили шод.

«Абрешими тараб», ки дар ин байти ғазал истифода шудааст, киноя аз торҳои сози мусиқии «чанг» аст.

Дар байтҳои дигари ғазалиёти Ҳофизи бузург номи сози «чанг» ва навозандаи ин созро пайдо кардан мумкин аст. Аз ҷумла, Хоҷа Ҳофиз мефармояд:

Мутриб зи ашъори ман як ғазал,
Ба оҳанги ***чанг*** овар андар амал.

Дар байтҳои ҷудогонаи Ҳофиз бидуни ном бурдани созҳои «чангу рубоб», инчунин, истилоҳоти мусиқӣ ҳам хеле зебо истифода шудаанд:

Дар кунҷи димоғам маталаб ҷойи насиҳат,
К-ин ***гӯша*** пур аз ***замзамаи*** **чангу рубоб** аст.

Дар ин байт Хоҷа Ҳофиз истилоҳоти мусиқии «гӯша» ва «замзама», инчунин, номи созҳои «чанг»-у «рубоб»-ро истифода намудааст, ки ба қавли муаллифи «Анис-ул-арвоҳ»: «гӯша як лаҳни муштақ ё фаръист, ки теъдоди он чиҳилу ҳашт ё шояд бештар бошад...»

Дар байти дигари Хоҷа Ҳофиз низ номи гурӯҳи созҳои мусиқиро пайдо кардан мумкин аст, ки хеле зебо пайи ҳам саф оростаанд:

Чу ғам лашкар орад, биёро сафе:
Зи ***чангу рубобу*** зи ***ною дафе***.

Дар осори адибони классикии тоҷику форс чунин мисолҳоро бешумор пайдо намудан мумкин аст, ки бо истифода аз калимаи «***чанг***» дорои чандин маънии дигар низ мебошанд. Аммо, азбаски шарҳу тавзеҳи ин истилоҳ пажуҳиши жарфтарро талаб менамояд, бо овардани ҳамин маълумот иктифо менамоем.

Хулоса, фарҳанги қадимаи мусиқии мардумии куҳанбунёди тоҷик таърихи ғанию рангин дошта, ба ақидаи Абубакр Зубайдӣ, «ба боғи сарсабзу пур аз меваҳои расидаву лазиз шабоҳат дорад, ки он ҳама бурду бохт, баҳору хазон ва гармиву сардии аз сари миллати мо гузаштаро бо ҳам дидаву роҳи пурпечу фарози онро паси сар намуда, аз жарфнои қарнҳо то ба имрӯз, аз насл ба насл, аз Борбад то ба мо омада расидааст».

Дар ин радиф овозхонону навозандагон ва олимону ҳунармандони маъруфи тоҷик кӯшиши зиёде ба харҷ додаанд, то илми мусиқӣ ва созҳои мусиқии авлодии хешро маҳфуз дошта, онро рушду такомули бештар бахшанд ва барои ин сози мусиқӣ асарҳои нав ба нав эҷод намоянд. Хусусан, таърихи навозандагию ихтироъкории пайвастаи сози мусиқии «**чанг**» собит менамояд, ки шуруъ аз жарфнои асрҳо ин сози дилошӯб ҳамроҳу ҳамнафаси мардуми тоҷик буда, дар ин ҷода навозандагоне чун Озода, Накисову Озодвари Чангӣ ва дигар гулдухтарони тоҷик савту навои сози нафисаи чангро ба гӯши фалак расонидаанд.

Месазад, ки ин сози мусиқии хушовоз имрӯз ҳам дар баробари дигар созҳои мусиқӣ дар базму тараб ва ҷашну маросимҳои мардумии ҷумҳурии офтобрӯямон садо диҳад ва руҳи ниёгони бузургу ҳунармандони чирадаст ва руҳияи миллати куҳанбунёдамонро бо садои дилнавози худ шоду масрур гардонад.



Акбар АБДУСАМАДОВ – сардори нозироти стандарти нашр ва воридоти нусхаҳои хатмии МД “Хонаи китоби Тоҷикистон”-и Вазорати фарҳанг

# ЗИНДАГӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИБРАТОМӮЗ

**Ҳар пора обу хоки Тоҷикистони азиз барои мо муқаддас буда, ҳифзи он рисолати ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад, зеро чун ворисони некном дар домони сабзи ин Ватан камол ёфта, муҳаббат ва садоқати инсониро аз ҳар зарра обу хокаш омӯхтаанд. Модар-Ватан мафҳумҳоеанд, ки бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Ҳангоми ба забон овардани ин вожаҳои зебо, зиндагӣ дар нигоҳамон рангин ва пурҷило менамояд. Дар ҳаёти одамӣ ҳама чиз сарҳад ва меъёр дорад, аммо муҳаббат варзидан ба обу хоки сарзамин марзҳоро убур карда, дар умқи дилҳо маскан мегузинад. Ҳар қадар ки ба Модар-Ватан изҳори муҳаббат намоем, кам аст. З-ин рӯ, моро мебояд, ба қадри ин ганҷинаи бебаҳо бирасем ва онро самимона дӯст дорем.**

Водии Ҳисор чун як гӯшаи биҳиштосои меҳан таърихи пурифтихор дошта, бо фарзонафарзандони хеш маҳбуби дилҳо гардидааст. Ҳангоми саҳифагардон намудани «Донишномаи Ҳисор» бо таърихи он хубтар шинос гардида, аз рӯзгор ва фаъолияти фарзандони баору номуси ин мулки зарнисор ба хубӣ воқиф гардидам. Бо ифтихору фараҳфизоӣ баён медорем, ки сафҳаи рӯзгори мардуми озодасиришти ин водӣ саршори ибрату ифтихор буда, роҳи тайнамудаи онҳо мактаби шуҷоатмандӣ ва ҷасоратмандиро мемонад, ки барои наслҳои оянда боиси ибрат ва омӯзиш ба ҳисоб меравад. Зиёд мехостам, рӯйи авроқи сафедро бо исми шарифи чанде аз мардуми рӯзгордидаи ин ҷо, ки дар ободии сарзамини аҷдодии худ сина сипар кардаанд, мунаввар созам. Бо андешаҳои бешумор ба фикр фурӯ рафтам, ба худ гуфтам, мабодо номи яке аз онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ биравад, то боиси ранҷиши касе гардад. Ба ин хотир эҳтиром мегузорем ба ҳама сокинони шарафманди Ҳисор, ки рӯзгори босаодатеро дар китоби сарнавишти хеш дарҷ намуда, шоистаи ифтихор гардидаанд. Таҳиягарон ва дастандаркорони «Донишномаи Ҳисор» дар мураттабсозии он заҳмати зиёде кашидаанд, далелҳои муътамади таърихиро дар китоб гирд овардаанд, аҳсану офаринашон бод, ки кори хайру савоберо барои насли оянда ба анҷом расонида, аз хеш номи нек ба ёдгор гузоштаанд.



Шукри беҳад аз сарнавишти хеш менамоям. Аз рӯзе, ки ба арсаи кору зиндагӣ қадам ниҳодам, бо одамони фарҳехтаву донишманд рӯ ба рӯ шуда, аз онҳо сабақи кору рӯзгор омӯхтаам. Номи мубораки доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дӯстмурод Ӯроқовро барвақттар шунида будам, лекин бовар надоштам, ки соату лаҳзае фаро мерасад, ки роҷеъ ба рӯзгору фаъолияти ибратбахши ин марди нексиришт меҳрномае рӯйи сафҳа меоварам.

Дӯстмурод Ӯроқов дар ноҳияи Ҳисор ба дунё омада, дар ҳамин мулки зархез аз устодони хеш илму фан омӯхта, пас аз хатми мактаби миёна бо дуои волидон ва пирони рӯзгордидаи деҳа роҳ пеш гирифт сӯйи шаҳри Душанбе. Соли 1956 ба Техникуми молияи пойтахт дохил шуда, онро соли 1959 хатм намуд. Баҳри баланд бардоштани савияи дониши худ соли 1961 ба факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) дохил шуда, ин боргоҳи муътабарро соли 1965 хатм карда, ҳамон сол ба Академияи молияи шаҳри Москва дохил шуда, ба кори илмӣ шуруъ намуда, соли 1969 рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Сипас ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва ба номи Михаил Ломоносов ҳуҷҷат супорида, соли 1989 зери роҳбарии олимони маъруфи иқтисодшинос А. Д. Шармет ва А. Ф. Аксёненко дар мавзуи «Баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои саноатӣ» муваффақона рисолаи докторӣ дифоъ намуд. Фараҳмандона иброз медорем, ки устод Дӯстмурод Ӯроқов дар Осиёи Марказӣ аввалин нафаре мебошад, ки дар ин мавзуъ ҳамчун олими ҷавон рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Корномаи ин олиму муҳаққиқи

заҳматкаш ва ҳар як саҳифаи китоби умраш чун оинаи пурҷилои қисмат боиси ибрату ифтихор мебошад. Дӯстмурод Ӯроқов умри бобаракати хешро сарфи хидмат ба халқу Ватан намуда, тамоми ҳастиашро ба таълиму тарбияи шогирдон бахшида, дар омода намудани мутахассисони соҳаи иқтисодиёт саҳми беназир ва арзишманд гузоштааст. Ҳангоми таҳсил дар шаҳри Москва ба ҷавони тоҷик пешниҳод карданд, ки дар он кишвар бимонад, кору рӯзгорашро идома диҳад. Қавл ҳам доданд, ки агар маслиҳати онҳоро бипазирад, шароити муносиберо барояш муҳайё месозанд, аммо меҳру муҳаббати волидон, дуои пирони рӯзгордида ҳамеша пеши назараш қарор дошт, ғурур ва нангу номуси ватандорӣ намегузошт, ки ӯ тарки обу хоки диёр намояд. Ба дил мегуфт, падару модар маро дар хона интизоранд, пирони деҳ чӣ мегӯянд? «Ана, бачаи Ӯроқбой волидони худро танҳо гузошту кишвари русро ватан кард». Бо ҳамин фикрҳо ба Ватан баргашт. Бо омадани Дӯстмуроди ташнаи илму дониш на танҳо хешу ақрабо, балки ҳамсояҳо хушҳолӣ мекарданд. Рӯзе, ки ба хонаи падар омад, ҳавлӣ тӯйхонаро мемонд, ҳамсояҳо, ёру дӯстон ҳама ба дидорбиниаш меомаданд. Ифтихор мекарданд, ки ҳамдеҳаашон дар як гӯшаи дурдасти олам таҳсил карда, ба ватан баргаштаст. Он рӯз ҳама хурду калони деҳ дар бораи Дӯстмуроди донишманд ҳарф мезаданд, аҳсану офаринаш мехонданд. Бобои Ӯроқбой ба занҳои хонадон амр дод, ки дасту остин барзананд, ба ифтихори писараш дар танӯр нони чаппотӣ пӯхта, шӯрбо ва оши палав омода намоянд, маъракаи шодиёна биороянд, хурду бузурги деҳаро ба меҳмонӣ даъват созанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Занҳои хона амри саркори оиларо иҷро карда, маъракаи хубе ороста, мӯйсафедону кампирони деҳро даъват карданд. Ҳама ба Дӯстмурод бо дидаи ҳавас менигаристанд, фарзандони худро талқин мекарданд, ки аз писари амаки Ӯроқбой ибрат гиранд. Субҳи рӯзи дигар бо дуои падари рӯзгордида ва модари мушфиқу ғамхораш сӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон раҳсипор гардид. Устодонаш аз дидораш шоду масрур гаштанд, ба ӯ шароити мусоиди корӣ фароҳам овардаанд, то ин ки таҷрибаи андӯхтаашро ба донишҷӯён омӯзонад.

Ҳамин тариқ, солҳои 1969-1986 ба ҳайси ассистент, солҳои 1981-1992 ҳамчун мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва иқтисодии донишгоҳ фаъолият намуда, дар тарбияи шогирдон саҳми шоиста гузошт. Дониш ва таҷрибаи андӯхтаашро ба эътибор гирифта, ба вазифаи пурмасъул таъйинаш намуданд. Солҳои 1992-2009 ба сифати декани факултаи баҳисобгирии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти ибратбахш намуда, бо фаъолияти густардаи ин марди ҳалиму хоксор факултет ба дастовардҳои зиёди илмӣ ноил гардид. Зери роҳбарии устод Дӯстмурод Ӯроқов 20 нафар рисолаи номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намуда, дар ҷодаи илм соҳибмақом гардиданд. Устод муаллифи ҳашт монографияи илмӣ, китобҳои дарсӣ, шаш дастури таълимӣ ва муаллифи 250 мақолаи илмӣ мебошад.

Ӯ ҳамчун академики Академияи Авруосиё дар конфронсҳои байналмилалӣ бо маърӯзаҳои илмӣ дар шаҳрҳои Москва, Теҳрон, Тошканд, Алмаато, Кишинёв, Боку, Истамбул, Мюнхен, Новосибирск суханронӣ ва илми тоҷикро дар микёси ҷаҳон муаррифӣ намудааст. Соли 1997 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои саҳми муносиб дар рушди илми муосир Дӯстмурод Уроқов бо унвони «Арбоби илму техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд. Ин марди арсаи нангу номус барои саҳми арзанда гузоштан дар пешрафти илму маориф соли 1985 бо нишони «Аълочии мактабҳои олии Шуравӣ» қадрдонӣ ва соли 1992 чун узви вобастаи Академияи мактабҳои олии Шуравӣ пазируфта шуд. Устод Дӯстмурод Ӯроқов фориғ аз корҳои илмӣ ва таълиму тарбияи шогирдон, ба эҷоди асарҳои бадеӣ машғул мегардид, ки романҳои «Овора» ва «Муҳофиз» маҳз бо қалами ин марди озоданиҳод тааллуқ доранд.

Сурайё Дӯстмуродзода – духтари марди фарзона, шодравон Дӯстмурод Ӯроқов буда, вориси ин шахсияти бузург аст. Роҳи зиндагии Сурайё Дӯстмуродзода роҳи масъулият, хирад ва нангу номус аст. Агарчи имрӯз устод Дӯстмурод Ӯроқов миёни мо нест, аммо кору амали нек, фарзандон, шогирдони бешумор ва осори таълифнамудааш номашро зиндаву ҷовид нигоҳ медоранд. Аз муҳаббати беолоиш миёни ду ҷуфти бо ҳам зебанда – Дӯстмурод Ӯроқов ва ҳамсафари ҳаётиаш, апаи Шамсинисо панҷ фарзанди хирадпеша - Кибриё, Сурайё, Ҷамила, Абубакр ва Бахтиёр чун нишоне аз ишқу садоқати пок ба ёдгор монда, ки ҳар яке бо кору амали нек номбардори сулолаи худ гаштаанд. Кибриё ва Ҷамила номзади илмҳои иқтисодӣ мебошанд. Ҷамила идомадиҳандаи пешаи падари хеш гардида, ҳамчун устоди Донишгохи миллии Тоҷикистон ба шогирдон дарс мегӯяд. Кибриё яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи бонкдорӣ ба шумор рафта, дар ин самт фаъолияти босамар дошта, шогирдони зиёдеро ба камол расонидааст. Ҳамчунин, дар чандин конфронси сатҳи байналмилалӣ дар соҳаи бонкдорӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, кишвари азизамонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудааст. Сурайё Дӯстмуродзода ҳамчун ҳуқуқшиноси соҳибтаҷриба ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти босамар дошта, дар таҳияи як силсила қонуну санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ саҳми арзишманд дорад. Абубакр ва Бахтиёр – писарони бофазли устод, яке иқтисодчии соҳибтаҷриба, дигаре ҳамчун хоҷагидори номдор фаъолияти босамар дошта, саҳми хешро дар рушду нумуи ҷумҳурӣ гузошта истодаанд.

Ҳаёт ва фаъолияти чунин шахсиятҳо мактаби тарбияи насли наврас буда, бохабар шудан аз бурду бохти онҳ о аз аҳаммият холӣ нест.

*Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 27 марти 2019, №1714тасдиқ шудааст*

# ТАРТИБИ ҚАБУЛ, БАҚАЙДГИРӢ, НИГОҲДОРӢ ВА СУПОРИДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ НАМУНАИ ДАВЛАТӢ ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТ

1. Тартиби мазкур мутобиқи қисми 19 моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 8-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби қабул, бақайдгирӣ, нигоҳдорӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилотро муайян менамояд.

2. Тайёр кардани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот ҳар сол ба миқдори зарурӣ танҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти эҳтиёҷоти ҳамаи муассисаҳои таълимӣ (новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият) дар асоси пешниҳоди маълумоти омории шуъбаи низоми ахбороти идоракунии маориф ва илм ба роҳ монда мешавад. Ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот дорои силсила, рақами пай дар пай ва хатҳои ҳимояшаванда буда, ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ мебошанд.

3. Муассисаҳои таълимие, ки (ба истиснои муассисаҳои томактабӣ) тибқи санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти таълим иҷозатнома доранд ва аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, ба хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм мегузаранд, дар бораи таҳсилот ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии зеринро медиҳанд:

- **аттестат** дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9);
- **аттестати** аъло дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, ки синфҳои 1-9-ро бо баҳои аъло хатм мекунанд;
- **аттестат** дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ – барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11 (12);
- **медали тилло** ва аттестати намунаи махсус барои хатмкунандагони ҳама гуна муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ки синфи 9-ро бо баҳои «5» (аъло) хатм кардаанд ва ҳангоми таҳсил дар синфҳои 10,11 (12) бо баҳои «5» (аъло) таҳсил намуда, имтиҳоноти хатмро бо баҳои «5» (аъло) супоридаанд ва дорои рафтори намунавӣ мебошанд, тибқи Тартиби муқарраргардида дода мешавад;
- **медали нукр**а ва аттестати намунаи махсус барои хатмкунандагони ҳама намудҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ки синфи 9-ро бо баҳои «5» (аъло) хатм кардаанд ва ҳангоми таҳсил дар синфҳои 10,11 (12) имтиҳонҳоро бо баҳои «5» (аъло) супоридаанд ва дорои рафтори намунавианд, лекин аз рӯйи на бештар аз ду фан баҳои солонаи «4» (хуб) дошта аз фанҳои дигар баҳои ҷамъбастии «5» (аъло) доранд ва имтиҳони хатми синфи 11 (12)-ро бо баҳои «5» (аъло) супоридаанд, тибқи Тартиби муқарраргардида дода мешавад;
- **диплом** дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- **диплом** дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- **диплом** дар бораи таҳсилоти олии касбӣ (бакалавр, мутахассис, магистр) – барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;
- **дипломи аъло** – ба хатмкунандагоне дода мешавад, ки тибқи муқаррароти мавҷуда муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбиро бо баҳои аъло хатм мекунанд;
- **шаҳодатнома** дар бораи касб (дараҷа, синф, гурӯҳ) барои шахсоне, ки бо тартиби муқарраршуда касб омӯхтаанд (курсҳои кӯтоҳмуддати 3-9 моҳа);
- **сертификат** барои шахсоне, ки таҳсилоти иловагӣ мегиранд (курсҳои кӯтоҳмуддати 1-2 моҳа).

4. Ҷиҳати қабул, бақайдгирӣ, нигоҳдорӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот ҳар сол бо фармоиши роҳбари мақомоти дахлдор (раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ) шахси масъул таъйин карда мешавад. Шахси масъул нафаре таъйин карда мешавад, ки дар муассисаи таълимӣ ё раёсату шуъбаҳои маориф бевосита ба қабулу тақсимоти ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот вазифадор мебошад.

5. Ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот аз ҷониби раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми махсус) ба шахсони масъултаъиншудаи раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мактаб-интернатҳои мақоми ҷумҳуриявидошта, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, литсей ва гимназияҳои сохтории назди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, литсей-интернат ва мактабҳои Президентӣ барои хонандагони болаёқат ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ), нобаваста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият бо назардошти гузаштан аз аккредитатсияи давлатӣ ва доштани иҷозатнома барои додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот танҳо баъд аз пардохти маблағи онҳо дар асоси пешниҳоди расиди пардохти маблағ ва ҳуҷҷатҳои зерин, ки бо муҳри мудаввар ва имзои роҳбари муассисаи дахлдор (раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ) тасдиқ шудаанд, дар муддати панҷ рӯз супорида мешаванд:

а) Ба масъули раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мактаб-интернатҳои мақоми ҷумҳуриявидошта, литсей ва гимназияҳои сохтории назди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, литсей-интернат ва мактабҳои Президентӣ барои хонандагони болаёқат ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ)-и аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта, нобаваста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият дар як сол як маротиба баъд аз хатми муассисаи таълимӣ дар асоси пешниҳоди:

- дархост (дар дархост теъдоди хатмкардагон ва рақами фармоиши хатми онҳо, намуду миқдори ҳуҷҷат ва насаб, ном, номи падари шахси масъул қайд карда шуда, ба дурустии маълумот аз ҷониби роҳбари муассисаи дахлдор кафолат дода мешавад);

- нусхаи фармоиш оид ба таъини шахси масъул (фармоиши таъини шахси масъул ҳар сол аз нав ба тасвиб расонида шуда, дар он насаб, ном, номи падар ва вазифаи хидматии шахси масъул нишон дода мешавад);

- нусхаи қарори ҷаласаи Мушовараи раёсати маориф ё нусхаи қарори Шурои шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, нусхаи қарори Шурои омӯзгории муассисаи таълимӣ (муассисаҳое, ки мустақиман ҳуҷҷат мегиранд);

- нусхаи фармоиш оид ба хатми хатмкунандагон (оид ба хатми хатмкунандагон баъд аз супоридани имтиҳони охирин дар муддати се рӯз фармоишҳои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо қайди пурраи насаб, ном ва номи падари хатмкунандагон ба имзо расонида шуда, ба раёсату шуъбаҳои маориф пешниҳод мегарданд (ба истиснои муассисаҳое, ки мустақиман ҳуҷҷат мегиранд ва фармоиши хатмро ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд). Дар асоси фармоишҳои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фармоиши сардорону мудирони раёсату шуъбаҳои маориф дар бораи хатми хатмкунандагон ба тасвиб расонида мешавад. Дурустии фармоишҳои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз ҷониби сардорону мудирони раёсату шуъбаҳои маориф тасдиқ карда шуда, ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад);

- бовариномa (аз ҷониби сармуҳосиб пурра, дуруст, бехато ва хоно навишта шуда, дар он имзои роҳбари аввал, сармуҳосиб ва шахси масъул (ҳуҷҷатгиранда) бо нишон додани насаб, ном, номи падар гузошта мешавад ва бо муҳри мудаввари муассиса тасдиқ мегардад. Дар бовариномa миқдори зарурии ҳуҷҷат нишон дода мешавад);

- намунаи имзоҳои тасдиқшудаи роҳбари муассиса ва сармуҳосиб;

- нусхаи шиносномаи шахси масъул (шахси масъул ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳо бояд ҳатман бо худ шиносномаи аслро низ дошта бошад).

б) Ба масъули муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар як сол як маротиба баъд аз хатми муассисаи таълимӣ (ба истиснои курсҳои кӯтоҳмуддати аз 1 то 9-моҳа ва шуъбаҳои ғоибона) дар асоси пешниҳоди:

- дархост (дар дархост теъдоди хатмкунандагон ва рақами фармоиши хатми онҳо, намуду миқдори ҳуҷҷат ва насаб, ном, номи падари шахси масъул қайд карда шуда, ба дурустии маълумот аз ҷониби директори муассисаи таълимӣ кафолат дода мешавад);

- нусхаи фармоиши директор оид ба таъини шахси масъул (фармоиши таъини шахси масъул ҳар сол аз нав ба тасвиб расонида шуда, дар он насаб, ном, номи падар ва вазифаи хидматии шахси масъул нишон дода мешавад);

- нусхаи қарори Комиссияи аттестатсионии хатм ё Шурои омӯзгорӣ;

- нусхаи фармоиши директор оид ба хатми хатмкунандагон (фармоиши директори муассисаи таълимӣ оид ба хатми хатмкунандагон баъд аз супоридани имтиҳони охирин дар муддати се рӯз ба тасвиб расонида мешавад, ки дар он насаб, ном ва номи падари хатмкунандагон ва касбу ихтисоси хатмнамудаи онҳо пурра дарҷ мегардад);

- боваринома (аз ҷониби сармуҳосиб пурра, дуруст, бехато ва хоно навишта шуда, дар он имзои роҳбари аввал, сармуҳосиб ва шахси масъул (ҳуҷҷатгиранда) бо нишон додани насаб, ном ва номи падар гузошта мешавад ва бо муҳри муассиса тасдиқ мегардад. Дар боваринома миқдори зарурии ҳуҷҷат нишон дода мешавад);

- намунаи имзоҳои тасдиқшудаи роҳбари муассиса ва сармуҳосиб;

- нусхаи шиносномаи шахси масъул (шахси масъул ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳо бояд ҳатман бо худ шиносномаи аслро низ дошта бошад).

в) Ба масъули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар як сол ду маротиба (давраи хатми шуъбаи рӯзона ва шуъбаи ғоибона) дар асоси пешниҳоди:

- дархост (дар дархост теъдоди хатмкунандагон ва рақами фармоиши хатми онҳо, намуду миқдори ҳуҷҷат, насаб, ном ва номи падари шахси масъул қайд карда шуда, ба дурустии маълумот аз ҷониби роҳбари муассисаи таълимӣ кафолат дода мешавад);

- нусхаи фармоиши ректор (директор) оид ба таъини шахси масъул (фармоиши таъини шахси масъул ҳар сол аз нав ба тасвиб расонида шуда, дар он насаб, ном, номи падар ва вазифаи хидматии шахси масъул нишон дода мешавад);

- нусхаи фармоиши ректор (директор) оид ба хатми хатмкунандагон (фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ оид ба хатми хатмкунандагон баъд аз супоридани имтиҳони охирин дар асоси қарори Комиссияи аттестатсионии хатм дар муддати се рӯз ба тасвиб расонида мешавад, ки дар он насаб, ном, номи падари хатмкунандагон ва ихтисосу факултети хатмнамудаи онҳо пурра дарҷ мегардад);

- боваринома (аз ҷониби сармуҳосиб пурра, бехато, дуруст ва хоно навишта шуда, дар он имзои роҳбари аввал, сармуҳосиб ва шахси масъул (ҳуҷҷатгиранда) бо нишон додани насаб, ном ва номи падар гузошта мешавад ва бо муҳри мудаввари муассиса тасдиқ мегардад. Дар боваринома миқдори зарурии ҳуҷҷат нишон дода мешавад);

- намунаи имзоҳои тасдиқшудаи роҳбари муассиса ва сармуҳосиб;

- нусхаи шиносномаи шахси масъул (ба истиснои муассисаҳои таълимии мақомоти қудратӣ, ки дар асоси шаҳодатнома ҳуҷҷат мегиранд, шахси масъул ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳо бояд ҳатман бо худ шиноснома ва ё шаҳодатномаи аслро низ дошта бошад);

6. Роҳбарони раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки тибқи талаботи банди 5-и Тартиби мазкур ҳуҷҷатҳо ва маълумоти тасдиқкунандаро ба таври дуруст ва аниқу дақиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Дар мавриди носаҳеҳ будани ҳуҷҷатҳо масъулини Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро барои ислоҳ бармегардонанд ва нисбати роҳбарони мақомоти дахлдоре, ки дар таҳияи ҳуҷҷатҳо ба камбудиҳо роҳ медиҳанд, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои дахлдор андешида мешавад.

7. Раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мактаб-интернатҳои мақоми ҷумҳуриявидошта, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, литсей ва гимназияҳои сохтории назди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, литсей-интернат ва мактабҳои Президентӣ барои хонандагони болаёқат ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ) новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият бо назардошти гузаштан аз аккредитатсияи давлатӣ ва доштани иҷозатнома ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилотро дар асоси «борхат» аз раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми махсус) қабул намуда, дар китоби бақайдгирӣ (дар муассисаи таълимӣ) силсила ва рақами онҳоро қайд мекунанд ва баъд аз як моҳ оид ба натиҷаи тақсимоти ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот дар асоси фармоиши хатм бо нишондоди насаб, ном, номи падари хатмкардагон ва силсилаву рақами ботартиби ҳуҷҷатҳои таҳсилот ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври хаттӣ ҳисобот пешниҳод менамоянд.

8. Борхат аз ҷониби масъули раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми махсус) омода карда мешавад, ки дар он вазири маориф ва илми ҶумҳурииТоҷикистон, сардори шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (корманди қисми махсус, ҳуҷҷатсупоранда) ва шахси масъул таъиншудаи мақомоту муассисаҳои таълимии дахлдор (ҳуҷҷатқабулкунанда) имзо мегузоранд. Борхат дорои рақами бақайдгирӣ буда, дар он таърихи гирифтани ҳуҷҷат, рақам ва таърихи боваринома, насаб, ном, номи падар ва вазифаи шахсони ҳуҷҷатсупору ҳуҷҷатқабулкунанда, силсила, рақам, миқдор ва маблағи ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот нишон дода мешавад.

9. Ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилотро масъулони раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз Вазорати маориф ва илм қабул намуда, тибқи Тартиби муқарраргардида дар асоси санад ё борхат ба директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ месупоранд.

10. Раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ нисбати ҳуҷҷатҳое, ки тавассути борхат дар ҳолати корношоямӣ қабул карда шудаанд, дар ду нусха санад тартиб дода, дар санад силсила ва рақами ҳуҷҷатҳоро нишон медиҳанд ва як нусхаи онро дар якҷоягӣ бо ҳуҷҷатҳои корношоям барои ислоҳ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

11. Ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсату шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таълимие, ки ба онҳо дар асоси қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ ҳуқуқи супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот дода шудааст, дар китобҳои махсус ба қайд гирифта мешаванд.

12. Дар китобҳои бақайдгирӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот рақами бақайдгирӣ, насаб, ном ва номи падари ҳуҷҷатгиранда (тибқи фармоиши хатм), силсила ва рақами ҳуҷҷат (ботартиб), синф, ихтисос, факултет, соли дохилшавӣ ва соли хатми хатмкунанда нишон дода мешавад.

13. Ҳамасола ҳангоми гирифтани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот хатмкардагон дар сутуни охирини китоби бақайдгирӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳо дар рӯ ба рӯйи ному насабашон имзо мегузоранд.

14. Дар китобҳои бақайдгирӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот набояд ягон ҷойи ифлосшудаи дастнавис ва тарошидаю ислоҳкарда бошад, ворид намудани ислоҳ ва навиштаҷоти иловагӣ қатъиян манъ аст. Дар сурати ворид намудани ислоҳ он ҳатман бо имзо ва муҳри мудаввар тасдиқ карда мешавад.

15. Пур кардани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот дар асоси шиносномаи хатмкунанда (шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва фармоиши хатм ба роҳ монда шуда, аз ҷониби шахсони масъуле, ки тавассути фармоиши роҳбари муассиса барои пур кардани ҳуҷҷатҳо вазифадор гардидаанд, сурат мегирад.

16. Ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот баробари дастрас гардидан дуруст, бехато, хоно ва бо ҳусни хати зебо пур карда шуда, дар муҳлатҳои муайян ба хатмкардагон супорида мешаванд. Дар сурати муроҷиат накардани хатмкарда ҳуҷҷати пуркардашуда ба муддати 70 сол дар муассисаи таълимӣ нигоҳ дошта мешавад.

17. Дар вақти пур кардани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот роҳ додан ба хатогиҳо қатъиян манъ буда, ҷавобгарӣ ба дӯши роҳбари муассиса ва масъули навиштани ҳуҷҷат гузошта мешавад.

18. Ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми пур кардан нодуруст қайд гардида, корношоям мешаванд ё ин ки бинобар тағйири насаб, ном ва номи падар ба мақомоти дахлдор пас гардонида мешаванд, иваз карда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои корношоямгашта (ҳангоми пур кардан) ё ивазшаванда (тағйири насаб, ном ва номи падар) дар асоси қарори Шурои омӯзгорӣ, фармоиши роҳбари муассиса ва санад аз эътибор соқит диниста шуда, аз ҷониби комиссияи махсус силсила ва рақами онҳо бурида шуда, дар китоби қайди ҳуҷҷатҳои корношоямгашта қайд мегардад ва ба санад ширеш карда мешавад. Китобу санади мазкур давоми 70 сол нигоҳ дошта мешаванд.

19. Санад бо муҳри мудаввар ва имзои роҳбари муассиса дар ду нусха тасдиқ гардида, дар он имзои аъзои комиссия гузошта мешавад ва як нусхаи он ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

20. Дар сурати иваз шудани масъули қабул, бақайдгирӣ, нигоҳдорӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот ё роҳбари муассисаи таълимӣ ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот, китобҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳо, борхатҳо, боварономаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот асос шудаанд, дар асоси санад бо нишон додани силсила, рақам ва ҳолати нигоҳдории онҳо ба шахси масъул ва роҳбари муассисаи таълимии навтаъиншуда супорида мешаванд.

21. Дар ҳолати ба таври номаълум ғайб задани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот (пуркарданашуда) масъулини раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ вазифадоранд, ки бо нишон додани силсила ва рақами ҳуҷҷати гумшуда мақомоти корҳои дохилиро огоҳ намоянд ва аз натиҷаи корҳои дар ин самт ба сомон расонидашуда ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш пешниҳод намоянд.

22. Муассисаи таълимӣ дар асоси ариза ба шаҳрвандоне, ки ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилотро гум кардаанд, насаб, ном ва номи падарашонро иваз кардаанд, хато пур карда шудаанд, корношоям гаштаанд ё аз офатҳои гуногун (сӯхтор, сел ва ғ.) нест шудаанд, ҳуҷҷати такрорӣ медиҳад. Дастрас намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ (барои гирандагони ҳуҷҷати такрорӣ) аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи банди 5-и Тартиби мазкур моҳе як маротиба тавассути шахсони масъул таъиншуда сурат мегирад.

23. Ҳуҷҷати такрорӣ дар китоби бақайдгирӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот сабт карда мешавад.

24. Ҳуҷҷати такрорӣ новобаста аз соли хатмкунии муассисаи таълимӣ дар асоси маълумоти бойгонӣ супорида мешавад.

25. Дар тарафи рости кунҷи болои ҳуҷҷати такрорӣ калимаи «ТАКРОРӢ» ё «ДУБЛИКАТ» дарҷ карда мешавад.

26. Ҳуҷҷати такрорӣ дар асоси талаботи зерин супорида мешавад:

- шахси ҳуҷҷатгумкарда ё ҳуҷҷативазкунанда бо ариза ба муассисаи таълимие, ки ба ӯ ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот додааст, оид ба гум кардани ҳуҷҷат ё иваз кардани он бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (маълумотнома аз мақомоти корҳои дохилӣ, эълон дар нашрияҳои расмии ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ, нусхаи шиноснома ва ҳуҷҷатҳои тасдиқӣ оид ба ивази насаб, ном, номи падар ва ғ.) муроҷиат менамояд;

-муассисаи таълимӣ дар асоси аризаи шаҳрванд ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба беэътибор донистани ҳуҷҷати гумшуда ва ё ивазшаванда дар асоси қарори Шурои омӯзгорӣ ё Комиссияи аттестатсионии хатм фармоиш ба тасвиб расонида, ба муассисаи дахлдоре, ки аз он ҷо тавассути борхат ҳуҷҷат мегирад, оид ба ҷудо намудани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (дархост, рӯйхати муроҷиаткунандагон бо қайди фармоиши дохилшавӣ ва хатми ҳуҷҷатгиранда, нусхаи қарори Шурои омӯзгорӣ ё Комиссияи аттестатсионии хатм, маълумотнома дар бораи таҳсил, нусхаи шиноснома, табели баҳои пешрафт, санад ва нусхаи ҳуҷҷати корношоямшуда (барои ивазнамоӣ), маълумотномаи мақомоти корҳои дохилӣ ва эълон дар рӯзномаҳои расмӣ (барои аз эътибор соқит донистани ҳуҷҷати гумшуда), боваринома, намунаи имзоҳои тасдиқшудаи роҳбари муассиса ва сармуҳосиб, расиди пардохти маблағи ҳуҷҷат, нусхаи шиносномаи шахси масъул, фармоиши роҳбари муассиса оид ба гирифтани ҳуҷҷати иловагӣ ва нусхаи фармоиши таъини шахси масъул) муроҷиат менамояд;

- ҳуҷҷати такрорӣ дар бораи таҳсилот ба муроҷиаткунанда дар муҳлати 2 моҳ супорида мешавад;

- дар вақти супоридани ҳуҷҷати такрорӣ дар китоби бақайдгирӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот ҳамчун эзоҳ қайд карда мешавад, ки «ҳуҷҷати такрорӣ ба ивази ҳуҷҷати гумшуда (бо нишон додани силсила ва рақам) супорида шуд»;

- дар ҳуҷҷати такрорӣ роҳбари муассиса ва шахсони масъул имзо мегузоранд.

27. Ба як хатмкунанда навиштан ва супоридани ду ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот қатъиян манъ аст. Ҳуҷҷати якум бояд ҳатман пеш аз додани ҳуҷҷати дуюм дар асоси тартиби муқаррашуда аз эътибор соқит дониста шавад.

28. Дар сурати барҳам хурдан, табдилдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва ё иваз шудани номи муассисаи таълимӣ ҳуҷҷати такрорӣ дар бораи таҳсилот аз тарафи муассисаи таълимии

азнавташкилшуда, ки дар бойгониаш ҳуҷҷатҳои муассисаи таълимии қаблӣ мавҷуданд, дода шуда, бо имзои роҳбари муассиса, муовинон, аъзои комиссия ва муҳри мудаввари муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад.

29. Дар сурати барҳам хурдани муассисаи таҳсилоти умумӣ ҳуҷҷати такрорӣ дар бораи таҳсилот аз тарафи раёсат ва ё шуъбаи маориф дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дода шуда, бо муҳри мудаввари раёсат ё шуъба тасдиқ карда мешавад.

30. Дар ҳолати барҳам хурдани муассисаи таълимӣ, муассисае, ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи барҳамхурдаро ворисӣ менамояд, ҳуқуқи додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот (аттестат, диплом) ва ё дубликати онро дорад.

31. Ҳуҷҷатҳои муассисаҳои таълимии барҳамдодашудае, ки дар мақомоти бойгонӣ нигоҳ дошта мешаванд, тибқи фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба муассисаи таълимие, ки равия ва ихтисоси якхелаи муассисаи таълимии қаблиро дорад, дода мешаванд.

32. Фармоиши мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм дар асоси маълумотномаи тасдиқкунанда оид ба таҳсил (қарори Шурои омӯзгорӣ, фармоиши қабул ва хатм, протоколи аттестатсияи хатм, варақаи баҳои аз курс ба курс гузаштан) амалӣ мешавад.

33. Ҳуҷҷати такрорӣ дар бораи таҳсилот ба шахсе, ки парвандаи шахсӣ надорад, бе замимаи баҳо дода шуда, танҳо пас аз дарёфт гардидани парвандаи шахсии хатмкунанда, протоколи комиссияи имтиҳонотӣ, табели баҳо, китоби бақайдгирӣ ва супоридани ҳуҷҷатҳои хатм ва асосноккунии хатми муассисаи таълимӣ ба муроҷиаткунанда замима ба ҳуҷҷати такрорӣ супорида мешавад.

34. Асосноккунии хатми муассисаи таълимӣ тибқи маълумоти зерин муайян карда мешавад:

- гувоҳии хаттии на камтар аз се нафар омӯзгоре, ки ба хатмкунанда дарс гузаштааст ва роҳбар ё муовинони ӯ;
- нусхаи ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот, ки тибқи тартиби муқарраршуда тасдиқ карда шудааст;
- дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба хатми муассисаи таълимӣ (қарори Шурои омӯзгорӣ ё Комиссияи аттестатсионии хатм, табели баҳо, фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба қабул ва хатми муассисаи таълимӣ ва ғайра).

35. Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар бораи хатми муассисаи таълимӣ (фармоиши қабул, хатм, қарори Шуро, китоби қайди додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот) ба муроҷиаткунанда танҳо дар асоси санади судӣ ҳуҷҷат дода мешавад.

36. Додани ҳуҷҷатҳои такрорӣ бо як сабаб танҳо ду маротиба мумкин аст, маротибаи сеюм ҳуҷҷат дар асоси иҷозати мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дода мешавад.

37. Ба нафароне, ки ҳақиқатан муассисаҳои таълимиро хатм намудаанду ба онҳо бо сабабҳои гуногун (насупоридани маблағи таҳсил, муроҷиат накардан, пешниҳод накардани нусхаи шиносномаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, набудани бланкаи ҳуҷҷати таҳсилот) аз соли хатм то давраи муроҷиат умуман ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот навишта дода нашудааст, дар асоси аризаи муроҷиаткунанда, нусхаи шиносномаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санади комиссия оид ба ҳақиқатан дода нашудани ҳуҷҷат ба муроҷиаткунанда ва инчунин, фармоиши қабул, хатм, қарори Шуро ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ҳуҷҷат омода намуда, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот дода мешавад.

> Ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда ва гар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст. Ҳунарманд ҳар ҷо, ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад ва беҳунар лукма чинаду сахтӣ бинад.
>
> **Саъдии Шерозӣ**

# МУАММОИ «НОДИР»




1. Мамнуъгоҳи таърихӣ дар водии Дарвоз. 2. Ҳиссаи нутқ. 3. Муродифи вожаҳои «оре», «бале». 4. Камёфт, ноёб. 5. Асбоби мусиқӣ. 6. Маркази давлати Сомониён. 7. Маҷмуаи ашъори Лоиқ Шералӣ. 8. Ҳар дафъа, ҳар бор, карат. 9. Миллат. 10. Бадан, тан, ҷасад. 11. Асбоби тории мусиқии миллӣ. 12. Пиндор, фикру хаёл, тасаввур. 13.Қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 14. «Сару сомони *** сар омад» (М. Қаноат). 15. Амали математикӣ. 16. Ҳосил, натиҷа. 17. Бузург, кабир. 18. Ҳабдаҳ, бист, шаш. 19. Шахси ба дил наздик. 20. Ба манзил мерасонад. 21. Нахустин маҷмуаи ҳикояҳои Раҳим Ҷалил. 22. Исми адиби тоҷик, тарҷумони асари «Достони пӯсти палангинапӯш». 23. Пойтахти давлат дар қитъаи Африқо. 24. Ҳайвони даранда. 25. Номи навое аз мусиқии классикӣ.

***Мураттиб***
***Ҳотами ҲОМИД***